ТУЙЧӢ МИРЗОД

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

# 9



Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.

**АБӮАБДУЛЛОИ РӮДАКӢ**



Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,
Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.

Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред.

Нигар то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

**АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ**



Ростӣ кун, то ба дил чун чашми сар бино шавӣ,
Ростӣ дар дил туро чун чашми сар бино кунад.

Накӯхоҳу ба кас роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ чораи бечорагон бош.

Зи некон бошу андар некӯӣ кӯш,
Макун некии кас аз дил фаромӯш.

**НОСИРИ ХУСРАВ**



Насиҳат некбахтон ёд гиранд,
Бузургон панди дарвешон пазиранд.

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ гардад замон!

Бар ҳама халқ сарфароз бувад ҳар кӣ чу сарв,
Покдоман буваду ростраву кӯтоҳдаст.

**УБАЙДИ ЗОКОНӢ**



Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

**АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**



Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.
Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри мулку деҳқон дигар аст.
Марди косибро зи ранҷи даст бар каф обила,
Шуд далели гавҳари максуд, к-аш даст андар аст.

**АЛИШЕРИ НАВОӢ**

ТӮЙЧӢ МИРЗОД

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ**
**барои синфи**

# 9

*Ҳайати мушоварои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

PLEIADIES
PUBLISHING, INC.
2004

# ШОГИРДИ АЗИЗ!

Китобе, ки ҳоло дар даст дорӣ, гулбоғи адаб аст. Ба он ворид шав, раста-раста гулгаштҳо ва гулҳои тару тозаро мебинӣ.

Аз растаи гулгаштҳо шитобон магзар, бо андешаю фаросат таваққуф намо, пас по гузор. Ҳаргиз аз ин гулистон дастхолӣ, бе гулдаста набаро! Дастаи гуле барои рӯзгори оиндаат гир! Вай дар шоҳроҳи ҳаёт бароят ҳамчун машъал раҳнамо, рӯҳбардору мададгор хоҳад гашт.

Китобатро хор мадор! Ифлос макун, варақҳояшро надарон! Зеро вай дӯсти ҷонӣ, дӯсти беминнати туст. Бесабаб нест, ки кофиласолори назми Шарқ, Абдураҳмони Ҷомӣ китобро аз ҳамаи сарвату бойгариҳо боло гузоштааст. Сухани Ҷомии бузургро дар хотир дор ва ҳаргиз фаромӯш накун:

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест!
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

Хонандаи азиз, дар синфи VIII бо ҳаёту зиндагии бузургони гузашта Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон шинос шудӣ, асарҳои ҷовидонаи онҳоро омӯхтӣ. Акнун дар синфи IX, бо ҳаёту эҷодиёти пурбаракати адибони соҳибистеъдоди асрҳои XV–XX шинос мешавӣ.

Осори ҷовидонаи Абдураҳмони Ҷомӣ, ки то як андозае ҷамъбасти адабиёти 500-солаи тоҷику форс аст, бароят дари ганҷинаи маърифатро мекушояд. Аз ин рӯ, онро дақиқназарона омӯз, то ки дар зиндагӣ мавқеъ ёбӣ ва ба халқу Ватан содиқона хизмат кунӣ.

Асарҳои Камолиддин Биноӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Кошифӣ, Сайидои Насафӣ, Бедил, Аҳмади Дониш, Шоҳин, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва дигаронро амиқтар хон, то ки аз моҳият ва ғояҳои олии осори онон беҳтар огоҳ шавӣ, санъати волои суханистариро омӯзӣ. Ба ин восита аз рӯзгори аҷдод, орзую омоли онон беҳтар ва бештар бархурдор гардӣ.

Биёмӯз, то ки пас аз омӯзиши бузургон соҳибҳунар шавӣ ва фарзанди арзандаи аҷдоди худ бошӣ!

# АДАБИЁТИ АСРҲОИ XV-XVI

## ҲАЁТИ ИЛМӢ-МАДАНӢ

Ҳаёти илмиву маданин Осиёи Миёна ва Хуросон дар асрҳои XV–XVI то як андоза пеш рафт. Албатта, ин бесабаб набуд. Пойтахти империяи бузурги Темур (1336–1404) – шаҳри бостонии Самарқанд дар он рӯзгор хеле обод гардида, дар байни шаҳрҳо шӯҳрати хоссае дошт. Ин шоҳи шӯҳратпараст аз кишварҳои истилокардааш олимон, шоирон, наққошон, меъморони гулдаст, умуман ҳунармандони номиро ба Самарқанд овард. Меъморон дар ин ҷо қасрҳои боҳашамат, мадрасаю масҷидҳо сохтанд. Осори бузурги меъморие, ки имрӯз ҳам Самарқандро зинат медиҳанд, маҳз шаҳодати инкишофу тараққии санъати меъмории ин давр мебошанд. Ансамбли меъмории Регистон, Гӯри Мир, Шоҳи Зинда ва амсоли инҳо намунаҳои барҷастатарини осори меъмории гузаштагони мо ба ҳисоб мераванд.

Дар айёми ҳукмронии фарзандони Темур, махсусан Шоҳрухмирзо (1377–1447), шаҳри Ҳирот ҳам ободу зебо шуда, яке аз марказҳои муҳимтарини илму адаб ба шумор мерафт.

Илму адаб, асосан, дар ҳамин ду шаҳр ривоҷ ёфт.

Дар шаҳри Самарқанд бо саъю кӯшиши писари Шоҳрухмирзо Улуғбек (1394–1449) илмҳои нуҷум, мантиқ, фалсафа, риёзиёт, физика ва химия тараққӣ мекунанд. Мирзо Улуғбек, ки худ шахси бофазлу доииш буд, донишмандони маъруфи замонаашро ба шаҳри Самарқанд овард. Соли 1424 дар Самарқанд расадхонае месозад, ки дар он олимони бузург: Қозизодаи Румӣ, Алӣ Қӯшчӣ, Ғиёсиддини Ҷамшед, Мансури Кошӣ ва дигар донишмандон кор мекарданд. Онҳо вазъи ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмониро ба мушоҳида гирифта, мавқеъ ва хусусияти онҳоро то андозае муайян менамуданд. Натиҷаи кори чандинсолаи олимон дар ҷадвали астрономӣ, ки бо номи «Зиҷи ҷадиди Курагонӣ» машҳур аст, ҷамъбаст гардидааст.



Мирзо Улуғбек дар пештоқи

мадрасае, ки дар Бухоро сохтааст, ҷумлаи: «Талаби илм ба мардону занони мусулмон фарз аст»-ро кандакорӣ кунонида буд. Ғайр аз ин, ӯ дар маҷлисҳои умумӣ иштирок намудани занонро маъкул шуморид. Вале, мутаассифона, барои ҷоҳу мансаб шуда як гурӯҳ ашхоси нолоиқ бо ҳамдастии писараш Абдулатиф соли 1449 Мирзо Улуғбекро ба қатл расонданд. Пас аз марги Улуғбек дар Мовароуннаҳр илмҳои дақиқ чандон тараққӣ накарданд. Ба уламою удабои озодфикр, хайрандеш ва умуман ашхоси соҳибистеъдод ҷоҳилони тангназари бефарҳанг садди роҳ мешуданд ва намегузоштанд, ки донишмандони ҳақиқӣ дар ҷомеа соҳиби эҳтиром бошанд.



Самарқанд. Мадрасаи Улуғбек. (1417–1420).

Восифӣ дар «Бадоеулвақоеъ» доир ба ҳаёти ғамангези яке аз олимони машҳури асри XV Мавлоно Камолиддин Ҳусайн ҳикояти аҷибе овардааст.

Камолиддин яке аз шарикдарсони Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Илмҳои замонаашро ба хубӣ аз худ карда, дар аксарияти илмҳо ангуштнамо гардида буд. Махсусан дар илми мантиқ дониши ӯ ба ҷое расид, ки ҳеҷ яке аз уламои замон ҳарифи ӯ шуда наметавонист. Ӯ дар мубоҳисаю мунозираҳои илмӣ ҳамеша дастболо мешуд. Аз ҳамин сабаб Восифӣ мегӯяд:– «Мударрисон ва уламои замон аз дасти ӯ ба ҷон омадаанд ва миёни худ машварат карда, қарор додаанд, ки ӯро дар миёни омма ба девонагӣ шӯҳрат дода, обрӯяшро резонанд ва ба ин восита номуси илмии худро аз дастбурд ва торочи ӯ нигаҳдорӣ намоянд. Ва ин қарорро ба амал оварда, ӯро ба девонагӣ, вайронии димоғ ва ҳарзагӯӣ ва ҳазёну сафсатабофӣ машҳур кардаанд».

Шайх Ҳусайнро кораш душвор шуд. Вай муддати як сол девонавор мегашт. Дар ҳар доираи илмие, ки овоз мебаровард, «боз девонагияш авҷ гирифт» гӯён механдиданд.

Ниҳоят Камолиддин аз ин таҳқиру озори одамон ба ҷон омада, китобҳои худро дар ҷуволе меандозаду ба назди подшоҳ меравад ва ба ӯ мегӯяд:– «Ту подшоҳ мебошӣ... аммо дар пойтахти ту бар ман зулму ситаме меравад, ки дар кофиристони Фаранг ва Хитою суманоти Ҳинд нарафта ва намеравад. Ин уламое, ки нишастаанд, эътибору иззату икроми эшон бо донистани ин китобҳост, ки дар пеши назари шумост. Бо ҳамаи ин «бузургворон» маро ба девонагӣ нисбат дода, ба чунин ҳолате овардаанд, ки ман дар ин машаққат ва кулфат умр ба сар мебарам ва инҳо дар ин иззат ва ҳурмат зиндагӣ мекунанд».

Пас аз ин Камолиддинро дар ҳузури подшоҳ имтиҳон мекунанд ва пурра собит мегардад, ки ӯ на девона, балки донишманди бузургест, ки дар аксарияти илмҳо дониши комил дошта, асарҳои бебаҳо офарида будааст. Аз ин хотир шоҳ нисбати Камолиддин эҳтироми зиёд намуда, ӯро ба дарбор даъват менамояд ва то охири рӯзгораш ба Камолиддин ёрии моддӣ ва маънавӣ мерасонад.

Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, илму маданият дар ин асрҳо самар дод. Илмҳои таърих, тиб, нуҷум, риёзиёт, адабиётшиносӣ, санъати рассомӣ, наққошӣ, меъморӣ, хаттотӣ ва ғайра назар ба асрҳои гузашта пеш рафтанд. Асарҳои таърихии Ҳофизи Абрӯ («Зубдатуттаворих»), Шарафиддин Алии Яздӣ («Зафарнома»), Абдураззоқи Самарқандӣ («Матлауссаъдайн» ва «Маҷмаулбаҳрайн»), Мирхонд («Равзатуссафо»), Хондамир («Ҳабибуссияр») ва Ҳофизи Таниш («Шарафномаи шоҳӣ») барои ошкор кардани масъалаҳои мураккаби таърихи халқҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод хизмати арзанда кардаанд ва дар оянда ҳам мекунанд.

Дар асарҳои таърихии зикршуда вазъияту ҳолати сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданиии асрҳои XV–XVI муфассал инъикос ёфтаанд. Бисёр муаллифон аз нуқтаи назари синфии худ ба ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ баҳо дода, Темурро шоҳи одил, соҳибқирон ва адолатпарвар ба қалам додаанд.

Табиист, ки бо иваз шудани сулолаи Темуриён ва ба ҷои онҳо омадани хонадони Шайбониён дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву адабӣ дигаргунӣе ба амал наомад. Ба болои ҷабру зулми феодалони маҳаллӣ боз бар сари меҳнаткашон истисмори ӯзбекони бодиянишин зам гардид.

Аммо дере нагузашта бар зидди шайбониён ҳарифи ниҳоят пуркувват Шоҳ Исмоили Сафавӣ сар бардошта, соли 1510 Ҳиротро ишғол мекунад. Ӯ худро ворили мазҳаби шиъа эълон намуда, барои ҷорӣ кардани он дар тамоми Мовароуннаҳр ва Хуросон ба қатлу ғорати мардум машғул мешавад. Аммо мақсади асосии Исмоил хоки давлатро аз ҳисоби кишварҳои обод васеъ кардану бойгарию сарвати зиёд ба даст овардан буд. То охирҳои асри XVI дар байни ду сулола муносибатҳои душманона боқӣ мемонад, ки дар ин бора асарҳои таърихӣ маълумоти муфассал додаанд.

Дар ин асрҳо илми адабиётшиносӣ нисбат ба давраҳои гузашта хеле пеш рафт. Ин пешравӣ ҳам дар миқдор ва ҳам дар сифати асарҳо баръало ҳис карда мешавад. Олимон ва адабиётшиносоне пайдо мешаванд, ки доир ба амалия ва назарияи адабиёт асарҳои пурарзиш меофаранд. Аз ҷумла «Мизонулавзон»-и Абдулқаҳор ибни Исҳоқ, «Лисонулкалом»-и Алишоҳ ибни Маҳдӣ, «Арӯз»-и Юсуфӣ, «Тазкиратушшуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Бадоеулафкор фӣ саноеулашъор»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Бадоеуссаноеъ» ва «Рисола дар илми кавофӣ»-и Амир Бурҳониддин Атоуллоҳ, «Рисолаи арӯз» ва «Рисолаи муаммо»-и Сайфии Бухороӣ ва асарҳои илмиву адабии

Абдурахмони Ҷомӣ, ки шумораи онҳо зиёд аст, офарида шудаанд.

Махсусан асарҳои Амир Бурҳониддин Атоуллоҳ ва Мавлоно Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ мақоми махсус доранд. Муаллифи аввал дар бораи 150 санъати бадеӣ ва муаллифи дуввум дар бораи 300 санъати бадеӣ маълумоти муфассал додаанд. Як ҷиҳати фарққунандаи «Бадоеуссаноеъ» дар он аст, ки муаллиф бештар ба таҳлилу таҳқиқи илмӣ аҳамият додааст. Атоуллоҳ саъю кӯшиш кардааст, ки ба воситаи таҳлилу баҳси илмӣ ва баёни фикру мулоҳизаҳои адабиётшиносони гузашта масъаларо комилан дуруст ҳал намояд.

Хусусияти дигари адабиёти ин давра боз он аст, ки дар ин асрҳо шавқу завқи одамон ба шунидану истифодаи асарҳои халқӣ хеле зиёд мегардад. Одамони махсус пайдо мешаванд, ки нақлу ривоят, афсона, ҳикоят ва латифаҳои халқиро ҷамъ намуда, ба шакли китоб медароранд. Ин корро шахсони донишманду босавод ба анҷом мерасонданд. Масалан, олим, шоир ва нависанда Ҳусайн Воизи Кошифӣ он қиссаю ривоятҳоеро, ки дар байни халқ дар бораи Ҳотами Той паҳн шуда буданд, ҷамъ намуда, соли 1486 китобати «Қисса ва осори Ҳотами Той»-ро ба охир мерасонад. Ғайр аз ин, китоби «Калила ва Димна»-ро аз нав кор карда, ба он иловаҳои зиёд дохил менамояд. Ин асар бо номи «Анвори Суҳайлӣ» машҳур аст. Илова бар ин, писари Ҳусайн Воизи Кошифӣ Фахриддин Алии Сафӣ кори падарашро давом дода, аз байни халқ нақлу ривоят ва латифаҳои халқиро чандин сол гирд оварда, соли 1532–1533 ба шакли маҷмӯа медарорад, ки он бо номи «Латоифуттавоиф» шӯҳрат дорад. Асарҳои Иноятуллои Канбу «Баҳори дониш», Ғиёсиддин Муҳаммад Хондамир «Макоримулахлоқ» ва ғайра маҷмӯи асарҳои халқӣ ба шумор мераванд.

Ғайр аз ин дар ин асрҳо санъати наққошӣ хеле инкишоф меёбад. Намояндагони барҷастаи санъати наққошӣ: Беҳзод, Музаҳҳиб ва Мираки Наққош ба ҳисоб мераванд. Дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, Хуросон ва Эрон Камолиддин Беҳзод ҳамчун Монии Сонӣ шинохта шудааст. Аз сеҳри қалами ӯ мардуми Шарқу Ғарб ба ваҷд омадаанд. Асарҳои эҷодкардаи Беҳзод имрӯз ҳам қимату арзиши худро гум накардаанд.

Дар «Бадоеулвақоеъ» дар бораи намояндагони санъати рассомӣ дар Мовароуннаҳр нақлҳои аҷоиб оварда шудааст. Масалан, Восифӣ дар бораи Мавлоно Ҷалолиддин Юсуфии Наққош маълумоти пуркимате дода, асарҳои ҳаҷвии ӯро хеле таърифу тавсиф менамояд. Асарҳои «Паҳлавони бабршикор» ва «Қозӣ Ҷодаки ришкалон» мақбули ҳамзамононаш гардида буданд. «Наққоши санъаткор он расмро чунон кашида буд, ки комати баланди солхӯрдаи наҳиф ва лоғари қозӣ монанди ходаи дарози хушкида рост меистод. Ва сару риши ӯ бар болои он комат чунон менамуд, ки гӯё сари дарахти пуршохубаргро аз гарданаш бурида бар сари он хода ниҳода бо-

шанд ва сару рӯи ӯ дар байни он риш монанди канае менамуд, ки дар зери хирмани пашм афтода бошад».

Аз ин маълумот чунин ба назар мерасад, ки дар асри XV ва XVI санъати рассомӣ на танҳо дар Хуросон , балки дар Мовароуннаҳр ҳам ривоҷу равнақ доштааст. Ғайр аз ин, рассомон на танҳо ба кашидани расмҳои манзаравӣ машғул буданд, инчунин дар эҷодиёти онҳо расмҳои ҳаҷвӣ мақоми махсус доштанд.

Санъати хаттотӣ дар асрҳои XV–XVI низ хеле тараққӣ кард. Азбаски матбаа набуд, асарҳо дастӣ китобат мешуданд. Албатта, ин кори душвор ва меҳнатталаб буд. То имрӯз аз намояндагони санъати хаттотӣ намунаҳои хеле ҷолиб расидаанд. Дар ин айём хати настаълиқ, ки намунаи комилтарини хат аст, аз тарафи Миралии Табрезӣ (ваф. 1447) ихтироъ шуд. Ӯ шогирдони зиёдеро тарбия кард, ки онҳо низ дар ин санъат чун устоди худ моҳир шуданд.

Ҷаъфари Табрезӣ (ваф. 1456), Азҳари Табрезӣ (1422–1502), Султоналии Машҳадӣ (1438–1512), Султон Муҳаммади Хандон (ваф. 1502), Султон Муҳаммади Нур (ваф. 1534) ва Бобошоҳи Исфаҳонӣ (ваф. 1588) чун хаттотони машҳури асрҳои XV–XVI шинохта шудаанд.

Дар дарбори шоҳзода Бойсанғурмирзо зиёда аз 40 нафар хаттотон ҷамъ омада, шабу рӯз ба рӯйнавис кардани асарҳои гузаштагон машғул буданд, ки дар болои сари онҳо хаттотони номӣ Азҳари Табрезӣ ва шогирди ӯ Султоналии Машҳадӣ меистоданд. Маҳз ба тавассути онҳо «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, асарҳои Низомӣ, Ҷомию Навоӣ ва ғайра рӯйбардор карда шудаанд.

Дар бораи хаттотону мусаввирон Қозӣ Аҳмад китоби «Маноқиби ҳунарварон»-ро дар охирҳои асри XVI иншо кардааст, ки он характери тарҷумаиҳолӣ дошта, муаллиф дар бораи ҳаёту эҷодиёти санъатварон маълумоти хубе медиҳад. Махсусан Қозӣ Аҳмад ба эҷодиёти Султоналии Машҳадӣ баҳои баланд додааст. Ӯро ҳанӯз дар замонаш «Султонулхаттотин» (яъне подшоҳи хатнависон) мегуфтанд. Султоналӣ табъи шоирӣ ҳам доштааст ва доир ба қоидаю қонуни санъати хаттотӣ асарҳо эҷод кардааст. Масалан, дар бораи омӯхтани санъати хаттотӣ байтҳои зеринро гуфтааст:

Аз ҷавонӣ ба хат будӣ майлам,
Ишқи хат рондӣ аз мижа сайлам.
Бар сари кӯй кам қадам задаме,
То тавонистам қалам задаме.
Рӯз то шом машқ мекардам,
На ғами хоб буду на хӯрдам.

Санъати мусиқӣ низ дар ин асрҳо хеле пеш меравад. Ин пешравӣ чи дар амалия ва чи дар назарияи санъати мусиқӣ мушоҳида мешавад. То асри XV мусиқии классикии халқи тоҷик «Дувоздаҳмақом» буд. Дар асри XV бо роҳбарӣ ва нишондоди Ҷомӣ шогирди ӯ Наҷмиддини Кавкабӣ онро мӯҷазу



Намунаи хати настаълик

сода карда, ба шаш маком расонид. «Шашмаком» пас аз Инкилоби Октябр боз ҳам инкишоф ёфта, ғанитар гардид ва ба нота гирифта шуд. Дар Тоҷикистон «Шашмақом»-ро ҳофизони машҳур меҳонанд ва ансамбли шашмақомхонон ташкил ёфтааст.

Соли 1413 аз тарафи мусиқашиноси машҳур Нуриддини Мароғӣ назарияи мақом (яъне нотаҳо) навишта мешавад. Асари ӯ «Максадуладвор» дар бораи усули нигоришоти мақом, хусусияти нотаҳо ва дигар масъалаҳои назарияи мусиқӣ баҳс мекунад.

Дар ин асрҳо оҳангофарон, ҳофизону навозандагони номӣ, монанди Ҳусайни Удӣ, устод Қулмуҳаммади Удӣ (дар уд), Дарвешаҳмади Қонунӣ (дар конун), Шоҳқули Ғижакӣ (дар ғижак), Абдулкодири Нойӣ (дар най) ва устод Шодӣ (дар хушовозӣ) зиндагӣ ва эҷод карданд, ки имрӯз ҳам оҳангҳои эҷодкардаи аксарияти онҳо дили моро ба шӯру ҳаяҷон меоранд.

Хулоса, ҳаёти маданиву илмӣ дар ин асрҳо пеш рафтааст. Вале, мутаассифона, ҳамаи он чизҳои офаридашуда бештар ба табақаи болои ҷамъият дастрас буданд. Оммаи меҳнаткаш танҳо дар офаридани онҳо азобу ранҷ мекашид, аммо фоида ва лаззати онҳоро аъёну ашроф ва аҳли сарват медиданду мечашиданд.

# ҲАЁТИ АДАБӢ

Дар қарнҳои XV–XVI адабиёти бадеӣ низ густариш ёфта, соҳаҳои мухталифи зиндагиро дар худ инъикос менамуд.

Дар ин асрҳо ҳаёти адабӣ бештар дар шаҳрҳои Ҳирот, Самарқанд, Табрез ва Бухоро ривоҷу равнақ ёфт. Дар шаҳрҳои номбурда мактабҳои адабӣ амал мекарданд, ки ин мактабҳо дар эҷоди каломи бадеӣ ба якдигар мусобиқа доштанд. Махсусан мактаби адабии Ҳирот, ки ташкилкунанда ва сарвари он мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ буд, дар таърихи адабиёти тоҷику форс таъсири амиқе гузоштааст. Намояндагони ин мактаб адабиёти 500 – 600 - солаи моро ҷамъбаст карда, дар аксарияти жанрҳои адабӣ асарҳои мукаммал эҷод намудаанд.

Дар нимаи дуюми асри XV ба Ҳирот аз шаҳрҳои гуногун толибилмон ва ҷавонони соҳибистеъдоди эҷодкор барои таҳсилу аз имтиҳони адибони бузург – Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ гузаштан меомаданд. Онҳо дар ин ҷо истеъдоди худро такмил медоданд, ба ашъори шоирони бузурги гузашта назира мегуфтанд ва ниҳоят дар ҷамъомадҳои худ шеърҳои якдигарро муҳокима мекарданд. Ҷомӣ асарҳои онҳоро хонда, дар охир ба шоирони ҷавон маслиҳат медод. Ҳатто ҷавонони болаёқатро ба наздаш даъват карда, аз онҳо имтиҳон мегирифт. Масалан, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва Мавлоно Ҳотифӣ (хоҳарзодаи Ҷомӣ) аз имтиҳони устодони мактаби адабии Ҷомӣ бомуваффақият гузашта буданд.

Боре Мавлоно Ҳотифӣ мехоҳад, ки ба достонҳои «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ҷавоб гӯяд. Мақсадашро ба Ҷомӣ баён мекунад. Ҷомӣ ба Ҳотифӣ иҷозат намедиҳад ва ба ӯ мефармояд, ки аввал ба се байти Абулқосими Фирдавсӣ (мисраи аввалаш «Дарахте, ки талх аст вайро сиришт») ҷавоб нависад. Агар аз ӯҳдаи ҷавоб гуфтан барояд, пас ба навиштани «Хамса» иҷозат хоҳад дод.

Бешубҳа, натиҷаи ғамхории падаронаи он устодони сухан буд, ки мактаби адабии Ҳирот самараи хуб дод. Дастпарварони ин мактаб Камолиддин Биноӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Маҳмуди Восифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ дар таърихи адабиёти классикии асри XVI мақоми хосса пайдо карданд.

Дар асрҳои XV–XVI доираҳои адабии Самарқанд, Бухоро ва Табрез бо якдигар муносибати наздик доштанд. Вале ин доираҳои адабӣ назар ба мактаби адабии Ҳирот хеле заиф буданд. Дар доираи адабии Ироқ Қозӣ Исо, Ҷалолиддини Давонӣ ва Дарвеши Деҳакӣ (ба эҷодиёти ӯ Ҷомӣ ва Навоӣ баҳои баланд додаанд) мавқеи калон доштанд.

Аммо баъди Хуросонро ишғол кардани Исмоили Сафавӣ бисёр бузургони илму адаб ба Ҳиндустон, Бухорою Самарқанд, Тошканд, Табрез раҳти сафар бастанд ва ҳамин тавр мактаби адабии Бухорою Тошканд қувват гирифт. Албатта дар нашъунамои доираҳои адабӣ намояндагони мактаби адабии Ҳирот, ки асосан ба Бухорою Тошканд рафта буданд, нақши бузург

доштанд. Восифӣ дар бораи вазъи илмиву адабии Бухоро маълумот дода чунин мегӯяд:

– «Хонаи Хоҷа Ҳошимӣ ҷамъомадгоҳи арбоби фазлу камол буд. Ҳар рӯз ҷамъе аз шоирони Бухоро дар он ҷо ҷамъ мешуданд. Одати Хоҷа он буд, ки ҳар рӯз дар ҳузури шуаро байте мехонданд, ё ғазалеро ба миён меандохтанд ва шоиронро ба ҷавобгӯӣ ба он байт ё ғазал даъват мекарданд. Рӯзе гуфтанд: «Табъро бекор намебояд гузошт ва ӯро машғул мебояд дошт, ки коҳилӣ[1] мӯҷиби касолати табъу[2] таблиди зеҳн мебошад. Баъд фармуданд, ки аз ғазалиёти Хусрави Деҳлавӣ ва ҳазрати Махдумӣ (Ҷомӣ), Мавлоно Котибӣ ва ғайра ҳам қариб ба сад ғазал интихоб намуда шавад. Ва ба хотир расида, ки аз ёрон илтимос намуда шавад, ки онро татаббӯъ[3] намоянд»...

Мувофиқи тадқиқоти пурратари сарчашмаҳои адабӣ ҳаёти адабии Мовароуннаҳр нисбат ба ҳаёти адабии Хуросон хеле суст ҷараён дошта будааст. Масалан, дар тарҷумаҳои (Фахрӣ, Қазвинӣ) «Маҷолисуннафоис»-и Алишери Навоӣ дар бораи 471 нафар шоир маълумот дода мешавад. Аз ин 471 шоир 75 нафари онҳо аз Мовароуннаҳр мебошанду халос. Боқӣ аз мардуми Хуросонанд. Илова бар ин, аз 75 адибе, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр зиндагӣ мекарданд, аксарияташон берун аз дарбор эҷод карда, ба коре машғул будаанд. Дар мактаби адабии Ҳирот ҳам намояндагони касбу кори гуногун фаъолона иштирок доштанд. Масалан, 61 нафар шоир намояндаи 29 навъи санъати ҳунармандӣ буданд. Восифӣ дар «Бадоеулвақоеъ» дар бораи хеши худ шоир Мавлоно Амонӣ, ки касбаш наҳӯдбирёнкунӣ буд, ба тафсил сухан ронда, қайд мекунад, ки Мавлоно Амонӣ болохонае дошт, ки дар он ҷо шоирони бисёр ҷамъ омада, базми шеър меоростанд.

Дуруст аст, ки мисли Мавлоно Амонӣ шоирони борикбин ва боистеъдод, ки аз байни омма баромада буданд, дар он рӯзгор кам набуданд. Номҳои шоирон Мавлоно Алии Зардӯз, Қонеи Камардӯз, Шарқии Косагар, Ҳавои Наққош, Мирағуни Чодирдӯз ва ғайраро чи дар «Бадоеулвақоеъ» ва чи дар дигар тазкираҳо пайдо карда метавонем. Ба эҷодиёти ҳар кадоми онҳо муаллифони сарчашмаҳо баҳои арзанда додаанд. Вале, чунон ки устод Айнӣ мегӯяд: – «Ба сабаби фақирӣ ва нобудагӣ барои сер кардани худ ва оилаи худ маҷбур шуданд, ки ба ягон касби оддӣ машғул шаванд ва бинобар ин таланти худро дуруст расонида ва ягон кори намоёне карда натавонистаанд»[4].

Ҷангҳои дохилӣ, зиёд гардидани зулму истисмори чи аристократияи дохилӣ ва чи ҳокимони забткор ва зам гардидани андозҳо боиси камбағал гардидани омма, махсусан ҳунармандон, косибон ва деҳқонон шуд. Муаллифи «Бадоеулвақоеъ» ҳаёту зиндагии ҳамин гуна одамони мазлуму бечо-

---

[1] *Коҳилӣ* — танбалӣ, лавандӣ.

[2] *Мӯҷиби касолати табъ* — боиси сустию танбалии табъ.

[3] *Татаббӯъ* — иҷро кардан, пайравӣ намудан, яъне дар ин ҷо ба маънои ҷавоб гӯяд, омадааст.

[4] С. Айнӣ. Асарҳо, ҷилди II, қ. 1, саҳ. 376.

ра ва шоирони муфлисеро дар осораш бо сӯзу хаяҷони ботинӣ ба хонандагон ҳикоят мекунад. Масалан, Мавлоно Ҳасаншоҳ яке аз шоирони боистеъдод буд. Шеърҳои ҳаҷвӣ, қитъаоти ахлоқии зиёде дошт. Вале бисёр фақирона зиндагӣ мекард. «Соле, – мегӯяд Зайниддини Восифӣ, – дар Ҳирот зимистони ниҳоят сахт омад. Сармо шиддат гирифт. Мавлоно Ҳасаншоҳ, ки чизе надошт, аҳволаш танг шуд, ба ҷон омада писарашро гуфт:

– Монанди мотамзадагон кабуд пӯш. Ба дари хонаи Мир Алишер рав! Мир ки туро бинад ва пурсад, гӯй, ки падарам аз дорулфано ба дорулбақо рехлат намуд. Мир ҷиҳати такфин ва таҷҳиз чизе хоҳад дод. Ба бозор рафта асбоби маош харида ба хона ор!

Чун ба ин сурат ба хонаи Мир омад, Мир ӯро талабида ва пурсид:

– Воқеа чист?

Гуфт:

– Падарам вафот кард.

Бо шунидани ин хабар дар чашмони Мир об чарх зад ва гуфт:

– Дареғ аз Мавлоно Ҳасаншоҳ, ки аз наводири рӯзгор буд.

Баъд ба маблағи 300 танга ба вай инъом фармуд. Рӯзи дигар Мавлоно ба дари хонаи Мир омад. Чун чашми Мир ба вай афтод, аз ханда пушт ба девор ниҳод ва гуфт:

– Эй мулло! Шумо мурда будед? Ин чӣ ҳолат аст?

Гуфт:

– Эй Мир, агар он инъом намешуд, мурда будем».

Ин саргузашти ғамангези Мавлоно Ҳасаншоҳи шоир пурра собит менамояд, ки аҳли қалам, аҳли ҳунар бо зиллату хорӣ умр ба сар мебурданд. Маҳз дар он рӯзгор ёрию мададгорӣ, пуштибонию сарпарастии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ буд, ки баъзеи онҳо як бурдаи нон ёфтаву эҷод кардаанд.

Дар адабиёти асрҳои XV–XVI чун асрҳои гузашта адибон, олимон ва аҳли ҳунар дар дарбори шоҳон, ҳокимон ва қисми дигаре берун аз дарбор эҷод мекарданд. Як гурӯҳ шоирон ба мавзӯъҳои рӯзмарра даст зада, дар эҷодиёти худ манфиатҳои сиёсию иҷтимоии синфи ҳукмронро ҳимоя мекарданд.Чунин таърифҳои пурдабдаба Ҷомиро норохат мекарданд. Ӯ дар порчаи поён аз дасти ҳамин зайл шоирон хор гардидани пешаи шеъру шоириро зикр карда, онҳоро сахт накӯҳиш мекунад:

Кист шоир кунун яке мудбир[1],
Ки надонад зи ҷаҳл ҳир аз бирр[2].
Ҳиммати ӯ хасису табъ лаъим.

---

[1] *Мудбир* — бадбахт, тирабахт, муқобили некбахт.
[2] *Ҳир аз бирр* — фарқ карда натавонистан, ҷоҳилу нодон будан.

Хама офокро ҳарифу надим[1].
Рӯзу шаб кӯ ба кӯю ҷой ба ҷой,
Медавад чун ҷагони сӯхтапой.
Афканад хешро ба макру дурӯғ,
Пеши он ҷамъ чун магас дар дӯғ,
Гашта з-ин гуна ҳиссату ибром[2]
Шеър мазмуму[3] шоирон бадном.

Баъзе адибони ин қарнҳо низ ба суханбозии хушку холӣ, шаклпарастӣ ва тақлиди кӯркӯронаи шоирони гузашта машғул буданд. Аввал калимаҳои ҳамқофия ва радифдорро қатор мечиданд ва баъд ба он калимаю иборотро мечаспонданду шеър месохтанд. Яъне онҳо шаклро дар аввал гузошта, мазмунро қурбони он мекарданд. Достонҳои «Сеҳрулҳалал»-и Аҳлии Шерозӣ, «Даҳ боб», «Назир ва Манзур»-и Котибии Нишопурӣ дорои чунин хусусият ҳастанд.

Ҳоло як рубоии Аҳлии Шерозиро чун намунаи барҷастаи суханбозӣ меорем. Агар рубоии дар поён овардашударо ҳам ба тариқи амудӣ ва ҳам ба тариқи уфуқӣ хонем, як маъноро ифода мекунад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мумкин на, ки | Ҳаргиз чу ту | Ёбад | Олам |
| ҳаргиз чу ту | кас нашуд | марде | ба карам |
| ёбад | марде | дигар касе | мисли ту кам |
| олам | ба карам | мисли ту кам | ёбад ҳам |

Бояд эътироф кард, ки қисми зиёди шоирони дарбор ба манфиати халқ хизмат мекарданд, идеяҳои гуманистӣ, адолатпарварӣ ва амсоли инро дар эҷодиёти худ тараннум менамуданд. Мисоли равшани инро мо дар эҷодиёти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дида метавонем. Ӯ як қисми ҳаёти худро дар дарбор гузаронид, вале эҷодиёти худро ба манфиати халқ бахшидааст. Нависанда шоирони маддоҳ, хушомадгӯйро бад мебинад ва дар баробари ин аҳли қаламро даъват менамояд, ки ҳамеша дар назди амирон, ҳокимон назарбаланд бошанд, қадри сухани худро пастназананд. Масалан, Восифӣ ин матлабро бо овардани як ҳикоят аз номи шоири асри XV Бобо Савдоӣ ин тавр баён кардааст: «Бобо Савдоӣ бо ҷамъе аз зурафо дар хиёбоне нишаста мутоиба мегуфтанд, ки Бойсунғур Мирзо аз дур намоён мешавад. Ба ҷуз Бобо Савдоӣ ҳама хеста ба ӯ таъзим мекунанд. Баъд аз рафтани подшоҳ одамон ӯро таън кардаанд, ки чаро ба Мирзо таъзим накардӣ. Бобо Савдоӣ дар ҷавоб: «Маро парвои подшоҳони олам нест. Ман писари худоям», – мегӯяд.

Нависанда зимни ин сухан озодӣ ва қимати арзиши инсонро дар ҷои аввал мегузорад. Нависанда ба инсон хитоб карда, гуфтанӣ шудааст, ки ҳаргиз худашро дар назди аҳли ҷоҳу сарват хору залил нагардонад, хаме-

---

[1] *Ҳарифу надим* – ҳариф ба маъноӣ ҳамкасбу ҳамкор ва надим ба маънои ҳамсӯҳбат омадааст.

[2] *Ҳиссату ибром* – баъилӣ, хафа кардан ва малул намудан.

[3] *Мазмум* – мазамматшуда, бад ва зишт шуморидашуда.

ша сарбаланд бошад.

Вокеан, аз тарафи муаллиф баён кардани ин фикр бесабаб набуд. Далелхои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар асрҳои XV ва XVI қадру қимати инсони ҳақиқӣ дар назди шоҳу ҳокимон хеле паст гардид, ба он чун ба ҳайвон муомила мекарданд. Илова бар ин, ба ҳамаи ин хорию беҳурматӣ нигоҳ накарда, бисёр одамон расми хушомадгӯиро дар назди соҳибмансабон ба дараҷаи олӣ расонида буданд. Ба ин гурӯҳ шоирони маддоҳ – Мавлоно Тунӣ, Амир Ҷалолиддин, Мавлоно Аҳлии Шерозӣ ва дигарон дохил мешуданд. Нависанда ҳамаи инро дар ҳаёт бо чашмони худ медид ва албатта, дар ин бора хомӯш истода наметавонист.

Вале бояд зикр кард, ки дар адабиёти ин давра намояндагони мактаби адабии Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба он Давлатшоҳи Самарқандӣ, Мавлоно Унсӣ, Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддини Биноӣ, Зайниддини Маҳмуди Восифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва дигарон шомил буданд, эҷодиёти худро ба манфиати халқ бахшида, идеяҳои гуманистӣ, адолатхоҳӣ ва раиятпарвариро тарғиб намудаанд. Масалан, Ҷомӣ мақсади зиндагии ҳар як фард, ҳар як адиб, ҳар як инсонро дар некию накӯкорӣ нисбат ба халқ мебинад. Монанди шамъ шудан лозим, то зиндагии дигаронро фурӯзон кунӣ, мисли абри баҳорон борон рехта, ба олами наботот ҷону дармони тоза бубахш, – ҳамин аст мақсади зиндагии ҳар як инсон, – мегӯяд Ҷомӣ.

Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,
То ба он базми касон афрӯзӣ.
Абр шав, то ки чу борон резӣ,
Бар гулу хас ҳама яксон резӣ.

Адибони фавқуззикр маҳз аз рӯи чунин гуфтаҳои Ҷомӣ амал карда, эҷодиёти худро ба манфиати халқ равона карда буданд. Онҳо мадҳу ситоиши шахсони нолоиқро барои худ таън мешумориданд. Дар ин бора Бадриддини Ҳилолӣ хеле хуб гуфтааст:

Шодам, ки дар ин се баҳри асрор,
Бар сангдилон назм гуҳарбор.
Ман нома ба номи кас накардам,
Инъоми касе ҳавас накардам!
Ҳайф аст, ки номаҳои номӣ,
Гардад зи тамаъ хати ғуломӣ...
Сад ҳайф, ки шоирони фозил,
Алломa кунанд васфи ҷоҳил.
Безорам аз ин дурӯғ гуфтан,
В-ин гавҳари бефурӯғ суфтан.
Дар мадҳи касон чаро хурӯшам,
Дурдона ба хас чаро фурӯшам?

Дар эҷодиёти онҳо танқиди замона, тарзи давлатдорӣ, зулму истисмори шоҳону ҳокимон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Масалан, Камолиддини Биноӣ дар баробари танқиду накӯҳиш кардани золимон, инчунин онҳоро аз оқибати ноҳуши амалиёташон огоҳ месозад. Дар ин маврид илтиҷои

қаҳрамони лирикӣ ба эътирози қатъӣ мубаддал мегардад, ки ин садои эътирози садҳо ҳазор халқи мазлуму ҷафодида аст:

Рахши давлат ба зулм агар ронӣ,
Ҳамчу хар дар халоб дар монӣ.
Поймоли ҷафо ба кас маписанд,
Ки ба мехи ҷафо шавӣ побанд.
Тавсани зулм агар барангезӣ,
Уфтӣ зуду дер бархезӣ.
Синаи халқ агар чу наъл бурӣ,
Мех дар дида ҳамчу наъл хӯрӣ...
Нармрӯ бошу зулм соз макун,
Чун инон дастҳо дароз макун.

Жанрҳои адабӣ

Дар адабиёти асрҳои XV–XVI мисли асрҳои пешин асосан назм ҳукмрон буд. Асарҳои манзум чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун назар ба асарҳои насрӣ мавқеи муҳимтареро ишғол мекарданд. Ғазал, қасида, достон, рубоӣ, китъа, мухаммас, таркиббанд, тарҷеъбанд, мустазод шаклҳои маъмултарини адабиёти ин асрҳо ба шумор мерафтанд.

Дар эҷодиёти аксарияти шоирони ин асрҳо ғазал мавқеи асосӣ дошт. Ҷомӣ низ ба ин масъала ишорат намуда, чунин мегӯяд:

Ҳаст девони шеъри ман аксар,
Ғазали ошиқони шайдоӣ.

**Ғазал** бештар аз ҷиҳати шакл ба ғазалҳои шоирони пешин монандӣ дорад. Вале ба ҳар ҳол, дар ғазалҳои ин давр, дар мундариҷаи ғоявии онҳо баъзе дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд. Чунончи, дар ин асрҳо шоироне пайдо мешаванд, ки дар ғазалҳои худ кору зиндагии санъатварон, аҳли ҳунар ва хусусияти касбҳои онҳоро ба тарзи мушаххас тасвир мекунанд. Ин хусусият бештар дар ғазалиёти Сайфии Бухороӣ, Абӯисҳоқи Атъима мушоҳида мешавад.

**Қасида** ҳам бо ду роҳ тараққӣ мекунад. Қасидаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ бештар дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, Навоӣ, Биноӣ ба назар мерасанд, ки ин давоми анъанаҳои шоирони бузурги гузашта Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ ва дигарон мебошад. Қасидаҳои мадҳӣ бештар дар эҷодиёти шоирони маддоҳи дарбор дида мешаванд.

Навиштани асарҳои ахлоқӣ дар ин асрҳо вусъат меёбад. Махсусан, асарҳои тарбиявию ахлоқии Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Бадриддини Ҳилолӣ мавқеи калонро ишғол менамоянд. «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Даввонӣ, «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Макоримулахлоқ»-и Хондамир, «Беҳрӯзу Баҳром»-и Камолиддин Биноӣ низ ба ин мавзӯъ бахшида шуда, муаллифон дар асарҳои худ доир ба бисёр масъалаҳои ахлоқӣ фикру мулоҳизаҳои пурқимат баён кардаанд.

Дар ин давр бештар ба мавзӯъҳои панду ахлоқӣ шавқу рағбат пайдо кардани шоирон бесабаб набуд. Дар ин рӯзгор ахлоқ ниҳоят вайрон шуда, майпарастӣ, кибру ғурур, фиску фасод дар байни аристократия ниҳоят ри-

вочу равнақ ёфта буд. Муаллифони асарҳои ахлоқӣ хостанд, ки бо ин роҳ онҳоро тарбия намоянд.

Дар ин асрҳо назира гуфтан ба достонҳои қаҳрамонӣ, ишқӣ–романтикӣ вусъат меёбад. Онҳо ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ҷавоб мегӯянд. Вале ба ғайр аз Ҷомиву Абдибеки Шерозӣ ва дар адабиёти ӯзбек Навоӣ ба ягон каси онҳо муяссар нагардид, ки ба «Хамса» пурра ҷавоб гӯяд. Ҷомӣ бидуни ҷавоби достонҳои «Хамса», миқдори онро зиёд намуда, ба ҳафт расонд, ки ин албатта, дар ҳамсасароӣ як тағйироти ҷиддие буд. Шоирон Мавлоно Ҳотифӣ, Шабоҳиддини Ҷомӣ, Амир Сухайлӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Ашраф ва дигарон танҳо ба ду - се достони «Хамса»-и Низомӣ ҷавоб гуфтаанду халос.

Ғайр аз ин, дар ин асрҳо шоирони зуллисонайн, яъне дузабона пайдо мешаванд, ки онҳо ҳам ба забони ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва ҳам арабӣ шеъру достон эҷод мекарданд, ки сарвари онҳо Алишери Навоӣ буд.

Дар ин давра наср ҳам хеле пеш меравад. Асарҳои насрӣ чи аз ҷиҳати забону тарзи баён ва чи аз ҷиҳати услубу композитсияи худ аз якдигар фарқи калоне доштанд. Асарҳои насрии Абдураҳмони Ҷомӣ («Баҳористон», «Нафаҳотулунс»), Ҳусайн Воизи Кошифӣ («Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Анвори Сухайлӣ»), Фахриддин Алии Сафӣ («Латоифуттавоиф»), Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, («Бадоеулвақоеъ») намунаи барҷастаи насри ин асрҳо буда, аз ҷиҳати забон ва тарзи баён сода ва фаҳмо мебошанд. Вале дар ҳамин давр асарҳои насрие низ иншо шудаанд, ки забонашон ниҳоят душворфаҳм буда, муаллифон бештар ба истифодаи калимаю ибораҳои арабӣ аҳамият медоданд. Зеро ин асарҳо бо хоҳиш ё супориши ин ё он ҳукмрони вақт иншо мешуданд. Аз ин рӯ хондан ва фаҳмидани ин гуна асарҳои насрӣ нисбат ба асарҳои назмӣ хеле душвор буд.

Ҳаёти адабӣ бо вуҷуди кашмакашҳои хунини чи шоҳзодагони темурӣ, чи Шоҳ Исмоили Сафавӣ ва чи авлодони Муҳаммад Шайбонӣ рӯ ба таназзул нанниҳод, балки тараққӣ намуд. Бо вуҷуди авҷ гирифтани муборизаҳои мазҳабӣ ва дар натиҷаи ин тарки ватан карда ба тарафҳои Ҳиндустон, Эрони Ғарбӣ ва Туркия ҳиҷрат намудани як гурӯҳ шоирону олимони номдор дар ин сарзамин чароғи илму ирфон хомӯш нагардид, балки нурпошӣ кард. Асарҳои зиёди илмиву адабӣ таълиф ёфтанд, ки аксарияти онҳо бо мазмунҳои баланди худ дар таърихи афкори халқи мо ҳамчун дурдонаҳои қиматбаҳо дохил шудаанд.

Ҳамин тавр, агар бо суханони олими маъруф Абдулғанӣ Мирзоев гӯем: – «Ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XV ва аввалҳои асри XVI аз давраҳои хеле пурмаҳсули таърихи афкори ҷамъиятии халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон будааст».[1]

---

[1] А. Мирзоев. Биноӣ. Сталинобод, 1957, саҳ. 55.

# НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

**Тазкира ва хусусиятҳои он.** Тазкира аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънои зикр, ёдоварӣ намудани касеро дорад. Вай асари илмӣ ба ҳисоб меравад. Тазкира аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа гуногун буда, дар он дар бораи адибон, санъатварон (хаттотон, мусаввирон, наққошон, мусиқачиён), намояндагони дин ва ғайра маълумот дода мешавад. «Маноқиби ҳунарварон»-и Қозӣ Аҳмад ибни Мирмуншӣ дар бораи хаттотон, мусаввирон, наққошон , «Тӯҳфатуссурур»-и Дарвешалии Чангӣ (асри XVI) дар бораи намояндагони санъати мусиқӣ иншо шудаанд.

Дар гузашта тазкираҳо бештар доир ба ҳаёту эҷодиёти адибон иншо мешуданд. Асарҳои тазкиравии доир ба адибон яке аз маъхазҳои муҳимтарин барои омӯхтани таърихи адабиёти тоҷику форс ба шумор мераванд. Дар тазкираҳо аввал дар бораи ҳаёти шоир, таваллуду вафот, касби илму камолоти ӯ маълумот дода шуда, сониян, аз эҷодиёти он нависанда чанд намунае оварда мешавад.

Яке аз аввалин тазкирае, ки дар бораи адибон иншо шудааст, «Лубобулалбоб»-и нависанда, олими асри XIII Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад. Дар асрҳои минбаъда тазкиранависӣ хеле авҷ мегирад. Тазкираҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ «Тазкиратушшуаро», Навоӣ «Маҷолисуннафоис» (тарҷумаи тоҷикии он)[1], Соммирзои Сафавӣ «Тазкираи Сомӣ», Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «Музаккирулаҳбоб» ва ғайра дар асрҳои XV – XVI таълиф ёфта, доир ба ҳаёти адабии ин асрҳо ва умуман асрҳои пешин маълумоти фаровоне медиҳанд. Дар асрҳои XVII – XX низ тазкираҳои зиёде пайдо мешаванд, ки аз ҷиҳати дарбаргирии масъалаҳо ва ҳалли онҳо дар як поя нестанд. Тазкираи охирин дар адабиёти тоҷик асари устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад, ки соли 1926 навишта шудааст.

Тазкираҳо аз ҷиҳати сохт ва мазмуну мундариҷа ба ду қисм тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи якум тазкираҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо оид ба ҳаёту эҷодиёти намояндагони адабиёти классикӣ ба тарзи яклухт маълумот дода мешавад. Ба ин гурӯҳ «Лубобулалбоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, «Тазкиратушшуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Маҷмаулфусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм он тазкираҳое дохил мешаванд, ки муаллифони онҳо дар бораи шоиру нависандагони ҳамасри худ ахборот медиҳанд. Тазкираҳои «Маҷолисуннафоис»-и Навоӣ, «Музаккирулаҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани

[1] Дар аввалҳои асри XVI тазкираи Навоӣ «Маҷолисуннафоис» аз тарафи Фахрии Ҳиротӣ ва бори дигар аз тарафи Муҳаммад Қазвинӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, ба он иловаҳои зиёде дохил кардаанд.

Нисорӣ, «Музаккируласҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Тазкиратушшуаро»-и Мутрибӣ, «Тӯҳфатулаҳбоб фӣ тазкиратиласҳоб»-и Возеҳ ва амсоли инҳо дорои чунин хусусият ҳастанд. Масалан, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкираи худ дар бораи 250 нафар адиби нимаи дуюми асри XV ва нимаи аввали асри XVI маълумот медиҳад.

Қимати илмиву адабии тазкираҳои номбурда хеле бузург аст. Пеш аз ҳама онҳо барои таҳқиқ ва таҳлили эҷодиёти адибон ба олимон маълумоти фаровон медиҳанд. Аз рӯи фикру мулоҳизаи тазкиранависон то андозае вазъияти адабиёт, услуб, равияи эҷодии адибони алоҳида муайян карда мешавад. Ниҳоят, тавассути тазкираҳо як қисми эҷодиёти адибони бузурги гузашта, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, аз нестшавӣ эмин монданд ва то замони мо расидаанд.

**Давлатшоҳи Самарқандӣ.** Ӯ соли 1437 дар Самарқанд таваллуд ёфтааст. Падари Давлатшоҳ Алоуддавлаи Бахтшоҳӣ марди бофазлу дониш буда, ба таълиму тарбияи фарзанди худ бевосита машғул мешавад. Ба ӯ аксари илмҳои маъмули замонаашро таълим медиҳад. Ҳангоме ки Давлатшоҳ рушду камол меёбад, ба воситаи падараш ба дарбори Шоҳрухмирзо ва Ҳусайн Бойқаро роҳ меёбад. Чанд муддат дар дарбор хизмат карда, бо аҳли илму адаб алоқа мекунад. Дере нагузашта дарборро тарк менамояд. Худи ӯ дар ин бора чунин мегӯяд: «...аммо нафасро дар маросими он хидмат номақбул дидам... ва пой аз он даркашидам».

Баъд аз ин Давлатшоҳ бештари вақти худро ба омӯзиши осори бузургон ва суҳбати шоирону олимони замони худ сарф мекард. Бо намояндагони мактаби адабии Ҷомӣ ва худи ӯ алоқа дошт ва аз он мактаб таълим мегирифт. Ин корро то 50-солагиаш давом медиҳад. Дар ин муддат доир ба эҷодиёти шоирони гузашта ва ҳамзамонони худ маводи зиёде ҷамъ карда, ба навиштани «Тазкиратушшуаро» шурӯъ менамояд ва соли 1487 онро ба анҷом мерасонад. Ба ҳамин тариқ, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар айни камолоти эҷодӣ дар синни 55-солагӣ аз дунё чашм мепӯшад.

«Тазкиратушшуаро» аз муқаддима, 7 табақа ё 7 боб ва хотима иборат аст. Давлатшоҳ дар тазкираи худ дар бораи 141 нафар шоиру нависанда маълумот дода, аз эҷодиёташон намунаҳо меорад. Ӯ адабиёти тоҷику форсро аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз мекунад. Давлатшоҳ дар тазкирааш шоиру нависандагони маъруф ва дар байни мардум шӯҳратёфтаро дохил намудааст. Аксарияти адибони зикршуда соҳибдевон буданд ва дар таърихи адабиёти тоҷику форс мақоме доранд.

Давлатшоҳ дар хотимаи асари худ доир ба ҳаёту эҷодиёти 6 нафар шоири маъруфи муосираш – Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Хоҷа Осафӣ ва дигарон маълумот дода, шахсан бо онҳо ҳамсӯҳбат гардидани худашро зикр кардааст.

Муаллиф дар интихоби намунаҳо аз эҷодиёти адибон хеле дақиқназар будааст. Ӯ бештар намунаҳои яклухт ва мукаммалро интихоб менамояд.

Ин намунаҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа дар пояи баланд истода, оҳангҳои иҷтимоӣ доранд. Ба ин восита ҳаммарому ҳамфикр будани худашро бо муаллифон нишон медиҳад. Давлатшоҳ ба баъзе адибони пешқадаме, ки дар эҷодиёти онҳо фикрҳои гуманистӣ, озодихоҳӣ, даҳриёна хеле зиёд буданд, бо назари нек менигарад ва дар бораи онҳо бо як самимият сухан мегӯяд. Ҳамин тавр ӯ бо Сино, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ ҳамфикр будааст. «Тазкиратушшуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ қимати бузурги илмӣ дорад. Услуби нигориши тазкира низ хеле сода буда, асари бадеиро ба ёд меорад. Аз ин ҷиҳат ҳам ба хонанда завқи бадеӣ ва эстетикӣ мебахшад. Ҳикояю ривоятҳои бадеии дилчасп, ки муаллиф дар бораи шоиру нависандагони классикии тоҷику форс овардааст ё эҷод кардааст, аз истеъдоду маҳорати нависандагии соҳиби тазкира шаҳодат медиҳанд. Аз ин ҷост, ки барои равшан намудан ва омӯхтани афкори эстетикии асрҳои гузашта «Тазкиратушшуаро» аҳамияти калонеро дорост.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ.** Адиб солҳои 20-уми асри XV дар деҳаи Байҳақи ноҳияи Сабзавори Эрон таваллуд ёфтааст. Ӯ дар Сабзавор касби камолот намудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба аксари илмҳои замонааш таваҷҷӯҳ дошта, бештари онҳоро омӯхтааст.

Махсусан, пешаи воизиро хеле хуб медонист ва дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XV–XVI шӯҳрати хоссае дошт. Аз ин ҷост, ки чанд муддат дар Нишопур ва Машҳад зиндагӣ намуда, воизӣ кардааст. Соли 1455 Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба Ҳирот меояд. Ҳусайн баъдтар бо намояндагони мактаби адабии Ҷомӣ ва шахсан бо худи ӯ шинос шуда, шогирди ӯ мегардад. Ниҳоят, дар Ҳирот соли 1505 аз дунё чашм мепӯшад.

Кошифӣ ба наслҳои оянда осори бузурги илмию адабӣ мерос гузоштааст. Миқдори асарҳои ӯро аз 40 зиёд медонанд, ки онҳо доир ба панду ахлоқ, ҳадис, нуҷум, риёзиёт, таърих, санъати иншонависӣ, санъати воизӣ, адабиётшиносӣ ва ғайра бахшида шудаанд. «Кашфуласрор» (доир ба тасаввуф), «Махзанулиншо» (доир ба санъати иншонависӣ), рисолаи «Ҳотамия» (нақлу ривоятҳо доир ба Ҳотами Той), «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» (доир ба ахлоқ) аз ҷумлаи асарҳои пурарзиши Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таърихи адабиёт маҳз бо асарҳои ахлоқиаш, ки мо дар боло номбар кардем, шӯҳрати баркамол дорад. Ӯ асари «Калила ва Димна»-и нависандаи асри XII Абулмаолӣ Насруллоро, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда буд, аз нав таҳрир менамояд ва ба он номи «Анвори Суҳайлӣ»-ро мегузорад.

Як фарқи ҷиддии «Анвори Суҳайлӣ» аз «Калила ва Димна», пеш аз ҳама, дар он аст, ки Кошифӣ аз забони персонажҳои асар фикру мулоҳизаҳои шахсии худро дар бораи тарбияи инсон дар оила ва дар ҷамъият, нуқтаи назари худро дар бораи принсипҳои давлатдорӣ, ахлоқ ва ғайра баён мекунад. Инчунин забон ва тарзи баёни «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ

Насруллоро мувофики шавку завки хонандагони асри худ тағйир дода, хеле сода ва фаҳмотар мегардонад. Ба чои шеърҳои арабӣ, ки дар «Калила ва Димна» хеле зиёд буданд, шеърҳои панду ахлокии адибони маъруфи форс-точикро дохил менамояд.

Аҳамияти «Анвори Суҳайлӣ» дар он аст, ки нависанда дар зимни ҳар як хикоят, ҳар як персонаж ахлоки ҳамидаи инсониро ташвику тарғиб намуда, инсонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Афкори таълимию тарбиявии асари мазкур хеч гох кимату арзиши худро гум намекунад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар байни солҳои 1500–1501 асари ахлокии дигари худ «Ахлоки Мӯҳсинӣ»-ро навишта ба анчом мерасонад. Асари мазкур аз мукаддима ва 40 боб иборат аст. Муаллиф дар ҳар як боб доир ба як масъала мулохиза меронад ва мулоҳизаҳои худро бо ҳикоятҳои пандомез чамъбаст кардааст. Гоҳо фикрашро бо шеърҳои панду ахлокии шоиронп гузашта ва инчунин шеърҳои худаш тақвият медиҳад.

**Савол ва супориш.**

1. Мавкеи марказҳои илмиву адабӣ дар пешрафти маданияти точик чӣ гуна буд? 2. Чаро аввал илмҳои дакик на баъдтар фанҳои динӣ тараккӣ карданд? 3. Аҳамияти асарҳои таърихиро дар равшан намудани ҳодисаҳои сиёсии асрҳои XV–XVI дар чӣ мебинед? 4. Оё асарҳои адабиётшиносии ин асрҳо аз карнҳои пешин фарк доштанд? 5. Дар он давра кадом санъатҳо тараққӣ намуданд? 6. Мусикашиносони ин асрҳо дар такомули «Шашмаком» чӣ хизмат карданд? 7. Фикри шумо дар бораи тамоилҳои адабии ин асрҳо чӣ гуна аст? 8. Бештар кадом жанрҳои адабӣ инкишоф ёфтанд? 10. Оё аз чиҳати шаклу мазмун дар адабиёти ин асрҳо ягон навоварие ба вучуд омад? 11. Пайравони Низомии Ганчавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ чаро ба ҳамаи асарҳои онҳо чавоб нагуфтанд? 12. Мактаби адабии Чомӣ чӣ хусусият ва чӣ аҳамият дошт? 13. Чаро адабиёти асри XV-ро чамъбасти 500-солаи адабиёти точику форс мегӯем? 14. Фикри шумо дар бораи адабиёти асрҳои XV–XVI чӣ гуна аст?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. С. Айнӣ. Навоӣ, ч. 11, кисми 1 «Ирфон», Душанбе, 1963.
2. Е. Э. Бертельс. Джами, эпоха, жизнь, творчества. Сталинабад, 1949.
3. А. Мирзоев. Биноӣ, Нашрдавточик. Сталинобод, 1957.
4. А. Афсаҳзод. Адабиёти форсу точик дар нимаи дуюми асри XV. «Дониш», Душанбе, 1987.
5. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти точик» барои синфи 9. «Маориф», Душанбе, 1986.

# АБДУРАХМОНИ ҶОМӢ
## (1414-1492)



*Ҷомӣ дар осори худ соҳирона такомули панҷсадсолаи адабиёти гузаштаро ҷамъбаст мекунад. Аз рӯи осори Ҷомӣ бо камоли боварӣ метавон ҳукм кард, ки дар қарни XV аз мероси гузашта чӣ чиз боқӣ монда ва чӣ аз байн рафта будааст.*

*Е. Э. Бертелс.*

Ҷомӣ олим, мутафаккир, шоир, нависандаи барҷастаи халқи тоҷик буда, дар осмони илму адаби асри XV монанди як ситораи дурахшон ҷилвагар аст.

Ӯ адабиёти зиёда аз 500-солаи форс–тоҷикро дар тамоми соҳаҳо бо асарҳои баркамолаш ҷамъбаст намудааст. Ҷомӣ ифтихори халқи тоҷик ва тоҷикзабонон аст.

**Тарҷумаи ҳол**

Номи асосии ӯ Абдураҳмон, лақабаш Нуриддин буда, бо тахаллуси Ҷомӣ дар тамоми дунё машҳур гардидааст. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ 7 ноябри соли 1414 дар деҳаи Харгарди вилояти Ҷом ба дунё омадааст. Падар ва бобои Ҷомӣ мардони бофазлу дониш буданд. Ҳангоме ки Ҷомӣ 11-сола мешавад, оилаи онҳо аз вилояти Ҷом ба Ҳирот меоянд. То ин дам Абдураҳмон дар Ҷом, дар назди падараш Низомиддин Аҳмад ҳату саводи пурра бароварда, инчунин сарфу навҳи забони арабиро низ то андозае аз худ карда буд. Дар ин бора яке аз шогирдони вафодори Ҷомӣ Абдулғафури Лорӣ чунин менависад: «Рӯзе сухан аз устодон ва муаллимони ҳазрати эшон (Ҷомиро дар назар дорад) дар миён афтод, фармудаанд, ки мо ба ҳақиқат шогирди падари худем, ки забон аз вай омӯхтаем».

Баъд аз ин Абдураҳмон дар Ҳирот, дар мадрасаи Низомия таҳсили илмро давом медиҳад. Ӯ дар назди Мавлоно Ҷунайди Усулӣ забони арабӣ, асарҳои «Мухтасарулмаонӣ», «Алмутаввал»-и Саъдиддини Тафтазониро, ки оид ба илми баён буданд, омӯхта доир ба илмҳои ҳикмат ва мантиқ аз олимони машҳури замон Хоҷа Алии Самарқандӣ ва Шаҳобиддин Муҳаммади Ҷочармӣ сабақ мегирад.

Ҷомӣ аз кӯдакӣ зеҳни бурро ва ақли расо дошт. Ӯ дорои хислати аҷибе буд: ба ҳар як чиз, ба ҳар як ҳодиса аз нуқтаи назари танқидӣ, кунҷковӣ назар мекард, бештар ба илмҳои дақиқ майлу рағбат дошт. Ҷомӣ ба як бор хондан моҳияти асосии масъаларо дарк мекард. Ӯ монанди шогирдони ди-

гар дар баҳсу мунозираҳо худнамоӣ намекард, баръакс, дар он ҷойҳо орому ботамкин буд. Суханони Ҷомӣ қатъӣ буданд ва факту далелҳои раднашаванда доштанд. Аз ин рӯ, ӯ ҳамеша дар баҳсу мунозираи муллобачагон ғолиб мебаромад. Қобилияту истеъдоди Абдураҳмони Ҷомӣ чунон бузург буд, ки ҳатто устодон аз ӯҳдаи дарс додани ӯ баромада наметавонистанд. Дар ин бора муаллифи «Бадоеулвакоеъ» Зайниддин Маҳмуди Восифӣ нақли аҷибе овардааст, ки он «Хамсаи мутахайира» («Панҷгонаи ҳайратовар») ном дошта, мазмуни зерро дар бар мегирад.

Онҳо панҷ нафар буданд, панҷ нафар толибилм, донишҷӯ. Ҳоло онҳо дар ҳуҷраи мадраса нишаста, устоди худро интизоранд. Устод Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ вориди ҳуҷра шуд. Шогирдон – Абдураҳмон, Ҳусайн, Шамсиддин, Довуд, Муиниддин аз ҷой хеста ба устод салом доданд. Дарс сар шуд. Муаллим аз онҳо вазифаи хонагиро пурсид. Ҷавоби пурра ва саҳеҳ медоданд. Мавлоно ба шогирдон асари олими машҳур «Шарҳи таҷрид»-и Мавлоно Алии Қӯшчиро тадрис мекард. Ҳангоми шарҳу маънидоди баъзе масъалаҳои асар дар байни муаллиму шогирдон баҳсу мунозира авҷ мегирифт, гоҳо шогирдон ғолиб мебаромаданд.

– Чӣ бояд кард? «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ» гуфтаанд, – андеша мекард, роҳ меҷуст устод.

– Пас фикру тадбир он аст, ки ман худамро касал кунам ва шогирдонро дар кӯи бекорӣ андозам. Вале бояд ман дар ин муддат шабу рӯз мутолиа кунам ва ба дарсгӯии шогирдон нағзтар тайёр шавам.

Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ шогирдонро ба мӯҳлати 40 рӯз бо сабаби «касалӣ» ва ба «табобат» машғул шудани худ ҷавоб дод. Вале шогирдон сабаби касалии устоди худро пай бурданд. Бинобар ин онҳо қарор доданд, ки ҳар рӯз дар масҷиди Мулкон ҷамъ омада, як нафарашон муаллим шавад.

Ба ҳамин тариқ, дар муддати 40 рӯз ба навбат дарс гуфтанд ва дониши худро такмил доданд. Мавлоно Ҷоҷармӣ ҳам дар ин муддат шабу рӯз пайваста дар мутолиа буд. Барои шогирдони «гапнодаро» саволу супоришҳои ниҳоят душворро тайёр мекард.

Ӯ аз он хурсанд буд, ки дониши зиёде гирифтааст ва он метавонад ба таълими яксолаи шогирдон кифоят кунад.

Ниҳоят рӯзи 40-ум ба шогирдон хабар медиҳанд, ки устод аз «бистари беморӣ» хестааст ва имрӯз дарс мегӯяд. Онҳо ба дарс ҳозир шуданд.

Мавлоно ба шарҳи як масъалаи мураккаб сар кард. Шогирдон пеш аз устод ҷавоб доданд. Мавлоно ҳайрон шуд ва гуфт:

– Шогирдони азизам, ман касал набудам, мутолиа кардам, хондам, то ки ба шумо дарс гӯям. Вале, хушбахтона, шумо бузург, устод шудаед. Ҷавон ҳам бошед, дигар шуморо ҳеҷ кас қудрати дарс додан надорад. Ҳамаи илмҳоро аз худ кардаед. Ба шумо роҳи сафед металабам.

Он чор нафар шарикдарсони Ҷомӣ, ки зикрашон дар боло рафт, дар ҳақиқат олимони машҳури замони худ шуданд.

Баъд аз ин ҳодиса Абдураҳмони Ҷомӣ дар синни 23-солагиаш ба Са-

марқанд меояд. Ҷомӣ чанд муддат дар назди Қозизодаи Румӣ аз илмҳои ҳисоб, риёзиёт ва нуҷум таълим мегирад. Ӯ на танҳо дар назди устодаш дарс мехонад, балки ба корҳои илмии Қозизода ёрӣ мерасонад.

Ҷомӣ дар базмҳои муллобачаҳо иштирок намекард, нафрат дошт. Ӯ бештар дар баҳсу мунозираҳои олимони машҳур ҳозир мешуд ва агар лозим медонист, сухан мегуфт. Ҷомӣ суханро дароз намекард. Суханҳояш мӯҷаз ва бамаънӣ буданд. Дар ҷамъомади шоирон иштирок карда, бо тааммул гӯш мекард. Вале шеър намегуфт. Пай бурдан душвор набуд, ки Ҷомӣ ба ин пешаи эҷодӣ шавқи беандоза дорад.

Абдураҳмони Ҷомӣ соли 1453 ба Ҳирот меояд. Ӯ аввал хост ба хизмати дарбор равад, вале одати хушомадгӯӣ надошт ва нарафтанро афзалтар донист. Боз чанд муддат ба таҳсили илм, аз ҷумла, илми шеър машғул гардид. Дар ин айём Ҷомӣ бо яке аз бузургони чараёни накшбандия Саъдиддини Қошғарӣ (ваф. 1456) шиносоӣ пайдо карда, ин фирқаро қабул мекунад.

Пас аз марги устоди рӯҳонии худ – Саъдиддини Қошғарӣ Ҷомӣ роҳбари маслаки Накшбандияи Хуросон мешавад. Ӯ муридони зиёд дошт, ба онҳо таълим медод, нозукиҳои маслаки накшбандияро меомӯзонд. Абдулғафури Лорӣ яке аз муридони бовафои Ҷомӣ ба ҳисоб мерафт.

**Сафарҳои Ҷомӣ.** Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳаёти худ 7 бор ба сафар баромада, шаҳрҳои Самарқанду Тошканд, Форобу Марвро тамошо кардааст. Сафари охирин ва тӯлонии Ҷомӣ соли 1472 дар моҳи август оғоз ёфт. Ӯ шаҳрҳои Нишопур, Сабзавор, Бастом, Домғон, Қазвин, Ҳамадон, Бағдодро саёҳат карда, бо арбобони илму адаби ин шаҳрҳо вохӯрд, сӯҳбатҳо орост. Дар ҳар ҷо Ҷомиро иззату эҳтиром мекарданд. Ҷомӣ Макка ва Мадинаро зиёрат карда, соли 1473 ба Ҳирот бозмегардад. Поёни умри Ҷомӣ дар Ҳирот гузашт. Ӯ ба эҷод кардани асарҳои илмиву адабӣ батамом машғул буд. Як дақиқа вақти худро бекор намегузаронд. Танҳо ба мактаби адабии Ҳирот роҳбарӣ карда, ба шоирони ҷавон маслиҳатҳои муфид медод.

Ҷомӣ дӯстони бисёр дошт, ки бо онҳо базми шеъру суруд меорост, сӯҳбатҳои дилангез мекард. Яке аз шогирдони беҳтарини Ҷомӣ Алишери Навоӣ буд. Муносибати онҳо на ҳамчун устоду шогирд, балки мисли ду дӯсти ҷонӣ, ду ҳамкору ҳаммаслак ба назар мерасид.

Абдураҳмони Ҷомӣ оилаи хуб ва фарзандони лоиқ дошт. Вале се фарзанди алиб дар тифлӣ ва хурдсолӣ вафот кардаанд. Албатта, вафоти фарзандон қалби адибро ба шӯру ғалаён овард. Дар мотами фарзандон Ҷомӣ ашки ғаму ҳасрат рехт, оҳи ҷонсӯз аз дили пурсӯз баровард. Ӯ дар марги фарзандон марсияҳо сурудааст, ки дар онҳо сӯзу гудози падари доғдида басо муассир ифода ёфтааст:

Рехти хунӣ дил аз дидаи гирёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат эй ҷони падар.
Навбаҳор омаду гулҳо ҳама рустанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро, эй гули хандони падар.

Абдурахмони Ҷомӣ 9-уми ноябри соли 1492 дар шаҳри Ҳирот вафот кардааст. Ҳангоми вафоти Ҷомӣ қариб аксарияти мардуми гирду атрофи Ҳирот либоси мотам пӯшидаанд. Ба миқдори 1000 байт дар вафоти Ҷомӣ аз тарафи шоирон марсияҳо ва китъаҳои таърихӣ эҷод шуд. Чунончи, Мавлоно Комӣ дар вафоти Ҷомӣ бо як сӯзу гудоз марсияе эҷод кард, ки дар он мавқеи ҷамъиятӣ, хислатҳои гуманистии адиб хеле равшану возеҳ инъикос ёфтааст. Мана, чанд байт аз он марсия:

Равнақи илму амал рафт, дар аъёни[1] ҷаҳон,
Зебу зинат ба ҷуз аз ҷуббаву дастор[2] намонд.

Монд аз он сарвари аҳли сухан осор басе,
Дар ҷаҳон гарчи зи аҳли сухан осор намонд.

Рӯ ба девори лаҳад монд касе, к-ӯ ҳама умр,
Баҳри роҳат нафасе пушт ба девор намонд.

Ҳаргиз озурда нашуд аз суханаш хотири кас,
Дар дил аз ӯй ба ҷуз ҳасрати дилор намонд.

Рафт, эй дил, зи ҷаҳон мӯнису ғамхори ҳама,
Ғами худ хӯр, ки дигар мӯнису ғамхор намонд.

Оромгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ дар шаҳри Ҳироти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо номи Тахти Мазор ёд мешавад, ки ҳазорон одамони ҷаҳон зиёраташ мекунанд. Шоҳи мутаассиб, ҷоҳилу беҳирад Исмоили Сафавӣ пас аз 18 соли вафоти шоир қабри Ҷомиро оташ зад, вале ба мақсад нарасид, зеро оромгоҳи шоири бузург кошонаи дили халқҳои ҷаҳон аст.

**Мероси адабӣ**

Абдураҳмони Ҷомӣ умри дарозу пурбаракате дидааст. Вале онро зоеъ нагузаронида, барои наслҳои oянда осори пурарзиши илмию адабӣ мерос гузоштааст. Ӯ қариб 50 соли ҳаёти худро ба офаридани асарҳои илмӣ ва сурудани ашъори дилангезу достонҳои барҷаста сарф кардааст. Шогирдон ва ҳамзамонони Ҷомӣ миқдори асарҳои ӯро аз 46 адад зиёд медонанд. Масалан, дар ин бора шогирди наздики Ҷомӣ Камолиддини Биноӣ чунин мегӯяд:

Ҷомӣ, он офтоби нуроӣ,
Он мунаввар ба нури субҳонӣ,
Буд аз чил зиёд таснифаш,
Рӯ дар эъҷоз карда таълифаш.

Соли 1503 куллиёти Ҷомӣ аз тарафи дӯстонаш тартиб дода мешавад, ки он нусха то замони мо омада расидааст. Асарҳое, ки дар куллиёти адиб ҷамъ оварда шудаанд, илмҳои гуногун: нуҷум, фалсафа, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, тафсир, ҳадис, фиқҳ, ахлоқ, мусиқӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Махсусан, асарҳои илмие, ки доир ба арӯзу қофия, мусиқӣ иншо шу-

---

[1] *Аъён* — бузургон, донишмандон, сардорон.
[2] *Ҷуббаву дастор* — ҷомаю салла.



Оромгохи Ҷомӣ дар Ҳирот.

даанд, қимату арзиши зиёд доранд. Асари тарҷумаиҳолии ӯ «Нафаҳотулунс» дар бораи ҳаёту фаъолияти 616 мард ва 34 зан маълумот медиҳад, ки аксарияти онҳо уламо, шайхони бузурги асрҳои гузашта ва шоиронанд. Дар «Алфавоидуззиёия» Ҷомӣ дар бораи қоидаю қонуни забони арабӣ ва усули таълими он фикру мулоҳизаҳои судбахш баён мекунад. Ҳоло ҳам дар мадрасаю мактабҳои Афғонистон, Ироқ, Ҳиндустон, Покистон ва Эрон асари мазкур ҳамчун китоби дарсӣ барои омӯхтани забони арабӣ истифода мешавад.

Вале бояд эътироф кард, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи халқи мо ҳамчун нависанда ва шоир маълуму машҳур аст. Ҳанӯз дар ҳамон замон шӯҳрат ва эътибори Ҷомӣ ҳамчун шоир ба кишварҳои гуногун паҳн шуда аст. Ба ин нукта худи Ҷомӣ ишорат карда мегӯяд:

Агар ба форс равад корвони ашъорам,
Равони Саъдию Ҳофиз кунандаш истиқбол.
В-агар ба Ҳинд расад Хусраву Ҳасан гӯянд,
Ки: « Эй ҷаҳони ҳунар, марҳабо, таол, таол!»[1]

Аз Ҷомӣ се девон, «Ҳафт авранг» (иборат аз ҳафт маснавӣ), «Баҳористон» ва «Чиҳил ҳадис» ба мо омада расидаанд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аҳамияти

[1] *Таол, таол* — хуш омадӣ, хуш омадӣ.

калони адабиву эстетикӣ мебошанд. Абдурахмони Ҷомӣ фаъолияти адабии худро аз сурудани ашъори лирикӣ – ғазал, қасида, рубоӣ, китъа ва ғайра сар кардааст ва то охири умр онро давом додааст. Дар эҷодиёти шоир ғазал мавкеи асосӣ дорад. Масалан, дар девони аввал – «Фотиҳатушшубоб» 1016 ғазал, дар девони дуюм – «Воситатулиқд» 493 ва дар девони сеюм – «Хотиматулҳаёт» 296 ғазал омадааст, ки миқдори умумии онҳо 1805 ғазалро ташкил медиҳад. Ё ба тарзи дигар гӯем, агар абёти се девон 16 ҳазору 629 байтро ташкил диҳад, аз он 13 ҳазору 17 байташ ғазал аст, ки он 78 фоизи ашъорро ташкил медиҳад. Ба ҳамин маънӣ ишора карда, худи шоир чунин мегӯяд:

Ҳаст девони шеъри ман аксар,
Ғазали ошиқони шайдоӣ,
Ё фунуни насоеҳ асту ҳикам,
Мунбаис аз шуури доноӣ.
Зикри дунон наёбӣ андар вай,
К-он бувад нақди умрфарсоӣ.

Қасида дар девонҳои шоир ҷои дуюмро мегирад, ки миқдори онҳо 53- то мебошад. Қасидаҳои Ҷомӣ ҳаҷман хурд буда, аз 8 то 15 байтро ташкил медиҳанд. Мавзӯъҳои асосии онҳо масъалаҳои фалсафӣ, панду ҳикмат, шарҳи ҳол ва ғайраро дар бар мегиранд. Қасидаҳои «Луҷҷатуласрор», «Ҷилоуррӯҳ» ва «Рашҳи бол ва шарҳи ҳол» дар мавзӯъҳои боло суруда шуда, қимату арзиши зиёде доранд. Чунончи, шоир дар касидаи «Луҷҷатуласрор» ба масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ диққат дода, таъкид менамояд, ки ҷавононро аз кӯдакӣ бояд тарбия кард, ба роҳи рост ҳидоят намуд, зеро ба ақидаи шоир, ҷавонон ҳам ба мисли дарахтони навбар ё навниҳол нозук мешаванд. Агар ин ниҳолҳо аз хурдӣ тарбият ёбанд, ҳосили аъло медиҳанд ва ҷавонон низ, чун ба камол мерасанд, корҳои нек ва судбахш хоҳанд намуд:

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

Баъдан Ҷомӣ дар қасида таъкид мекунад, ки агар шахс соҳиби дониш камолот бошад, ҳеҷ гоҳ гадо нест, ӯ шоҳ аст:

Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дил баҳри дониш, ӯ шаҳи баҳру бар аст.

Дар эҷодиёти Ҷомӣ рубоӣ, китъа, тарҷеъбанд, таркиббанд, мураббаъ, фард дида мешавад, ки онҳо аз лиҳози маънӣ ва санъати суханварӣ дар пояи баланд меистанд. Ҷомӣ дар рубоиёт ва китъаоти худ бештар фикрҳои панду ахлоқии худро ифода кардааст. Чунончи, дар китъаи зерин ба як масъалаи муҳими рӯзгори хеш дахл намуда, таъкид менамояд, ки инсон бояд меҳнатдӯст бошад. Ӯ бояд омӯхтан ва меҳнат карданро барои худ ор надонад,

аз пайи номи падар нашавад, балки фазлу ҳунари худро дар назди мардум нишон диҳад. Агар ин сифатҳоро надошта бошад, мисли шохи беҳосили дарахти мевадор аст, ки он чун хезум аст:

Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,
Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.
Шохи бебар гарчи бошад аз дарахти мевадор,
Чун наёрад мева бор, андар шумори хезум аст.

**Мазмун ва мундариҷаи идеявии ғазалиёти шоир**

Дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, чунон ки қаблан арз кардем, ғазал мавқеи асосӣ дорад.

Ҷомӣ дар сурудани ғазал ба шоирони бузурги гузашта – Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ пайравӣ намудааст:

Ин назми туст, Ҷомӣ, ё тоза дастаи гул,
К-аз «Бӯстон»-и Саъдӣ табъи Камол баста.

Ин пайравӣ дар мазмуну мундариҷа ва шаклу композитсияи он мушоҳида мешавад. Ғазалҳои Ҷомӣ асосан аз 7 байт иборатанд. Мавзӯи ғазалиёти шоир танқиди замону аҳли ҷоҳ, беадолатӣ, орзую умеди халқ ва ғайраро дар бар мегиранд. Масалан, дар ғазали поён ба аҳли ҷоҳу сарват, яъне шоҳону ҳокимони вақт хитоб карда мегӯяд, ки шумо дили осуда, зиндагии пурнишот ва айшу нӯши шоҳона доред, магар аз ҳоли мазлумон, бечорагон воқифед?

Осудадило, ҳоли дили зор чӣ донӣ?
Хунхории ушшоқи ҷигархор чӣ донӣ?
Ҳаргиз нахалида ба кафи пои ту хоре,
Озурдагии синаи афгор чӣ донӣ?
Шаб то ба саҳар хуфта ба хилватгаҳи нозӣ,
Бехобии ин дидаи бедор чӣ донӣ?

Дар ғазали дигараш Ҷомӣ амалдоронро сахт мазаммат намуда, таъкид менамояд, ки шумоёнро замонаи «номард» соҳибмансаб кард, вале шумо дар асл нокасу бадкирдоред. Ҳеҷ кас ба ин беадолатии замона ризо нест, вале маҷоли сухан гуфтан надоранд. Аз ин роҳ баргардеду ба халқ некӣ кунед:

Ғарра машав, ки хоҷа ба некӣ ситоядат,
Бадмардии замона туро некмард кард.
Гар кард хун дилам, чу забон аз сухан, вале,
Бо ӯ киро маҷоли сухан, ҳар чӣ кард, кард.

Шоир дар рӯзгори хеш медид, ки дар дарбори шоҳон як тӯда одамони қаллоб ва бехирад ҷамъ омада айшу нӯш мекунанд. Онҳо дар ҳалли бисёр

масъалаҳои муҳими давлатӣ оҷизӣ мекашанд. Ҷомӣ онҳоро ба зоғ ва чуғз монанд кардааст:

Ба қасри пирату айвони айши шоҳон бин,
Ки зоғ нағмасаро гашту чуғз қофиясанҷ.

Ҷомӣ, ки худ яке аз пешвоёни маслаки тасаввуф аст, дар зиндагӣ мушоҳида кард, ки баъзе шайхону зоҳидон ва сӯфиён дар зоҳир диндору худоҷӯянд, вале дар амал онҳо фиребгару беномусанд. Барои молу чиз оммаро фиреб медиҳанд. Шоир онҳоро ба анкабут, ки барои сайди магас тор метанад, монанд кардааст:

Шайхи шӯҳратҷӯи раъноро тамошо кун, ки чун
Дар либоси хос зоҳир шуд фиреби омро.
Мекашад доме пайи сайди магас чун анкабут,
Шоҳбозе ку, ки аз ҳам барканад ин домро?

Оре, ин шоҳбоз худи шоир аст. Ӯ пардаи фиребу найрангро аз рӯяшон кашида, сираташонро ошкор кардааст. Ҷомӣ дар бораи онҳо бо ҳаяҷону изтироб сухан меронад. Ӯ халқро даъват менамояд аз ин гуна ашхос дурӣ ҷӯянд, зеро онҳо монанди деву дад одамони бад ҳастанд. Ба ақидаи шоир бояд ҳамеша бо некон, бо хирадмандон ҳамсӯҳбат шуд:

Дило, зи кайди ҳарифони бехирад бигрез,
Ту мурғи зиракӣ, аз доми деву дад бигрез.
Қабули сӯҳбати некон агар наӣ, боре,
Яке бикӯш, зи ҳамсӯҳбатони бад бигрез.

Ҷомӣ таҷрибаи бойи ҳаётӣ дорад. Ӯ инсонро ба роҳи рост ҳидоят кардааст. Шоир дар баробари мазаммати ашхоси дилсиёҳ, золиму бадкирдор, ба мардуми меҳнатӣ, ба бечорагон муҳаббати беандоза дорад. Ҷомӣ дар ғазали зер бечорагонро аз золимон ҳимоят мекунад. Шоир ба золимон хитоб карда мегӯяд, ки озор додани арбоби сафо, яъне одамони дилсоф, аз халқ тамаъ хостани шумо кори беҳирадон аст. Ҳар кореро, ки ба худ нолоиқу ноxуб донед, онро ба дигарон низ раво набинед, зеро дили мискинон мисли шиша нозук аст. Агар шиша шиканад, онро пайванд кардан мушкил мебошад:

Эй, дар ин кохи амонӣ ба ғаму шодӣ банд,
Бандаи нафси худӣ, даъвии озодӣ чанд?

Лаб ба ҳар тӯъма маёлой, ки дандон шиканад,
Бар сари хони фурӯмоя зи полудаву қанд.

Санги озор мазан бар дили арбоби сафо,
К-омад осон шикани шишаву мушкил пайванд!

Нописандида фитад таври ту, Ҷомӣ, ҳамаро,
Ҳар чӣ бар худ mаписандӣ, дигаронро mаписанд.

Ҷомӣ он касро инсони комил мешуморад, ки меҳнат мекунад ва бо меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ менамояд. Вай ба одамони хушомадгӯ, коргурез ва муфтхӯр нафрат дорад. Аз ин ҷост, ки Ҷомӣ одамонро ба нигоҳ доштани шарафи инсонии худ даъват кардааст. Ӯ дар ин байти ғазалаш касеро, ки аз пайи молу мулк шабу рӯз дар такопӯй аст, мазаммат намудааст ва онҳоро ба қаноат, ба роҳи ҳақ, ба тоату ибодат ҳидоят кардааст:

Ҷомӣ, ба мулку молу ба ҳар сифла дил мабанд,
Кунҷи фароғу ганҷи қаноат туро бас аст.

Дар ғазали дигараш шоир кашидани озори миннати дунон, сифлагонро нафратовар ва беномусӣ ҳисоб мекунад. Бинобар ин бо камии худ қаноат карданро авлотар мешуморад:

Ҷомӣ, зи хони ризқ чу ноне кифоят аст,
Озори бори миннати дунон чаро кашам?

Шоир дар ғазалиёташ ишқи аллоҳ ва баъдан ишқи поки инсониро сурудааст. Бесабаб нест, ки шоир «Кори Ҷомӣ ишқи хубон аст», – мегӯяд. Адиб гоҳе аз дидори ёр шоду масрур мегардад, меболад, ба хаяҷон меояд ва маъшуқаи худро ҳамчун як бут парастиш мекунад:

Ҷомӣ, аз ман саҷдаи тоат маҷӯй,
Чун ман акнун пеши бут сар мондаам.

Барои он ки ёри маҳбуб хуршеди авҷи кибриё аст, мегӯяд шоир, – бе ӯ зиндагӣ лаззате, саодате, мақсаде надорад. Ёру маҳбубаи қаҳрамони лирикӣ парвардигор мебошад:

Бар хоки раҳ чу соя фитодему ҳамчунон,
Хуршеди авҷи кунгураи кибриёст[1] ёр.

Қаҳрамони лирикӣ аз рӯза гирифтани маҳбубаи худ розӣ нест. Зеро ёри ӯ муҷассамаи олами зебоист ва рӯза ӯро беҳолу бемадор, харобу лоғар мекунад. Аз ин ҷост, ки шоир аз ёри худ хоҳиш ва илтиҷо мекунад, ки рӯза нагирад:

Нашояд, эй маҳи хуршедрух, туро рӯза,
Ки нест бар маҳу хуршед ҳеҷ ҷо рӯза...
Тани ту коҳаду ҷони ҳазор сӯхтадил,
Макун, макун, ки набошад туро раво рӯза.
Басе намонд, ки созад чу моҳи нав борик.
Маро фироқи ҷамоли туву туро рӯза.

---

[1] *Кибриё* – бузургӣ, азамат, авҷи фалак.

Ҷомӣ дар ғазали «Ид шуд» ҳамчун як ошиқи бебоку ҳиссиётпарвар намудор мешавад. Барои ӯ дидани ёр, дидори ёр ид аст. Шоир аз ҳама идҳо (қурбон, рамазон) ҳамон соату вақтеро, ки ба дидори ёраш мушарраф шудааст, авлотар мешуморад. Албатта, ёри қаҳрамони лирикӣ Худои Мутаол аст ва шоир ишқи ӯро сурудааст:

Ид шуд, ҳар кас зи ёре идие дорад ҳавас,
Иди мову идии мо дидани рӯи ту бас.
Иди мардум дидани маҳ, иди мо дидори ту,
Ҳамчу иди мо муборак нест иди ҳеҷ кас.

Дар ин ғазал ҳиссиёти ботинии шоир басо рангин ва зебо ифода ёфтааст. Ҷомӣ ҳангоми баёни матлаб аз санъати таносуби сухан, такрор, тавсиф ва тазод бо камоли маҳорат истифода бурдаст. Такрор ёфтани калимаи «Ид», муқобил гузоштани «Ид» бо «Иди мардум» ба ғазал оҳанги зебо бахшидаанд, ҷозиба ва самимияти онро афзун гардонидаанд.

Дар ғазалиёти шоир табиат бо як зебоии нотакрори шоирона тасвир ёфтааст. Фасли баҳор, тамошои бӯстон, шукуфтани гулҳо умрро дароз карда, ба инсон рӯҳу мадори тоза мебахшанд ва бояд ҳар як фард аз зебоиҳо истифода барад. Чунин аст мақсади Ҷомӣ:

Мехиромад сӯи бустон шоҳиди раънои гул,
Меравад оби равон, то сар ниҳад бар пои гул.
Ёфт абр аз сим ришта, сӯзан аз зар сохт меҳр,
То сабо дӯзад кабои лутф бар болои гул.

**«Ҳафт авранг» ва таркиби он**

Абдураҳмони Ҷомӣ натанҳо дар сурудани жанрҳои хурди лирикӣ мартабаи бузург дошт, балки дар эҷод намудани достонҳои ҳаҷман калони ишқӣ, ахлоқӣ маҳорату истеъдоди комилро доро буд. Ӯ дар солҳои охири ҳаёташ дар пайравии «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ 7 достони мустақил гуфтааст. Ба ҳамин тариқ, миқдори достонҳои «Хамса»-ро зиёд намуда, ба 7 расондааст.

Ҷомӣ ин ҳафт достони худро ба ҳафт хазинаи пурганҷ, ба ситораҳои Ҳафт додарон монанд кардааст. Агар, мегӯяд шоир, ин Ҳафт додарон дар осмон шӯҳратманд бошанд, ин ҳафт достони ман дар замин бо номи «Ҳафт авранг» мақоми хоса доранд:

Ин ҳафт сафина дар сухан якранганд,
В-ин ҳафт хазина дар гуҳар ҳамсанганд.
Чун ҳафт бародаранд бар чархи баланд,
Номӣ шуда бар замин ба «Ҳафт авранг»-анд.

Достонҳои Ҷомӣ чи аз ҷиҳати бандубасту композитсия ва чи аз ҷиҳати тасвири воқеаю ҳодисаҳо аз достонҳои Низомӣ ва Амир Хусрав фарқи калон доранд. Шоир ба ин маънӣ ишорат намуда, изҳор менамояд, ки бояд ҳар

кас бо меҳнати халоли худ зиндагӣ кунад, ном барорад. Дар офаридани асар низ бояд ҳамин тавр бошад. Вагарна ба ақидаи шоир, тири мақсуд ҳаргиз ба нишон намерасад:

Гавҳар чу тавон зи кон гирифтан,
Сустӣ бувад аз дукон гирифтан.
Ҷон аз кафи дасти хеш кардан,
Об аз нами ҷӯи хеш хӯрдан.
Беҳ з-он ки хӯрӣ ба косаи зар,
Аз ҳавзаи соқиёни дигар[1].

Ҷомӣ хурсанд аз он аст, ки ба Низомию Амир Хусрав пайравӣ кардааст, вале асарҳои ӯ махсусиятҳои худро доранд:

Ҳар сӯ ҷӯе зи об ронам,
Ҳам худ хӯрам об, ҳам хӯронам.

Мусаллам аст,ки маснавиҳои «Силсилатуззаҳаб» ва «Саломон ва Абсол» тозаэҷоданд. Панҷ достони дигар дар ҷавоби панҷ достони «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ ва Хусрави Деҳлавӣ иншо шудаанд. Инак дар зер мувофиқи тартиби соли таълифашон дар бораи достонҳои «Ҳафт авранг» ба тариқи мухтасар маълумот хоҳем дод.




**1. «Силсилатуззаҳаб»** («Занҷирҳои тиллоӣ»). Ин маснавӣ аз се дафтар, яъне се қисми калон иборат буда, дар тӯли 17 сол, дар байни солҳои 1468–1485 навишта шудааст. «Силсилатуззаҳаб» аз ҷиҳати ҳаҷм бузург буда, қариб 6200 байтро дар бар мегирад. Ин маснавии шоир бештар ба масъалаҳои некӯкорӣ, адлу дод, хизмат ба халқ, мазаммати хислатҳои бади инсонӣ: тамаъкорӣ, дурӯғгӯӣ, инчунин танқиди аҳли ҷоҳ, сӯфиёну шайхони

[1] Достонҳои Низомӣ ва Амир Хусравро дар назар дорад.

риёкор ва ғайра бахшида шудааст.

Ҷомӣ барои таквияти фикраш аз ҳаёту зиндагии шахсони бузурги таърихӣ алоқамандона ҳикояту латифаҳои намакини халқиро ба риштаи назм кашидааст.

Ҷомӣ инсонро аз ҳама чиз бузургтар мешуморад. Дар маснавии «Силсилатуззаҳаб» ва умуман дар ҳамаи маснавиҳои шоир образи инсони комил, инсони заҳматкаш дар ҷои аввал меистад. Шоир дар бораи онҳо бо як самимияту эҳтиром сухан меронад. Ҷомӣ ба шоҳону ҳокимони зулмпеша нафрат дорад. Шоир халқро қувваи пуриқтидори давлат ҳисоб мекунад. Ӯ ба ҳокимон хитоб карда чунин мегӯяд:

Ҳақ нишондат ба тахти додгарӣ,
То кунӣ пеши теғхо сипарӣ.
На ки худ теғи хунфишон бошӣ,
Офати ҷони ину он бошӣ.
Адлро рӯ ба чархи воло[1] кун,
Зулмро дар таҳи адим[2] ҷо кун.
Дасти золим агар наёрӣ баст,
Ки наёрад ба кори халқ шикаст.
Бар ҷаҳон шаҳриёр ӯст, на ту,
Соҳиби иқтидор ӯст, на ту.

Дар маснавӣ ҳикояҳои воқеие, ки аз ҳаёту зиндагии инсонҳо гирифта шудаанд, хеле зиёданд. Ҳоло барои мисол аз дафтари саввуми «Силсилатуззаҳаб» ҳикояти «Пиразане, ки роҳ бар Санҷар гирифта ва додхоҳӣ кард»-ро меорем.

Пиразане дар шаҳри Марв зиндагӣ мекард. Умраш қариб ба сад расида буд. Вай чор фарзанди ятим дошт. Зиндагиаш ниҳоят бо фақирӣ мегузашт. Бо пораи ноне аҳли оила қаноат мекарданд. Чунончи:

Хуфта дар хонаам се–чор ятим,
Дилашон бахри ним нон ба ду ним.

Як рӯз он се–чор ятим орзуи ангур мекунанд. Пиразан барои хоҳиши фарзандонашро баҷо овардан ба деҳи ҳамсоя меравад. Одамони деҳ ба пиразан як сабад ангур медиҳанд. Вале дар роҳ ду сипоҳии шоҳ аз куҷое пайдо шуда, пиразанро мезананд ва сабади ангурашро ғорат мекунанд.

Пиразан гирёну нолон ба назди шоҳи замон Санҷар меояд ва аз кирдори сипоҳиён шикоят оғоз мекунад:

Як–ду бедодгар зи лашкари ту,
Дар раҳи адлу зулм ёварӣ ту,
Ба мани хаста ғорат овардаид,
Сабадам з-орзу тиҳӣ карданд.

Дар охир ҷои гиряву лобаи пиразанро хашму ғазаб фаро мегирад. Вай хитоб карда ба шоҳ мегӯяд:

---

[1] *Воло* — баланд, ба авҷи аъло.

[2] *Адам* — нестӣ, фано.

Ин чӣ шоҳиву мамлакатдорист,
Дар дили халқ тухми ғамкорист?
Даст аз адлу дод доштай,
Золимон бар ҷаҳон гумоштай!
Чашм бикшо чу оқибатбинон,
Бингар ҳоли зори мискинон.

Суханҳои охирини пиразан ба шоҳу шоҳзодагони даврап темурӣ равона карда шудаанд. Дар ин замон шоҳзодагон ба айшу нӯш дода шуда, халқи бечора аз дасти одамони онҳо азобу ранҷ мекашид. Дар ин ҷо Ҷомии бузург суханҳои нафратомези худро ба шоҳони замонааш аз номи пиразани мазлум баён кардааст.

**2. «Саломон ва Абсол».** Ин достон соли 1480 ба анҷом мерасад ва аз 1110 байт иборат аст. Мавзӯи асосии достон ситоиши ишқи илоҳӣ буда, дар зимни он ба тариқи рамз бисёр масъалаҳои ирфонӣ ва панду ахлоқӣ баён шудаанд.

**3. «Тӯҳфатулаҳрор».** Ин достон дар пайравии достони «Махзанулас-рор»-и Низомӣ ва «Матлауланвор»-и Хусрави Деҳлавӣ соли 1481 навишта шудааст. Дар ин бора Ҷомӣ чунин мегӯяд:

Субҳи тараб «Матлаи анвор»-и ӯст,
Ҷайби адаб «Махзани асрор»-и ӯст.

Ҳаҷми маснавӣ 1712 байтро ташкил медиҳад. Вай аз ҷиҳати мазмун ва сабки нигориш ба «Махзанулаcрор» хеле наздикӣ дорад. Аз ҷумла, монанди асари Низомӣ маснавӣ аз ҳамду муноҷот шурӯъ гардида, пас аз он 20 мақола ё боб меояд. Ин бобҳо ба мавзӯъҳои мухталифи ирфонӣ, яъне пайдоиши оламу офариниши одам ва ғайра бахшида шуда, инчунин олимони беамал, сӯфиёни риёкор, шоирони тамаъкор мазаммат карда мешаванд.

**4. «Сабҳатулаброр»** («Донаҳои некӯкорон»). Ҷомӣ дар ин маснавӣ бештар ба масъалаҳои фалсафиву динӣ аҳамият додааст. Вай аз 2885 байт иборат буда, соли 1482 таълиф шудааст. «Сабҳатулаброр» аз муқаддима, қисматҳои анъанавӣ, 40 иқд ё фасл ва хотима таркиб ёфтааст. Шоир дар бисёр фаслҳои асараш шоҳони вақтро ба некӯкорӣ, адолатпарварӣ даъват кардааст. Дар асар тамсилҳои ахлоқӣ бештар оварда шудаанд. Ин асар аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дорад.

**5. «Юсуф ва Зулайхо».** Достони мазкур дар соли 1483 навишта шуда ҷавоб ба достони «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ мебошад. Вай а 4000 байт иборат аст. Мавзӯи достони шоир ишқ буда, яке аз маъруфтарин асарҳои Ҷомӣ ба ҳисоб меравад. Достони «Юсуф ва Зулайхо» ба эҷодиёти адибони минбаъдаи Шарқ таъсири калон расондааст.

**6. «Лайлӣ ва Маҷнун».** Ин достон соли 1484 ба итмом мерасад ва дорои 3860 байт аст. Ҷомӣ достони худро дар ҷавоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ сурудааст. Мавзӯи достон ишқ аст.

**7. «Хираднома и Искандарӣ».** Достони охирини «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ ба шумор меравад.

**Достони «Хирадномаи Искандарӣ» ва фарқи асари Ҷомӣ аз дигар «Искандарнома»ҳо**

Искандар дар адабиёти ҷаҳонӣ яке аз образҳои барҷаста ба ҳисоб меравад. Дар бораи ҳаёту зиндагӣ ва кору амалиёти Искандари таърихӣ, ки дар солҳои 356–323 то мелод дар Юнони қадим умр ба сар бурдааст, асарҳои зиёди таърихӣ ва адабӣ офарида шудаанд. Дар адабиёти тоҷику форс аввалин шоире, ки дар бораи Искандар асар эҷод кардааст, Абулқосими Фирдавсӣ мебошад. Вай дар қисмати таърихии «Шоҳнома» ҷангу хунрезиҳо, забту лашкаркашиҳои Искандарро хеле ба тафсил ҳикоят мекунад. Фирдавсӣ Искандарро ҳамчун шоҳи ғоратгар, золим ва забткор, ки дар ҳақиқат ҳамин тавр буд, нишон додааст. Ин хусусият дар «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ ба назар намерасад. Дар Низомӣ Искандар шоҳи кишваркушо, далеру шуҷоъ ба қалам дода шудааст.

Ҷомӣ дар эҷод намудани достони «Хирадномаи Искандарӣ» ба Низомӣ ва Амир Хусрав пайравӣ кардааст. Вале достони ӯ аз достонҳои дар боло номбурда фарқи калон дорад. Агар дар «Шоҳнома» ва «Искандарнома» ҳарбу зарби майдони ҷанг, қатлу горат, қаҳрамонию фидокории Искандар дар ҷои аввал бошад, дар достони Ҷомӣ ақлу зиковати инсони хирадманд мавқеи асосӣ дорад. Дар асари Ҷомӣ Искандар пеш аз ҳама ҳамчун шоҳи бомаърифату хирадманд тасвир ёфтааст. Аз ин ҷост, ки Ҷомӣ ба достон номи «Хирадномаи Искандарӣ»-ро муносиб дидааст.

Асари Ҷомӣ низ мисли достонҳои дар боло зикршуда дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф эҷод шудааст. Достон аз 2315 байт иборат буда, соли 1485 ба анҷом мерасад.

**Сюжети асар.** Пас аз баёни бобҳои анъанавӣ – наъту муноҷот қисмати асосии достони «Хирадномаи Искандарӣ» шурӯъ гардидааст. Файлақус[1] подшоҳи Юнонзамин дар айёми пиронсолагиаш писардор мешавад. Ӯро Искандар (Александр) меноманд. Файлақус Искандарро ба тарбияи Арасту[2] медиҳад. Арасту ба Искандар илмҳои гуногунро пурра меомӯзонад. Файлақус дар назди олимони бузург аз писараш имтиҳон мегирад. Ӯ аз донишу фаросат ва маърифати фарзандаш хурсанд мешавад. Баъд аз ин Файлақус аз Арасту хоҳиш мекунад, ки барои пеш бурдани кори давлатдории Искандар хирадномае нависад. Арасту хирадномаро ба анҷом мерасонад. Дар ин айём Файлақус вафот мекунад. Искандар ба масанди шоҳӣ менишинад. Баъди ин дар достон хирадномаҳои олимони бузург Арасту, Афлотун (Платон), Суқрот (Сократ) ва боз чор донишманди дигар оварда мешаванд. Ин хирадномаҳо бештар характери таълимию тарбиявӣ доранд. Пас аз ҳар як хираднома Ҷомӣ барои тасдиқи фикраш аз ҳаёти шахсони бузург саргу-

[1] *Файлақус* – Филипп II, подшоҳи Юнон, соли 336 пеш аз милод ба қатл мерасад.

[2] Арасту ё Аристотолис – Аристотел, файласуфи машҳури Юнони қадим. Дар байни солҳои 384–312 пеш аз милод умр ба сар бурдааст.

заштеро нақл намуда, инчунин ҳикояҳои тамсилӣ меорад. Мазмуни ҳикояҳои овардашуда ба хираднномаҳо сахт алоқаманд мебошанд.

Дар давраи ҳукмрониаш Искандар роҳи адлу додро пеш мегирад. Ӯ ба мамлакатҳои гуногуни Ғарбу Шарқ лашкар кашида, онҳоро забт менамояд ва шаҳрҳо бино мекунад. Ба Хитой рафта, бо хоқон сулҳ мебандад ва аз ӯ дар бораи қаноату шикастнафсӣ панди судманд мегирад. Аз он ҷо ба Ҳиндустон лашкар кашида, бо бараҳманон (донишмандони Ҳинд) вохӯрда, сӯҳбат менамояд. Баъд ӯ ба шаҳре мерасад, ки дар он шаҳр на шоҳ ҳасту на гадо. Ҳама баробар ва бародарона зиндагӣ мекунанд. Зулму истисмор тамоман нест. Искандар хеле мутаассир мешавад. Ӯ аз одамонаш ҷудо шуда ба кӯҳи Қоф меравад. Аз он ҷо пас гашта роҳи ватанро пеш мегирад. Вале ҳангоми бозгашт, дар биёбоне вафот мекунад. Даҳ нафар ҳаким Искандарро ба некӣ ёд мекунанд. Пас тобуташро ба Искандария ба назди модараш меоранд ва ҳакимон ба модари Искандар таъзияномаҳо менависанд. Бо ҳамин достон ба охир мерасад.

**Идеяи шоҳи одил ва маърифатпарвар.** Аз сюжети достон чунин ба назар мерасад, ки Искандар аз рӯзе, ки ба сари тахт нишаст, дар кишвар адлу адолатро барқарор намуд. Сониян, ба ҳар мамлакате, ки рафт, барои ободию осудагии мардуми онҷо кӯшиш мекард, шаҳрҳои нав месохт. Аз ин ҷиҳат достони Ҷомӣ, ба маснавиҳои шоирони гузашта то андозае шабеҳ аст. Ба ақидаи Ҷомӣ танҳо шоҳи донишманд одилу халқпарвар мешавад. Искандар ҳам марди фозил ва хирадманд буд. Ӯ мамлакатро аз рӯи хираднномаҳо, ки онҳоро файласуфон навишта буданд, идора мекард. Дар ин ҷо адиб роли хирадро баланд бардоштааст. Ҷомӣ ба ҳамин маънӣ ишорат карда мегӯяд:

Кунун кардаам пушти ҳиммат қавӣ,
Диҳам маснавиро либоси навӣ.
Куҳан маснавиҳои пирони кор,
Ки мондаст аз он рафтагон ёдгор,
Агарчи равонбахшу ҷонпарвар аст,
Дар ашъори нав лаззати дигар аст.
Ба як силк хоҳам чу гавҳар кашид
Хираднномаҳо, к-аз Сикандар расид.
Хираднома з-он ихтиёри ман аст,
Ки афсонахонӣ на кори ман аст.
Зи асрори ҳикмат сухан роидан,
Беҳ аз қиссаҳои куҳан хондан.

Идеяи шоҳи одил аз эҷодиёти даҳанакии халқ сарчашма мегирад. Дар ҷамъияти ғуломдорӣ ва феодалӣ мардуми оддӣ ҳамеша аз шоҳону ҳокимони вақт зулму бедодӣ медиданд. Бинобар ин, орзу мекарданд, ки шоҳон одил ва адолатпарвар бошанд. Ин танҳо як орзуи хаёли хоме буд, ки халқ дар осораш, дар зимни нақлу ривоятҳо, афсонаю қиссаҳо ифода кардааст. Ғояи шоҳи одил аз эҷодиёти даҳанакии халқ ба асарҳои шоирони бузурги

мо дохил гардидааст. Ҷомӣ бошад, ин идеяро дар симои Искандари таърихӣ нишон додааст. Искандари Ҷомӣ марди фурӯтан ва фозилу доност. Ҳангоме ки падараш вафот мекунад, мисли бисёр шоҳзодагони темурӣ-Бадеуззамон, Ёдгормирзо, Халилсултон, Абӯсаид, Абдулатиф ва дигарон барои ҷоҳу мансаб талош накарда, хуни бародару падарро нарезонда, ба тахти шоҳӣ наменишинад. Ӯ ба халқ муроҷиат карда мегӯяд, ки ман даъвои подшоҳӣ надорам. Ҳар касеро қабул кунед, ихтиёр доред. Ман ҳам мисли шаҳрвандони ин кишвар ҳастам, бартарие надорам:

Надорам зи кас пояи бартарӣ,
Ки бошад маро вояи[1] сарварӣ.
Зи хайли шумо ман яке дигарам,
Хаёли сарӣ нест андар сарам.
Маро бо шумо нест рои хилоф,
Аз ин тирагӣ дорам оина соф.
Биҷӯед аз баҳри худ меҳтаре,
Карампарваре, маъдалатгустаре[2],
Бувад бо раоё[3] ҳама чарбу нарм,
Нигаҳдори эшон зи ҳар сарду гарм.

Аммо халқ аз Искандар дида шахси лоиқу арзандаро наёфта, худи ӯро ба маснади шоҳӣ даъват менамояд:

Ки: «Шоҳо, сару сарвари мо туӣ!
Зи шоҳон ҳамин меҳтари мо туӣ».

Искандар, ҳангоме ки ба тахт менишинад, қасам ёд мекунад, ки ҳаргиз аз роҳи адолат намегардад:

Зи илҳоми адлам кунад баҳраманд,
Наёфтад ба ҷуз адл ҳеҷам писанд.

Ӯ танҳо як мақсаду як орзуе дорад:

Раҳонам зи ғам ҳар ғамандешро,
Кунам марҳаме ҳар дили решро.
Чу шоҳ аз раият бувад комхоҳ,
Гадо бошад андар ҳақиқат, на шоҳ!

Ҷомӣ дар баёни ин масъала, яъне интихобӣ будани шоҳ нисбат ба гузаштагон ва ҳамзамононаш қадами ҷиддие ба пеш ниҳодааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ лоиқи подшоҳӣ ҳамон шахсеро медонист, ки бомаърифат, донишманду хирадманд бошад. Илова бар ин, шоҳ дар идора кардани давлат бояд бо ҳакимон ва фозилон машварат кунад. Зеро:

Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.

---

[1] *Воя* – ҳоҷат, мурод.

[2] *Маъдалатгустар* – адолатпарвар, боинсоф.

[3] *Раоё* – раият, халқ.

Агар шохи даврон набошад ҳаким,
Бувад дар хазизи[1] ҷаҳолат муқим.

Идеяҳои шоҳи одилу бомаърифат дар достон узван бо ҳам алоқаманданд. Онҳо якдигарро инкишоф ва такмил медиҳанд. Зеро, ҳангоме ки мо шоҳи одил мегӯем, ҳамоно хирад, дониш пеши назар меояд. Шоҳ ба ақидаи Ҷомӣ, ҳаргиз бе донишу хирад одил шуда наметавонад. Ҳатто модари шоҳ дар анҷоми достон ба хирадмандон изҳори миннатдорӣ мекунад, чунки маҳз дар натиҷаи тарбия ва бо маслиҳату машварати онҳо Искандар шоҳи одилу адолатпарвар шудааст:

Зи анфосатон гашт ҳал мушкилам,
Ба сарҳадди ҷамъият омад дилам.
Дар ин нилгун кохи минонамо,
Ҷаҳон ҷумла кӯранду бино шумо.
Ҷаҳон аз шумо матраҳи[2] нур бод
В-аз он нур чашми бадон дур бод!

Ҷомӣ дар «Хираднома Искандарӣ» ба шоҳу ҳокимони золими замонааш муроҷиат карда, онҳоро ба адлу дод даъват менамояд:

Ҷаҳонподшоҳо, дар инсоф кӯш,
Зи ҷоми адолат майи соф нӯш.
Ба инсофу адл аст гетӣ ба пой,
Сипоҳе чу он нест гетикушой,
Агар мулк хоҳӣ, раҳи адл пӯй,
В-агар не, зи дил он ҳавасро бишӯй.

Адиб аз подшоҳони замонааш талаб мекунад, ки онҳо ҳам мисли Искандар одил ва раиятпарвар шаванд ва аз кору рафтори ӯ ибрат гиранд.

**Пайдоиш ва ташаккули идеяи ҷамъияти хаёлӣ дар адабиёти шифоҳӣ ва китобӣ**

Достони «Хираднома Искандарӣ» ва бевосита идеяи ҷамъияти хаёлӣ дар кохи мӯҳташами адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик ва умуман адабиёти ҷаҳонӣ ҳамчун намунаи олии ақлу хиради инсон мақоми босазо дорад. Ин идея ба рӯзгори инсонҳо нуру зиё, хираду маърифат бахшида, дили онҳоро ба ҳаёти хушбахтона гарм намудааст.

Идеяи ҷамъияти хаёлӣ аз эҷодиёти даҳонакии халқ сарчашма гирифтааст. Ҳанӯз аз замонҳои қадим халқи бечора дар бораи зиндагии хушбахтона, ҷамъияти бесинф нақлу ривоятҳои зиёде эҷод карда буд. Халқ шоҳи одилу ҷамъияти озодро орзу мекард. Пас, ҳангоме ки хат пайдо мешавад, ровиён ва ноқилон онҳоро ҷамъ намуда ба шакли китоб медароранд. Дар солномаҳо, асарҳои ахлоқӣ ва динӣ ин нақлу ривоятҳо бо тафсилоту тағйирот дохил мегарданд. Яке аз ҳамин гуна асарҳо, ки таърихи қариб се ҳазорсола дорад, «**Авесто**» мебошад. «Авесто» китоби муқаддаси дини зардуштист. Дар он асотир ва нақлу ривоятҳо фаровон омадаанд.

[1] *Хазиз* — пастӣ
[2] *Матраҳ* — ҷой, маскан, маҳал.

Дар бисёр наклу ривоятҳое, ки дар «Авесто» оварда шудаанд, муборизаи ду қувва – бадӣ ва некӣ инъикос ёфтааст. Қувваи бадӣ Аҳриман ва некӣ Аҳура Маздо мебошанд. Ба ҳамин тариқ, муборизаи Аҳриману Аҳура Маздо композитсияи умумии наклу ривоятҳоро ташкил медиҳанд. Аҳура Маздо ба фариштаҳои осмонӣ ва дар замин ба Йема – шоҳи одилу оқил сардор ва роҳнамо буд. Боре Аҳура Маздо ҳамаи фариштаҳо, аз ҷумла Йемаро даъват намуда огоҳ менамояд, ки ба наздикӣ зимистони сахт мешавад, барфи зиёд меборад ва аз барфу тӯфон ҳама ба зери об мемонанд, олами набототу ҳайвонот ва инсонҳо ҳам нест мешаванд. Аз ин хотир дар баландиҳо, дар ҷойҳои мувофиқ барои ҳайвоноту наботот паноҳгоҳҳо, барои одамон манзил сохтан даркор. Пас аз ин аз наботот навъҳои хушсифату бечирм, аз ҳайвонот ҷуфтҳои хубу хушзот ва аз инсонҳо танҳо ҷуфтҳои поку некӯсиришт, бофаросату хубрӯй, хушахлоқу меҳнатдӯст, далеру шуҷоъро хоста гирифтан муҳим аст. Аз инсонҳои дурӯя, фосиқу коргурез, зиштрӯй парҳез бояд кард. Ашхоси интихобшуда ҳам зоҳиран ва ҳам ботинан бояд зебо бошанд.

Қисмати аввали ривоят бо он поён меёбад, ки Йема супориши Аҳура Маздоро ба ҷо оварда, одамону набототу ҳайвоноти интихобкардаро аз хунукию тӯфон эмин нигоҳ медорад. Пас аз ин давраи дуюм оғоз меёбад. Ин «давраи тиллоӣ» гӯё ҳазор сол давом кардааст. Дар ин муддат баробарию бародарӣ асоси ҷамъиятро ташкил медод. Дигар одамон намемурданд, зулму истисмор набуд, яъне ҳамон ашхоси бехтарин дар ин давра кишварро обод намуданд. Масалан, дар қисмати Вандидод дар ин бора гуфта шудааст:

> Агар даврани Йемаи ҳукмрон боқудрат намешуд,
> Ин хунукии сахт, на гармои сӯзон, на офат,
> Дар он на пирӣ буда на мурдан,
> Ва на рашку ҳасаде, ки дев ба вуҷуд овардаст.

Аммо Йема аз ин муваффақиятҳо саргаранг мешавад, дигар ба суханони Аҳура Маздо гӯш намекунад ва даъвои худоӣ мекунад. Маслиҳатгари ӯ Аҳриман мешавад. Дар натиҷа халқ аз ӯ рӯ мегардонад. Пас аз ин Йема аз тарафи Ажадаҳак кушта мешавад.

Мазмуни мухтасари ривоят аз ҳамин иборат аст. Маҳз ҳамин ривоят барои пайдо шудани чандин асарҳои барҷастаи қарнҳои минбаъда сарчашмаи асосӣ гардид.

Дар адабиёти тоҷику форс ин идея, яъне тасвири ҷамъияти хаёлӣ бори аввал дар «Шоҳнома»-и Абдулқосим Фирдавсӣ инъикос ёфтааст. Дар асари Фирдавсӣ Йема бо номи Ҷамшед ёдовар шудааст. Мувофиқи тасвири Фирдавсӣ Ҷамшед 700 сол подшоҳӣ мекунад. Дар аввал чун дар «Авесто» одил, додгустар, халқпарвар буд. Мамлакат обод, халқ осуда, зиндагӣ пурнишот, одамон вафот намекунанд. Аз ин пешрафт Ҷамшед мағрур шуда, дигар ба суханони Аҳура Маздо гӯш намекунад, дар байни халқ худашро Яздон эълон мекунад. Ӯ осӣ мешавад ва аз тарафи Заҳҳок ба қатл мерасад.

Агар ҳар ду вариантро бо ҳам қиёс кунем, равшан мегардад, ки дар

байни онҳо монандии умумӣ бисёр назаррас аст. Дар Фирдавсӣ исмҳо тағйир ёфтаанд. Масалан, дар «Авесто» Йема, дар «Шоҳнома» Ҷамшед, дар «Авесто» Аждаҳак, дар «Шоҳнома» Заҳҳок ва амсоли ин. Дигар дар достони «Ҷамшед» тасвири «даврони тиллоӣ» ё ҷамъияти хаёлӣ сарфи назар шудааст. Фирдавсӣ тасвири онро дар қисмати таърихии «Шоҳнома» овардааст. Достони «Ҷамшед» дар қисмати аввал, яъне қисмати мифологӣ омадааст. Фирдавсӣ танҳо як қисми ривояти мазкурро дар достон оварда, онро эҷодкорона истифода бурдааст. Рӯзгори Ҷамшед то андозае унсурҳои ҷамъияти хаёлиро дар худ ниҳон дорад. Масалан, Фирдавсӣ мегӯяд:

Чунин сол сесад ҳаме рафт кор,
Надиданд марг андар он рӯзгор.
Зи ранҷу зи бад-шон набуд огаҳӣ,
Миён баста девон ба сони раҳӣ.
Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,
Зи ромиш ҷаҳон буд пуровози нӯш.
Чунин то бароmад бар ин солиён,
Ҳаметофт аз шоҳ фарри каён.
Ҷаҳон буд ба ором, аз ӯ шодком,
Зи Яздон бад-ӯ нав ба нав буд паём.

Дар «Шоҳнома» достони «Искандар» мавқеи калон дорад. Асосан бо ҳамин достон қисмати таърихии «Шоҳнома» оғоз ёфтааст. Достон аз 2417 байт иборат буда, аз ҷанги Юнону Эрон, яъне аз задухӯрди лашкари Файлакус (падари Искандар) ва Доро оғоз мегардад. Дар достон Искандар ҳамчун шахси ғоратгар қаламдод шудааст. Ӯ шаҳрҳо, мамлакатҳо ва кишвару буми зиёдеро ба зери тасарруф даровардa пеш мерафт, мекушт, ғорат мекард:

Зану кӯдаку пирамардон ба роҳ,
Бирафтанд гирён ба наздики шоҳ.
Ки: «Эй шоҳи бедор, боз ор ҳуш,
Масӯзон бару буму кӯдак макуш!»
Сикандар бар эшон наёвард меҳр,
Бар он хастагон ҳеҷ нанмуд чеҳр.
Гирифтанд аз эшон фаровон асир
Зану кӯдаки хурду барнову пир.
Сӯи Нимрӯз омад аз роҳи Буст,
Ҳама рӯи гетӣ зи душман бишуст.

Пас Искандар ба шаҳри бараҳманон мерасад. Ин боб «Рафтани Искандар ба шаҳри бараҳманон» ном дорад. Бошандагони ин шаҳр аз омадани Искандар воқиф гашта ба ӯ мактубе менависанд. Дар ин мактуб ба Искандар гӯшзад мекунанд, ки агар мақсади ту молу сарват бошад, мо аз он бенасибем. Мо танҳо донишу хирад дорем, ки инро шумо гирифта наметавонед. Искандар бо чанд нафар донишмандони румӣ ба назди онҳо меравад ва бо онҳо сӯҳбат мекунад, саволҳои зиёде медиҳад. Аз саволу ҷавоб равшан мегардад, ки бошандагони он ҷо бисёр фақирона зиндагӣ мекардаанд. Қариб

урён мегарданд, молу чиз надоранд. Мардумаш баробару бародаранд. Онхо дар саволу ҷавоб Искандарро мулзам мекунанд:

Сикандар чу рӯи барахман бидид,
В-аз он гуна овози эшон шунид,
Давону бараҳна тану пову сар,
Танаш бебару ҷон зи дониш ба бар.
Хӯру хуфту ором дар дашту кӯх,
Бараҳна ба ҳар ҷой гашта гурӯҳ.
Ҳама хӯрданишон бари мевадор,
Зи тухми гиё раста бар кӯҳсор.
Сикандар бипурсид аз хобу хвард,
Аз осоишу гарди рӯзи набард.
Хирадманд гуфт:– «К-эй ҷаҳонгир мард,
Кас аз мо нагӯяд зи нангу набард,
Зи пӯшиданӣ, ё зи густурданӣ,
Ҳама беннёзем аз хӯрданӣ».

Искандар аз ин хеле мутаассир гашта, рӯҳан тағйир меёбад. Чеҳрааш заъфарон гашта, ашк аз чашмонаш ҷорӣ мегардад:

Сикандар чу гуфтори эшон шунид,
Ба рухсора шуд чун гули шанбалид.
Ду рух зарду ду дида пуроб кард,
Ҳамон чеҳри хандон пур аз тоб кард.

Афсӯс хӯрду тавба кард. Барои ҳамин ба ҳар кас сарвату молашро бахшида, аз назди бараҳманон ба тарафи Ховар роҳ пеш гирифт:

Басе чиз бахшид бар ҳар касе,
Ба наздики эшон набуд ӯ басе.
Беозор аз он ҷойгаҳ баргирифт,
Бар он ҳамнишин роҳи Ховар гирифт.

Дар достони «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ тасвири ҷамъияти хаёлӣ каме дигархелтар омадааст. Искандар ҳангоми сафарҳои ҳарбиаш ба мамлакати шимол мерасад ва мебинад, ки кишвар бешоҳ аст, бойу камбағал надорад, фиребгару қаллоб, бекорхӯҷаю бевиҷдон нест. Онхо умри зиёд дида, дар пиронсолӣ вафот мекунанд. Дигар, мӯъҷизаи мамлакат боз он будааст, ки дузд, хиёнаткор дар сари вақт ҷазо мегирифтааст. Искандар бо лашкараш ба диёр дохил шуда, боғҳои мевадор, галаю рамаҳои сершумори беғалабон у бечӯпон ва дигар мӯъҷизоти зиёдеро мебинанд. Лашкарие аз дарахт мева мегирад, ҳамоно мебинанд, ки пушташ кӯз шудааст. Искандар ба шигифт меафтад, баъд аз ин ба хаёл меравад ва дар дил чунин мегӯяд:

Ба дил гуфт: «Аз ин розҳои шигифт,
Агар зиракӣ, панд бояд гирифт.
Нахоҳам дигар дар ҷаҳон сохтан,
Ба ҳар сайдгаҳ доме андохтан.
Маро бас буд аз ҳар чӣ андӯхтам,
Ҳисобе аз ин мардум омӯхтам.

Бад-эшон гирифтаст олам шукӯх,
Ки автоди олам шуданд ин гурӯх.
Агар сират ин аст, мо бар чием?!
В-агар мардум инанд, пас мо кием?!

Ниҳоят Искандар аз ҷаҳонгирӣ, қатлу ғорати мардумон сахт пушаймон мешавад. Ӯ бо дарду алам мегӯяд, ки агар ман пештар аз чунин мамлакат хабар медоштам, ҳаргиз дигар гирди ҷаҳон намегаштам, дину оин, кору рафтори онҳоро мепазируфтам:

Гар ин қавмро пеш аз ин дидаме,
Бар гирди ҷаҳон барнагардидаме.
Аз ин расм ва-гзашти оини ман,
Ҷуз ин дин набудӣ дигар дини ман.

Искандар аз ҳамин ҷо пас мегардад. Дигар ӯ ҷанг намекунад. Роҳи Юнонзаминро пеш мегирад, вале дар роҳ ба бемории сахт гирифтор шуда вафот мекунад.

Тавре ки дидем, дар Фирдавсӣ Искандар аз сӯҳбат ва саволу ҷавоби бараҳманон панд намегирад, ба хулосаи даркорӣ намеояд. Яъне, ӯ пас аз ин боз ба кишваркушоӣ, ғоратгарӣ машғул мегардад. Ба ҳамин тариқ, Искандар дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ то охир ҳамон Искандари таърихӣ, яъне Искандари ғоратгар, кишваркушо мемонад.

**Тасвири ҷамъияти хаёлӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ»**

Дар достон идеяи ҷамъияти хаёлӣ характери ҷамъбастӣ дошта, аз нигоҳи фалсафӣ ниҳоят қавист. Мувофиқи тасвири Ҷомӣ Искандар пас аз ҷаҳонгирӣ, тай намудани кишвару мамлакатҳои зиёд ба шаҳре, ки ҳама мардум покизарӯзгор буданд, мерасад. Аз тасвири Ҷомӣ равшан мегардад, ки Искандар аз Рум на барои қатлу ғорат, забт намудани кишвару бум, баҳру бар, бойгарию сарват, чунон ки дар Фирдавсӣ омадааст, ё на ҳамчун кишваркушоӣ, умуман лашкаркаши моҳир, ки Низомӣ нишон додааст, балки ҳамчун як марди хирадманд, ҷӯяндаи хайру эҳсон, хабарпурси ҳар як ошкору ниҳон ҷаҳонгардӣ намудааст:

Сикандар чу мегашт гирди ҷаҳон,
Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон.
Дар асйои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавме писандида дид.

Пас аз ин Ҷомӣ бевосита бо як ҳиссиёти баланд ба тасвири ҷамъият рӯ меорад. Қаблан тасвири Фирдавсӣ ва Низомиро дидем. Пеш аз ҳама ҳангоми муқоиса эҳсос мешавад, ки саволу ҷавоби Искандар бо бошандагони ин ҷамъият дар Ҷомӣ дақиқтаранд. Агар дар Фирдавсӣ бо Искандар сарвари бараҳманон, дар Низомӣ бузургони ин қавм сӯҳбат ороста бошанд, дар Ҷомӣ Искандар бо дарзӣ барин шахс саволу ҷавоб мекунад. Дар оғоз Ҷомӣ агар сифату хислати одамони ин ҷамъиятро тавзеҳ диҳад, пас аз ин бо камоли маҳорат характеру хислатҳои як гурӯҳи одамони оддиро дар рафти амалиёт нишон медиҳад. Масалан, Ҷомӣ чунин мегӯяд:

Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,
Фурӯ баста аз носазо чашму гӯш.
Начуста ба бад ҳаргиз озори кам,
Ба ҳар кори некӯ мададгори ҳам.
На з-эшон тавонгар касе, не фақир,
Ба эшон на султон касе, не амир.
Баробар ба ҳам қисмати молашон,
Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон.
На аз меҳнати кахташон сол танг,
На бар сафҳаи сулҳашон ҳарфи ҷанг.

Мулоқоту сӯҳбатҳои самимии дарзӣ бо Искандар ва тафаккуру андешаи дарзии хирадманд нуқтаи баландтарини достони Ҷомӣ ба ҳисоб меравад, ки чунин мулоқотҳоро дар Фирдавсӣ ва Низомӣ дида наметавонем. Аз ин рӯ, достони «Хираднomaи Искандарӣ» ва ҷамъияти хаёлии тасвиркардаи Ҷомӣ дар пояи олӣ меистад. Биёед саволу ҷавобҳои Искандарро бо мардуми покизарӯзгори ин ҷамъият хубтар мулоҳиза кунем.

Масалан, Искандар аз онҳо мепурсад, ки чаро ҷамъияти шумо бе подшоҳ аст? Дар ҷавоб бошандагони он шаҳр ба Искандар мегӯянд, ки дар ин ҷо зулму золимӣ нест. Бинобар ин мо ба подшоҳ эҳтиёҷе надорем:

Дигар гуфт: «Чун шохи фармонравой,
Дар ин шаҳри бе шӯр нагрифта ҷой?»
«Пайи дафъи зулм аст, – гуфтанд, – шоҳ,
Зи зулм ин вилоят бувад дар паноҳ.
Зари адл аз зулм гирад иёр[1],
Чу золим набошад, ба одил чӣ кор?!»

Ҳатто одамони оддии ин шаҳр дар суханданӣ ва нуктафаҳмӣ Искандари донишмандро мулзам мекунанд. Масалан, Искандар аз назди дӯкони дарзӣ мегузашт. Дарзӣ ӯро дида эътиборе надод, яъне аз ҷой нахест ва таъзим накард. Искандар сабаби инро аз дарзӣ пурсид. Дарзӣ дар ҷавоб чунин гуфт:

Наёяд хушам фарру[2] иқболи ту,
Чӣ созам сари хеш помоли ту?
Надорам тамаъ ганҷи симу зарат,
Чу мор аз чӣ ҳалқа занам бар дарат?

Пас аз мутолиаи боби мазкур хонанда ба дунёи фикру андеша меравад, то ки хубтару беҳтар мақсади шоир ва фалсафаи зиндагиро бифаҳмад. Аз ин хотир дар тафаккураш саволҳои зиёди беҷавоб пайдо мешаванд. Ӯ андеша мекунад, ки чаро ин ҷамъият ба подшоҳ ниёз надорад? Чаро бойу камбағал нест, ҳама баробар зиндагӣ мекунанд? Дар ҷавобҳои дарзӣ ба Искандар шоир ба кадом масъалаҳо диққат додааст? Ва ба ҳамин монанд саволҳои зиёде ӯро ноороҳат мекунанд.

---

[1] *Иёр* — баҳо, тарозуи зарсанҷ, қимат, арзиш.
[2] *Фарр* — шукӯҳ, зебой, дабдаба, тоҷи иқбол, ҳайбати шоҳон.

Воксан, хонандагон аз рӯи матн ба саволҳои зикршуда то андозае ҷавоб хоҳанд ёфт. Азбаски дар ҷамъияти тасвиркардаи Ҷомӣ зулму истисмор, ҷангу ҷидол, тӯҳмату бӯҳтон нест, одамони ин ҷамъият ахлоқи писандида доранд, ҳамфикранд, баробар кор мекунанд, ба онҳо подшоҳ ҳам лозим нест. Подшоҳ ҳам дар низоми давлат маҳз барои ҳамин корҳо лозим аст. Аз ин рӯ, ҷамъиятро бояд халқ идора кунад. Ба ҳамин тариқ, Ҷомӣ дар охири умр ба хулосае омад, ки ҷамъияти инсонӣ бе подшоҳ ва роҳбарии ӯ низ пеш рафта метавонад. Баръакс, мамлакат боз бехтар мешавад. Яъне Ҷомӣ дар ин айём аз баҳри подшоҳи одил ва бомаърифат ҳам мегузарад ва дар идора кардани давлат халқро ба мадди аввал мегузорад.

Ба саволи дуюм алоқамандона ба саволи боло ҷавоб додан лозим меояд. Дар ҷамъияти тасвиркардаи Ҷомӣ барои он бойу камбағал нест, ки мардуми он покахлоқ ва нексириштанд, онҳо дили соф, ақлу заковати баланди инсонӣ доранд. Ҷомӣ бо ин гуфтан хостааст, ки танҳо ҳамин зайл одамон чунин ҷамъиятро сохта метавонанд. Баъзе хислатҳои одамони ин ҷамъиятро Ҷомӣ дар симои дарзӣ инъикос намудааст. Дарзӣ марди ҳунарманд аст. Вай ба кори хоксоронаи худ машғул буда, узви комилҳуқуқи ин ҷамъият аст. Дарзӣ ба Искандар эътибор намедиҳад, аз ҷой намехезад, таъзим намекунад ва ин ба табъи Искандар намефорад. Дарзӣ ҷавоб медиҳад, ки ман аз ту ягон чиз талаб надорам, мӯҳтоҷи ту нестам, ман озод ҳастам.

Ҷомӣ ба воситаи овардани саволу ҷавоби онҳо мавқеи ҷамъиятии шахсро гузоштааст. Ба ин восита адиб одамони тамаъкору хушомадгӯи замонаашро мазаммат намуда, онҳоро ба назарбаландӣ ҳидоят мекунад.

Абдураҳмони Ҷомӣ ба хулосае меояд, ки дар он ҷое, ки золим нест, аз ҳар ҷиҳат мардумон бо ҳам баробар ва бародаранд, мувофиқи тавоноиашон меҳнат мекунанд, аз рӯи ақлу хирад ҳар як узви ин ҷамъият зиндагиашро пеш мебарад. Мана ҳамин аст кулминатсияи асар, нуқтаи авҷи тасвир дар асари шоири бузург. Тасвири ҷамъияти хаёлӣ на танҳо як саҳифаи дурахшони адабиёти тоҷику форс, балки ғояи олии умумиинсонии адабиёти ҷаҳонӣ аст. Ин афкори олии Абдураҳмони Ҷомӣ баъд аз чанд аср ба тарзи аниқтар дар асарҳои сотсиалистони хаёлӣ ва нависандагони барҷастаи Европа Томас Мор («Утопия», 1516), Кампанелла («Шаҳри Офтоб», 1602), Анатол Франс («Дар санги сафед», 1905) ва дигарон инъикос ёфтааст.

Вале аз ҳама муҳимаш он аст, ки Ҷомии мутафаккир дар ҳамон замоне, ки инсон хору залил, фақиру музтар гардида буд, субҳи мурод, ҷилои хуршеди саҳар, машъали рахшони адолатро орзу кард.

**Ақидаи Ҷомӣ дар бораи муносибати устоду шогирд**

Ҷомӣ дар достон зимни образҳои Искандар ва Арасту муносибати устоду шогирдро бо камоли маҳорат нишон додааст. Адиб таъкид менамояд, ки ҳар як кас бояд ҳурмату эҳтироми устод, омӯзгорро нигоҳ дорад.

Арасту рӯзе аз Искандар мепурсад, ки агар дар оянда подшоҳ шавӣ, ба ман чӣ хел муносибат мекунӣ?:

Чу мулки ҷаҳонат мусаллам шавад,
Дар он поя пои ту маҳкам шавад.
Чӣ бошад ба пеши ту миқдори ман?
Чӣ равнақ пазирад зи ту кори ман?

Искандар чунин ҷавоб медиҳад:

Бигуфто, ки бошад туро бартарӣ,
Бари ман ба миқдори фармонбарӣ...
Ба тоат туро то қадам пештар,
Бувад қадри ту пеши ман бештар.

Аз ин порчаи боло маълум мегардад, ки Искандар устодашро дар амру фармони подшоҳӣ баробар ва ҳатто аз худ бештар ҳисоб мекардааст.

Дар ҳақиқат, Искандар ҳурмату эҳтироми устодашро то охири умр ба ҷо овард. Бо маслиҳати ӯ ва дигар ҳакимон давлати бузургашро идора мекард. Боре як нафар аз Искандар мепурсад, ки чаро ӯ муаллими худ Арастуро аз падар беш ҳурмату эҳтиром мекунад? Ҷавоби Искандар:

Бигуфто: Зад ин нақши обу гилам,
В-аз он тарбият ёфт ҷону дилам.
Аз ин шуд тани ман пазирои ҷон,
В-аз он омадам зиндаи ҷовидон.
Аз ин по кушодан зи қайди адам,
В-аз он рӯ ниҳодам ба мулки қидам.

Ҷомӣ талаб мекунад, ки ҳар касе, ки муаллим дорад, то охири ҳаёташ бояд устодони худро ҳурмату эҳтиром кунад. Қадри муаллим аз падар ҳам зиёдтар аст. Зеро муаллим ба ӯ таълим медиҳад, ҳунару фарҳанг меомӯзонад ва ба шогирд бахту саодат мебахшад. Ҷомӣ афкори пешқадамро зимни образи шоҳи муктадир – Искандар инъикос намудааст. Ин ақидаи шоир то одаму олам аст, завол намеёбад, зеро чунон ки Ҷомӣ мегӯяд:

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор!

Ҷомеа ҳамеша ба омӯзгор ниёз дорад ва ҳурмату эҳтироми муаллим амрест воҷиб. Андешаҳои Ҷомӣ нисбати омӯзгор, имрӯз ҳам қимати баланди таълимию тарбиявӣ дошта, барои инкишофи маънавиёти ҳар як фарди ҷомеа мусоидат мекунад.

**«Баҳористон». Сабаби навишта шудани асар, сохт ва таркиби он**

Марги фарзандон Ҷомиро рӯҳафтода мекунад. Ҷомӣ медонист, ки фарзанд нахли муроду давоми умр аст. Ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

Аз ин ҷост, ки фарзанди ягонааш Зиёуддин Юсуф барояш бисёр азиз буд. Вале тани дардманду андоми заиф дошт.

Ҷомӣ ба таълиму тарбияи фарзанд машғул шуда, орзу дошт, ки Зиёуддин Юсуф шахси ҳунарманд, бофазлу дониш шавад ва дар оянда дар ҷамъият мавқеи худро ёбад. Аз ин рӯ, ба Юсуф хату савод омӯзонда, ӯро пайваста таълим медод, то ки инсони комил шавад, аз аслу насаби худ мағрур нашуда, илму ҳунар омӯзад.

Ҷомӣ бо ҳамин мақсад барои фарзанди худ ва барои ҳамаи толибилмон соли 1487 «Баҳористон»-ро менависад.

Ин асар аз ҷиҳати забон ва тарзи баён хеле сода аст. Вай намунаи барҷастаи насри асри XV ба ҳисоб меравад. «Баҳористон» дар пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ навишта шудааст. Вай ҳам мисли «Гулистон» аз муқаддима, 8 равза ё боб ва хотима иборат аст.

«Баҳористон» бо чунин байтҳо оғоз меёбад:

Гузаре кун ба ин «Баҳористон»,
То бубинӣ дар ӯ гулистонҳо.
В-аз латоиф ба ҳар гулистоне
Раста гулҳо, дамида райҳонҳо.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар боби аввал аз ҳаёти сӯфиёну шайхон ҳикоятҳои пандомезе меорад, ки бисёрии онҳо характери динӣ доранд. Дар боби дуюм нависанда гуфтаҳои ҳакимон, файласуфон, лашкаркашонро овардааст. Боби сеюмро Ҷомӣ ба панду насиҳати шоҳон мебахшад. Дар ин боб нависанда идеяи шоҳи одил ва раиятпарварро тарғиб мекунад. Боби чорум ҳам хеле муҳим аст. Дар масъалаи саховатмандию ҷавонмардӣ, накӯкорӣ ва шуҷоатмандӣ баҳс менамояд. Дар бобҳои панҷум ва шашум нависанда дар бораи ишқу муҳаббат ва боз бисёр масъалаҳои дигари зиндагӣ ҳикояту латифаҳои намакин ва шавқангези ҳаҷвӣ меорад.

Боби ҳафтуми «Баҳористон» ба ҳаёту эҷодиёти шоирони гузашта ва ҳамзамонаш бахшида шудааст. Ҷомӣ дар боби охирини асараш бисёр ҳико-



яту тамсилҳои ибратомӯз овардааст, ки онҳо дар бораи ҳаёту зиндагии одамон баҳс мекунанд.

**Мазмун ва мундариҷаи идеявии ҳикоятҳои «Баҳористон»**

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» ба бисёр масъалаҳои муҳими замонааш, ки дар девонҳою маснавиҳояш иброз карда буд, боз бармегардад. Ӯ танҳо як чизро мехост; орзу дошт, ки ҳаёту зиндагии халқ хуб бошад, зулму бедодгарӣ барҳам хӯрад. Нависанда ҷамъиятро ба золимону мазлумон тақсим карда, ба муқобили золимон ва бераҳмию бешафқатии онҳо мебароядд. Ӯ золимонро танқид карда, онҳоро аз шӯру исёни халқ – мазлумон огоҳ месозад. Чунончи, дар боби дуюм ҳикояте оварда шудааст, ки дар он ҳокими донишманд ба Искандар чунин мегӯяд: «Ҳар кӣ бо зердастон шеваи муштзанӣ бар даст гирад, дар лагадкӯбии забардастон бимирад:

Дило, гӯш кун аз ман ин нуктаи хуш,
Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон,
Ки ҳар кас кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон.

Ҷомӣ шоҳону ҳокимони золимро мазаммат намуда, пардаи фиребу найрангро аз рӯяшон дур мепартояд. Подшоҳон дар зери ниқоби дини мубини ислом ба халқи меҳнаткаш зулм мекарданд. Ҷомӣ ба ин гуна шоҳон нафрат дорад. Вай шоҳони бедин, яъне кофири одилро аз шоҳони диндори золим баландтар ҳисоб мекунад. Шоир дар оғози боби сеюм, ки ба ҳамин масъала бахшида шудааст, дар бораи Нӯшервони Одил чунин мегӯяд: «Нӯшервон бо он ки аз дин бегона буд, дар адлу ростӣ ягона… Дар таворих чунон мастур аст, ки панҷ ҳазор сол салтанати олам тааллуқ ба габрон ва муғон дошт ва ин давлат дар хонадони эшон буд, зеро ки ба раоё адл мекарданд ва зулм раво намедоштанд:

Адлу инсоф дон, на куфру на дин,
Он чӣ дар ҳифзи мулк даркор аст.
Адли бедин низоми оламро
Беҳтар аз зулми шоҳи диндор аст.

Дар ҳикояти дигар Ҷомӣ талаб мекунад, ки дар баробари шоҳ муқаррабон, вазирон ва дигар амалдорони вай низ бояд одил ва фуқаропарвар бошанд. «Мебояд, ки подшоҳонро мунҳиёни[1] росткирдоре бар кор бошанд, ки аҳволи раоё ва гумоштагон бароящонро ба вай расонанд»:

Чу шоҳро набувад огаҳӣ зи ҳоли сипоҳ,
Куҷо сипоҳ зи қаҳри вай эҳтироз кунанд?
Ба қасди зулм ҳазорон баҳона пеш оранд,
Ба ҷанги фисқ ҳазорон тарона соз кунанд.

Агар шоҳ одил набошад, зулм ривоҷ гирифта, пояи давлат ноустувор мегардад. Аз ин рӯ, ба мансабҳои давлатӣ шахсони поквиҷдон, росткору

[1] Мунҳиён – хабардиҳандагон.

бомаърифатро интихоб кардан лозим аст, – мегӯяд Ҷомӣ. Нависанда бештар ақидаҳои сиёсиву иҷтимоиашро зимни образҳои шоҳони идеалӣ – Искандар ва Нӯшервон, ҳакимону донишмандон ифода кардааст.

Дар «Баҳористон» нависанда дар мавзӯи таълиму тарбия фикру мулоҳизаҳои пурқимате баён кардааст. Пеш аз ҳама, асари мазкурро Ҷомӣ барои таълими писараш эҷод намудааст. Нависанда зимни як қатор ҳикояҳои «Баҳористон» аҳамияти илму донишро дар инкишофу тараққии ҷамъият нишон дода, зикр мекунад, ки илм як баҳри беканор буда, шохаҳои зиёд дорад. Бояд шахс ҳамон илмеро пурра омӯзад, ки он ниҳоят зарур бошад. Илова бар ин, шахс бояд илми омӯхтаашро дар амал истифода барад:

Илме, ки ногузири ту бошад бад-он гирой.
В-онро, к-аз он гузир бувад, ҷустуҷӯ макун.
В-он дам, ки ҳосили ту шавад илми ногузир,
Ғайр аз амал ба мӯҷиби он орзу макун!

Ҷомӣ одамонро ба дӯстию рафоқат, накӯкорӣ, саховату олиҳимматӣ даъват кардааст. Масалан, дар боби чорум ҳикояте оварда мешавад, ки қаҳрамони он ғулом аст. «Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар разияллоҳу анҳу овардаанд, ки рӯзе азимати сафаре карда буд. Дар нахлистон қавме фуруд омад, ки ғуломе сиёҳ нигоҳбони он буд. Дид, ки се қурси нон ба ҷиҳати қути вай оварданд. Саге он ҷо ҳозир шуд. Он ғулом як қурс пеши вай андохт, бихӯрд. Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу аз вай пурсид, ки:

«– Ҳар рӯз қути ту чист?

Гуфт:

– Он чӣ дидӣ.

Фармуд:

– Чаро вайро бар нафси худ исор накардӣ?

Гуфт:

– Вай дар ин замин ғариб аст, чунин гумон мебарам, ки аз масофати дур омадааст ва гурусна аст. Нахостам, ки вайро гурусна гузорам.

Пас гуфт:

– Имрӯз чӣ хоҳӣ хӯрд?

Гуфт:

– Рӯза хоҳам дошт».

Ҷомӣ дар баробари мадҳу ситоиш кардани хислатҳои неки инсонӣ, одамони бадро мазаммату сарзаниш мекунад.

Ҷомӣ хеле дуруст пай бурда буд, ки ахлоқи табақаи боло ниҳоят фосид шудааст. Ҳикояҳое, ки нависанда дар «Баҳористон» овардааст, маҳз ба ҳамин гурӯҳ хосанд:

«Писареро гуфтанд:

– Мехоҳӣ, ки падари ту бимирад, то мероси вай бигирӣ?

Гуфт:

– Не, аммо мехоҳам, ки ӯро бикушанд, то чунон чи мероси вай биги-

рам, дият[1] низ бистонам:

Фарзанд нахоҳад зи пайи мол падарро,
Хоҳад, ки намонад падару мол бимонад.
Хуш нест ба марги падару бурдани мерос,
Хоҳад, ки кушандаш, ки дият ҳам биситонад!

Дар ҷомеа барои баъзе ашхос сарвату бойгарӣ аз ҳама чиз болотар меистад. Дар рӯзгори адиб мо далелҳои зиёдеро меёбем, ки шоҳзодагон барои тоҷу тахт, молу сарват шуда ба амали ношоиста даст мезаданд. Масалан, писари Улугбек Абдулатиф барои тоҷу тахти шоҳӣ падаршро кушт.

Бар хилофи ҳикояти боло Ҷомӣ ҳикояти дигаре низ овардааст, ки дар он ду ҷавон аз табақаи поёнии ҷамъият иштирок доранд. Ҳикоят чунин оғоз меёбад: «Шабе дар масҷиди ҷомеи Миср оташ афтоду бисӯхт. Мусулмонро таваҳҳуми[2] он шуд, ки онро насоро[3] кардаанд. Ба мукофоти он оташ дар хонаҳои эшон андохтанд ва бисӯхтанд. Султони Миср ҷамоатеро, ки оташ дар хонаҳои эшон андохта буданд, бигрифту дар як ҷой ҷамъ кард ва бифармуд, ки то ба адади эшон рӯқъаҳо[4] навиштанд: дар баъзе куштан, дар баъзе даст буридану дар баъзе тозиёна задан. Ва он руқъаҳо бар эшон афшонданд. Бар ҳар кас ҳар руқъае, ки афтод, бо вай ба мазмуни он муомала карданд. Як руқъа, ки мазмуни он ба куштан буд, дар касе афтод.

Гуфт:

– Аз куштан боке надорам, аммо модаре дорам, ҷуз ман касе надорад.

Дар паҳлуи вай дигаре буд, ки дар руқъаи вай тозиёна задан буд. Вай руқъаи худро бад-он кас дод ва руқъаи вайро гирифту гуфт:

– Ман модар надорам.

Инро ба ҷои вай бикуштанд ва онро ба ҷои ин тозиёна заданд.

Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,
Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард.
Ба ҷон чун эҳтиёҷи ёр бишнохт,
Ҳаёти худ фидои ҷони ӯ сохт.

Мазмуни ин ҳикояти Ҷомӣ хонандаро ба хулосае меорад, ки маҳз мардуми оддӣ чунин хислатҳои ҳамида доранд ва ба ҷавонмардӣ қодиранд. Қаҳрамони ҳикоят аз марг наметарсад. Вале вай модари пири бекас дорад ва барои нигоҳубини модар, парасторин ӯ мурдан намехоҳад. Ҷавонмардии қаҳрамони дигари ҳикояти боло аз ҷавони аввала боз олитар аст. Ӯ ба хотири модари пири рафиқаш худро ба куштан медиҳад. Дар образи ин ду ҷавон нависанда хислатҳои беҳтарини инсониро ҷамъ-

---

[1] *Дият* – хунбаҳо.
[2] *Таваҳҳум* – гумон, гумонбар шудан.
[3] *Насоро* – Пайравони дини Исо, хрестианҳо, насрониҳо.
[4] *Руқъа* – мактубча.

баст кардааст.

Ҷомӣ ба воситаи ин ҳикоят масъалаи ҳурмати падару модарро дар миён мегузорад. Нависанда гуфтан мехоҳад, ки падару модарро ҳурмату эҳтиром кардан даркор, ба қадри меҳнатҳои онҳо бояд расид ва ҳаргиз монанди он фарзанди ноҳалафи марди сарватманд, ки куштани падарашро орзу мекард, будан нашояд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» ба масъалаи дӯстию рафоқат аҳамияти калон медиҳад. Ин масъала дар ҳикояти боло дар симои ду ҷавон то андозае инъикос ёфтааст.

Ҷомӣ он касеро дӯсти ҳақиқӣ мешуморад, ки дар ҳар як лаҳзаи ҳаёт ба ӯ мададгору рӯҳбардор бошад. Агар лозим шавад, аз суханони талху баъзе кору кирдори ноҷои дӯсташ малол нашуда, канорагирӣ накунад. Дар ин мавзӯъ нависанда аз ҳаёти яке аз орифону донишмандони гузашта Абӯбакр Муҳаммад ибни Бухорой (861–946) ҳикояте меорад. Абӯбакр ба шӯр меояд, яъне парешонҳол мешавад ва ӯро ба бемористон мебаранд. Як гурӯҳ одамон барои диданаш меоянд. Абӯбакр аз онҳо мепурсад:

– Шумо киёнед?

Гуфтанд:

– Дӯстони ту.

Санг бардошт ва бар эшон ҳамла кард. Ҷумла бигурехтанд. Бихандид. Гуфт:

– Боз оед, эй муддаиён, ки дӯстон аз дӯстон нагурезанд ва аз санги ҷафояшон напарҳезанд:

Он аст дӯстдор, ки ҳарчанд душманӣ
Бинад зи дӯст, беш шавад дӯстдортар.
Бар сар ҳазор санги ҷафо гар хӯрад аз ӯ,
Гардад бинои ишқаш аз он устувортар.

Ҷомӣ он касеро рафиқи бад ҳисоб мекунад, ки маҳз ба хотири чизе, бо мақсаде риштаи дӯстӣ мепайвандад. Чунин дӯстӣ пояи устувор надорад. Аз ин гуна «рафиқ» зудтар паймони дӯстиро буридан хубтар аст. Ҷомӣ ин суханашро аз номи орифу ҳакими машҳури асри X Абулҳасани Кушанҷӣ тақвият медиҳад. Масалан, ҳикоят ин тавр оғоз меёбад: «Шайх Абдулҳасани Кушанҷӣ гуфтааст, ки дар дунё ҳеҷ чиз нохуштар нест аз дӯсте, ки дӯстии вай аз барои ғаразе бошад ё ивазе».

Нокастар аз ӯ кас набувад дар олам,
К-аз дӯст ба ҷуз дӯст муроде хоҳад.

Дар «Гулистон»-и Саъдӣ доир ба мавзӯи дӯстӣ ҳикоятҳои бисёре овардa шудаанд. Ҳар ду адиби бузург доир ба ин масъала ҳамфикранд. Онҳо дӯсти беғаразро дӯсти ҳақиқӣ ҳисоб кардаанд. Дӯст он кас аст, ки дар мавридҳои парешонҳолию дармондагӣ ба ту мадад мерасонад:

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

Ҳикояти Ҷомӣ, ки дар боло овардем, аз ҳар ҷиҳат суханони Саъдиро такмил ва таквият медиҳанд.

**Боби ҳафтуми «Баҳористон» ва аҳамияти илмию бадеии он**

Ҷомӣ дар боби 7-уми «Баҳористон» дар бораи 39 нафар шоирони асрҳои гузашта ва давраи худ ба тарики хронологӣ маълумоти мухтасар медиҳад. Ин боби «Баҳористон» аз як муқаддимача ва қисми асосӣ иборат аст. Дар муқаддима оид ба каломи шеър ва унсурҳои он маълумот медиҳад. Пас аз он доир ба шоирони гузашта, ки дар аксарият жанрҳои бадеӣ шеър гуфтаанд, ба тариқи умумӣ сухан ронда, муқаддимаро ин тавр ба охир мерасонад: «Лоҷарам, бар зикри чанде аз машоҳири эшон ихтисор карда мешавад». Ин қисм хеле душворфаҳм мебошад, зеро бисёр калима ва ибораҳои арабӣ бо ҷумлаҳои печ дар печ баён карда шудаанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ аввал аз рӯи анъанаи тазкиранависӣ тахаллуси аксарияти шоиронро ном бурда, баъд аз ин дар бораи аз куҷо будан ва дар замони салтанати кадом сулола ва ё подшоҳ зиндагонӣ кардани як қисми онҳо маълумот медиҳад. Сипас ба тасвири шахсият, омӯзиш, зиндагӣ, характери эҷодӣ ва шӯҳрат пайдо кардани он гузашта, барои намуна порчаҳои шеърӣ меоварад. Ҷомӣ ҳангоми дар бораи ин ё он шоир сухан ронданиаш соли таваллуд ва вафоташро дар хотима зикр мекунад. Чунончи, сабаби вафоти Муиззиро ба тариқи зайл шарҳ медиҳад:

«Ва сабаби вафоти вай он буд, ки рӯзе Султон (Султон Санҷари Салҷуқиро дар назар дорад – Т. М.) аз даруни хиргоҳ тир андохт ва ӯ беруни хиргоҳ истода буд. Ногоҳ тире хато шуду бар вай омад ва бияфтод ва дарҳол ҷон бидод».

Абдураҳмони Ҷомӣ хусусияти эҷодиёти як шоирро бо шоири дигар муқоиса намуда, нуқтаи назари худро баён мекунад. Масалан, вай хусусиятҳои бартарии ашъори Ҳофизро бо шеърҳои Низории Кӯҳистонӣ муқоиса намуда менависад: «Ва салиқаи[1] шеъри вай (Ҳофиз) наздик аст ба салиқаи Низории Кӯҳистонӣ. Аммо дар шеъри Низорӣ ғассу самин бисёр аст бар хилофи шеъри вай».

Ё ин ки дар бораи фарқияти эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ ва Хоқонӣ фикри зеринро баён мекунад: «Татаббӯи[2] Хоқонӣ мекунад, ҳарчанд дар қасида ба вай нарасида, аммо ғазалро аз вай гузаронида... мақбули ҳама кас афтодааст». Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки агарчи Хусрави Деҳлавӣ дар қасида ба Хоқонӣ нарасида бошад ҳам, ғазалро аз вай гузаронидааст ва бо мазмуннокии ашъори худ ба ҳама кас мақбул гаштааст.

Ҷомӣ асосан ба эҷодиёти аксарияти шоирон баҳо медиҳад ва тарзи

[1] *Салиқа* – услуб.
[2] *Ғассу самин* – пастию баландӣ.
[3] *Татаббӯъ* – ҷустуҷӯ кардан, аз қафои чизе рафтан, пайравӣ кардан.

баҳодиҳии вай ду хел аст:

1. Оид ба ин ё он шоир танҳо фикри шахсиашро баён мекунад.

Ба ашъори Ҳофиз чунин баҳо додааст: «Аксар ашъори вай латифу матбӯъ[1] аст ва баъзе қариб ба сарҳади эъчоз[2]».

Ё ин ки муаллиф услуби Котибиро ба тариқи зайл баён кардааст;

«Вайро маонии хос бисёр аст ва дар адои он маонӣ низ услубе хос дорад, аммо шеъри вай якдаст ва ҳамвор нест».

2. Ҷомӣ дар бораи шоирон гуфтаҳои дигаронро меорад, вале аз кӣ будани ин суханонро нишон намедиҳад. Фикрҳои овардашуда танҳо бо як ё ду ҷумла ифода ёфтаанд, ки баъзан бо овардани порчаҳои шеърӣ муайян ва равшантар карда мешаванд. Масалан, барои нишон додани он ки Фирдавсӣ дар замонаи худ қадру қимат пайдо накарда вафот кардааст, чунин мисраъҳоро аз шоири номаълуме меоварад;

Бирафт шавкати Маҳмуду дар замона намонд
Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.

Ҳамин тавр, боби 7-уми «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар омӯхтан ва кушода додани бисёр масъалаҳои муҳими адабиёти классикӣ ба тадқиқотчиён кӯмак мерасонад. Дар ин ҷо аз шоирони асрҳои мухталиф намунаҳо овардааст, ки онҳо барои равшан кардани эҷодиёти ин ё он шоир аҳамияти бузург доранд.

Ин боб монанди дигар равзаҳои «Баҳористон» аҳамияти забонӣ низ дорад. Забони ин боби асар нисбатан сода, фаҳмо ва латиф аст ва барои омӯхтани таърихи забони адабии тоҷик ба забоншиносон ёрии калон мерасонад.

Бисёр адабиётшиносони тоҷик ва хориҷӣ ба ин боби «Баҳористон» аҳамияти махсус дода, барои исбот ва равшан намудани фикрҳои худ аз он иқтибос овардаанд.

Мавқеи латифаҳои халқӣ дар асар

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳангоми баёни масъалаҳои мухталифи зиндагӣ ва эҷодиёти даҳонакии халқ мурочиат намудааст. Ӯ аз образу сюжет ва жанрҳои дигари халқӣ қариб дар ҳамаи асарҳояш истифода бурдааст. Махсусан, «Баҳористон» аз латифаю мутоибаҳои халқӣ хеле сероб аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар равзаи 6-уми «Баҳористон» латифаи «Фақат шумо ва ман мондаем»-ро овардааст. Дар ин ҷо ҳаҷви нависанда ҷанбаи иҷтимоӣ мегирад. Махсусан қитъае, ки дар анҷоми латифаи халқӣ оварда мешавад, афкори шоирро ҷамъбаст намудааст. Чунончи:

«Тавонгаре дар аҳди яке аз золимон бимурд. Вазири он золим писари вайро талаб кард ва пурсид, ки падари ту чӣ гузоштааст?

Гуфт:

---

[1] *Матбӯъ* – маъқул.
[2] *Эъчоз* – мӯъҷиза, ҳайратовар.

– Аз молу манол чунин ва чунон ва аз ворисон вазири кабирро ва ин факири ҳақирро;

Қитъа:

Зулмпеша вазир нашносад,
Ҷуз ҳаки подшоҳу моли ятим.
Адл донад, агар барад батамом.
Фазл донад, агар кунад ба дуним.

Дар варианти халкии ин латифа персонажҳои асосӣ Мушфиқӣ ва қозӣ мебошанд. Дар байни онҳо фарқи калоне дида намешавад. Ҳодиса айнан такрор меёбад. Танхо дар варианти ҳалкӣ шеър оварда нашудааст.

Ҷомӣ ба воситаи латифаи мазкур зулму истисмори табақаҳои болои ҷамъият, вазирон ва ҳокимони замонаашро тасвир кардааст.

Ӯ дар латифаи «Аз мурдахо шарм мекунам» нодонию бефаҳмӣ ва дигар хислатхои табибони замонаашро ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Аз дасти ҳамин навъ табибони нодон одамони зиёд аз дунё чашм пӯшидаанд, ки шоир нисбат ба онхо бо нафрат сухан меронад.

Ҷомӣ дар поёни латифаи мазкур рубоие низ илова кардааст, ки ин ҷамъбасти фикри муаллиф дар бораи табибони замонааш мебошад. Дар байни латифаи ҳалкӣ ва Ҷомӣ аз чиҳати забон низ чандон фарқи зиёде нест.

Масалан, латифа дар варианти Ҷомӣ:

«Табиберо диданд, ки ҳар гоҳ ба гӯристон расидӣ ридо[1] ба сар кашидӣ. Сабаби онро суол карданд. Гуфт:

— Аз мурдагони ин гӯристон шарм медорам, ки бар ҳар кӣ мегузарам, зарбати ман хӯрдааст ва дар ҳар кӣ менигарам, аз шарбати ман мурдааст».

Дар латифаи халкӣ:

«Як табиб ҳар вақт, ки аз пеши гӯристон мегузашт, рӯяшро бо бари чомааш мепӯшонид. Рӯзе як ҳамроҳи вай сабаби ин ҳолро пурсид.

Гуфт:

– Ман аз мурдаҳои ин қабристон шарм мекунам, зеро ки аксарият аз доруворихои ман мурдаанд».

Чунон ки аз ин намунахо дида мешавад, мазмун ва моҳияти латифаҳои халкиро Абдурахмони Ҷомӣ тағйир надодааст. Шоир онро моҳирона бо баъзе тафовутхои услубӣ дар «Баҳористон» истифода бурдааст ва ба ин восита бо акидаю афкори халки меҳнаткаш ҳамфикр будани худро нишон дода, табибони чоҳили замонаашро мазаммат мекунад.

Ғайр аз ин, дар эҷодиёти худ Ҷомӣ аз тамсилҳои халкӣ ба хубӣ истифода бурдааст. Ҳар як тамсили истифодашуда бо мавзӯи асосии асари шоир алоқаманд буда, аз ягон ҷиҳат онро пурра мегардонад.

Ҷомӣ ашхоси гумроҳу нодонро, ки аз рӯи мансаб ва сарват худро бузург шуморида, ба дигарон бо назари таън менигаристанд, ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Барои фош кардани сирати онҳо латифаи халқии «Кӯр ва

[1] *Ридо* – чодаре, ки бар дӯш гиранд; лунчӣ

бино»-ро меорад. Нависанда ба воситаи асари халқӣ мардумони табақаи болои ҷамъиятиро ба фурӯтанӣ ва хоксорӣ даъват намудааст. Латифа дар варианти халқӣ ин тавр оғоз ёфтааст:

«Нобиное дар шаби торик бо фонус аз як кӯчаи пурлой мегузашт. Аз рӯ ба рӯи ӯ касе баромад». Дар Ҷомӣ: «Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабӯе бар дӯш дар роҳе мерафт. Фузуле ба ӯ расиду гуфт». Дар ҳар ду вариант ҷавоби нобино як аст. Дар варианти халқӣ:

«– Ман фонусро на аз барои худ, балки аз барои ту барин биноҳои кӯр мебардорам, то ки ба ман бархӯрда ба лой нағалтонанд».

Дар варианти Ҷомӣ:

«...ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, то ба ман паҳлу назананду сабӯи маро нашиканад».

Аз намунаҳои овардашуда чунин ба назар мерасад, ки тафовут дар ҷавоби ин ду вариант асосан дар забон ва тарзи баён аст. Ҷавоби ҳар ду вариант танҳо як мазмунро ифода менамоянд. Дигар, он ки дар хотимаи варианти Ҷомӣ мазмун ва идеяи асосии латифа аз тарафи шоир бо қитъае ҷамъбаст карда мешавад. Масалан:

Ҳоли нодонро зи нодон беҳ намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Бӯалӣ Сино бувад.
Таъни нобино мазан, эй дам зи биноӣ зада,
З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.

Ғайр аз ин, Ҷомӣ дар қитъаи мазкур аз зарбулмасали халқӣ «Девона ба кори худ ҳушёр» моҳирона истифода бурдааст. Дар намунаи мазкур мисраи чорум айнан варианти зарбулмасали боло мебошад. Аз ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки зарбулмасали «Девона ба кори худ ҳушёр» дар асри XV низ дар шакли «Нобино ба кори хеш бино бувад» дар байни халқ маълуму машҳур будааст.

**Услуб, воситаҳои тасвир ва аҳамияти «Баҳористон»**

Бояд гуфт, ки дар байни «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва «Гулистон» и Саъдии Шерозӣ чи аз ҷиҳати услуби нигориш ва чи аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи идеявӣ ҳамоҳангии бисёре мушоҳида мешавад.

Монандии ин ду шоҳасар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҳар ду ба мавзӯи панду ахлоқ бахшида шудаанд. Онҳо маҷмӯи ҳикоятҳои хурди ахлоқӣ буда, ҳар як ҳикоят бо рубоӣ, қитъа ё байте ҷамъбаст карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, онҳо аз якдигар фарқ ҳам доранд. Боби 7-уми «Баҳористон» тамоман нав аст. Илова бар ин, Ҷомӣ дар оғози ҳар як боб муқаддимачае илова кардааст, ки дар «Гулистон» ба назар намерасад.

«Баҳористон» бо забони сода иншо шудааст. Аз ин ҷиҳат дар насри адабиёти асри XV ва умуман насри классикӣ беназир аст. Хонанда дар баробари аз онҳо гирифтани панду андарзҳои судбахш аз забони дилангез ва санъати суханварии нависанда рӯҳ мегирад. Масалан, «Рӯзе дар фасли баҳорон бо ҷамъе аз дӯстон ва ёрон ба ҳавои гашт ва тамошои саҳрову дашт берун рафтем. Чун дар мавзее хуррам манзил сохтем ва суффа андох-

тем, аз дур саге онро дид ва зуд худро ба он ҷо расонид...».

Дар намунаи боло мо ягон калима ё ибораи душворфаҳмро намебинем. Матн барои ҳама равшан аст. Дар ин ҷо як лаҳзаи зиндагӣ, ба саёҳати саҳрою дашт бо дӯст фасли баҳорон баромадани нависанда бо камоли маҳорат тасвир ёфтааст. Ҷомӣ аз санъати саҷъ ба хубӣ истифода бурдааст:– «Фасли баҳорон бо ҷамъе аз дӯстон ва ёрон», «ҳавои гашт», «саҳрову дашт», «дид» ва «расонид» бо якдигар қофия шуда, ҳикоятро пуробуранг ва таъсирбахш кардаанд. Як мисоли дигар: «Сурхзанбӯре бар магаси асал зӯр овард, то вайро тӯъмаи худ созад. Ба зорӣ даромад, ки:

– Бо вуҷуди ин ҳама шаҳду асал маро чӣ қадру маҳал, ки онро бигузорӣ ва ба ман рағбат орӣ?

Занбӯр гуфт:

– Агар он шаҳд аст, ту шаҳдро конӣ ва агар он асал аст ту сарчашмаи онӣ!».

Ҳикояти боло мазмуни чуқури иҷтимоӣ дорад. Ҷомӣ дар ин ҳикоят дар образи сурхзанбӯр золимонро нишон дода, кирдорҳои ношоистаи онҳоро мазаммат мекунад. Золимони хунхор ҳаргиз ба мардуми меҳнатӣ раҳму шафқат надоранд. Онҳо монанди ҳамон сурхзанбӯр ҳамеша аз пайи ранҷу озори занбӯрҳои оддӣ, занбӯри асал, ки онҳо неъматҳои моддӣ, асал меофаранд, ҳастанд. Ҷанбаи иҷтимоии ҳикоят аз ин нигоҳ хеле пурқувват аст. Ҷомӣ ин гуна мазмунҳои олиро ба воситаи тамсил пардапӯшона тасвир кардааст. Забон ва тарзи баёни ҳикоят равон ва басо латифу дилкаш аст. Махсусан, ҷумлаи охирини ҳикоят: – «Агар он шаҳд аст, ту шаҳдро конӣ ва агар он асал аст, ту сарчашмаи онӣ» каломи мавзунро ба хотир меорад. Дар ин ҷо ягон калима ё ибора беҷо набуда, таносуби қавии онҳо риоят шудаанд ва гӯшнавозу ҳамоҳангии баёнро таъмин сохтаанд.

Панду андарзҳои «Баҳористон» ҳар як фарди ҷомеаро ба матонату устуворӣ, далерию ватандӯстӣ, ростию поквиҷдонӣ ҳунаромӯзӣ даъват менамояд. Асари мазкур ба забонҳои гуногуни халқҳои дунё тарҷума шудааст. Асар шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

**Тасвири романтикӣ.** Халқи меҳнаткаш дар замони гузашта ҳамеша аз шоҳону ҳокимони вақт ҷабру зулм медид. Бинобар ин орзу мекард, ки шоҳу ҳоким одил бошанду зиндагии онҳо осуда гардад. Албатта, ин як орзу ва хаёли ширин буда, барояшон дастнорас буд. Онҳо дар эҷодиёташон орзую омоли худро дар образи шоҳони одил тасвир мекарданд. Нависандагони гузашта низ ба халқ ҳамфикр будани худро нишон дода, идеяҳои пешқадами халқ, орзую омоли вайро дар эҷодиёташон инъикос мекарданд. Ин тарзи тасвирро дар адабиётшиносӣ тасвири романтикӣ мегӯянд. Методи романтизм низ аз ҳамин бармеояд. Калимаи романтизм аз жанри роман гирифта шуда, маъноаш чизест, ки дар ҳаёти воқеӣ нест у он танҳо дар романҳо дида

мешавад.

Достони «Хирадномаи Искандарӣ» ҳам аз аввал то охир бо тарзи романтикӣ иншо шудааст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар образи Искандар шоҳи одилу маърифатпарварро тасвир кардааст. Ин образи хаёлӣ ба муқобили шоҳони золиму хунхори ҷамъияти феодалӣ гузошта шудааст.

Дараҷаи олии тасвири романтикӣ дар адабиёти тоҷику форс тасвири ҷамъияти хаёлии достони «Хираднамаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ аст.

Умуман дар адабиёти гузаштаи мо романтизм мавқеи асосӣ дорад. Дар эҷодиёти аксарияти адибони бузург тасвирҳои романтикиро дида метавонем. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар достони «Вис ва Ромин»-и Фаҳриддини Гургонӣ, «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ирфон»-и Мирзо Бедил ва дигарон намунаҳои барҷастаи тасвири романтикиро мушоҳида мекунем.

**Савол ва супориш.**

1. Кадом асарҳои Ҷомиро дар синфҳои поёнӣ хондаед? 2. Дар бораи Ҷомӣ ҳамасронаш чӣ гуфтаанд? 3. Ба эҷодиёти адиб шарқшиносон чӣ гуна баҳо додаанд? 4. Муаллими аввалини Ҷомӣ кӣ буд? 5. Мазмуни ҳикояти «Хамсаи мутаҳайира»-ро нақл кунед. 6. Таҳсили Ҷомӣ дар Самарқанд чӣ хел гузашт? 7. Чаро Ҷомӣ ба дарбор нарафт? 8. Поёни умри адиб чӣ хел гузашт? 9. Хислатҳои ибратомӯзи Ҷомиро ҳикоят кунед. 10. Хизмати Ҷомӣ ҳамчун олим ва донишманд дар чист? 11. Аз адиб чанд девон боқӣ мондааст? 12. Мавқеи кадом жанр дар девонҳо калон аст? 13. «Ҳафт авранг»-ро Ҷомӣ дар пайравии кадом шоирони гузашта иншо намудааст ва аз онҳо чӣ фарқ дорад? 14. Чаро ғазал дар эҷодиёти Ҷомӣ мавқеи асосӣ дорад? 15. Мавзӯъ ва хусусияти ғазалиёти адибро фаҳмонед. 16. Идеяи шоҳи одил аз куҷо сарчашма мегирад ва пеш аз Ҷомӣ кадом адибони гузашта ин идеяро илко намудаанд? 17. Фарқи шоҳи одили Ҷомӣ ё Искандари Ҷомӣ аз дигар Искандарҳо дар чист? 18. Ҷомӣ дар бораи муносибати устоду шогирд чӣ мегӯяд? 19. Чаро ҷамъиятеро, ки Ҷомӣ дар «Хираднамаи Искандарӣ» тасвир кардааст, хаёлӣ мегӯянд? Дар ҷамъияти феодалӣ ба вуҷуд омадани чунин сохт раво буд? Агар не, чаро? 20. Ҷомӣ «Баҳористон»-ро дар пайравии кадом асари адиби гузашта навиштааст ва ба чӣ мақсад? 21.Монандӣ ва тафовути ин ду шоҳасар дар чист? 22. Мавзӯи асосии бобҳои «Баҳористон»-ро нақл кунед. 23. Боби ҳафтуми «Баҳористон» чӣ аҳамият дорад? 24. Нуқтаи назари Ҷомӣ доир ба масъалаи таъин намудани ҳокимон ва роҳбарони давлат аз чӣ иборат аст? Ин фикр оё имрӯз қимату арзиш дорад?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. А. Афзалзод. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ, «Дониш», Душанбе, 1980.
2. А. Афзалзод. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. «Дониш». Душанбе, 1981.
3. Ш. Тагоев. Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи VIII, «Ирфон», Душанбе, 1973.
4. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986.

# АЛИШЕР НАВОӢ
## (1441-1503)



*Зи неку бад нагӯяд*
*нуқлу бода,*
*Зи ҷоми кас*
*наолояд даҳонро.*
*Гар об аз чашмаи ҳайвон*
*диҳандаш,*
*Нарезад обрӯи хештанро.*
*Навоӣ*

**Тарҷумаи ҳол**

Низомиддин Алишери Навоӣ сардафтари адабиёти классикии ӯзбек буда, бо асарҳои барҷастааш дар таърихи адабиёти ӯзбек ва турктаборон мақоми арзанда дорад.

Ӯ соли 1441 дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Падари Навоӣ Кенчабаҳодур яке аз амалдорони дарбори Темуриён буда, аз хату савод дастмояе надошт. Вале бо вуҷуди бесавод буданаш дар таълиму таҳсили фарзандаш саъю кӯшиши зиёде кард. Навоӣ таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро дар Ҳирот гирифта, пас ба Машҳад меравад. Ӯ дар он ҷо дар дарбори Абулқосим Бобур Мирзо хизмат карда, инчунин таҳсили худро давом медиҳад. Махсусан, ба омӯхтани эҷодиёти адибони бузурги тоҷику форс Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ пайваста машғул мегардад. Навоӣ аз онҳо сеҳри каломи мавзун, санъати суханварӣ ва тарзу усули образофариро омӯхта ва дар пайравии онҳо шеърҳои аввалини худро иншо кард. Ғайр аз ин, Навоӣ дар ин ҷо дар сӯҳбати олимон, шоирон иштирок намуда, аз онҳо дарси зиндагӣ мегирад. Дар ҳамин ҷо Навоӣ девони аввалини худро тартиб медиҳад. Алишери Навоӣ соли 1466 боз ба Ҳирот

меояд. Вале аз сабаби номусоидии ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, ҷангу хунрезиҳои Абӯсаид Мирзо дар ҳамон сол шаҳри Ҳиротро тарк карда, роҳи Самаркандро пеш мегирад. Дар Самарканд Алишери Навоӣ боз ба таҳсили илму адаб машғул шуда, дар назди яке аз олимони машҳури замон – Хоҷа Фазлуллоҳи Абӯлайс илми фиқҳро аз худ мекунад.

Ҳангоме ки соли 1469 Ҳусайн Бойқаро (Навоӣ бо ӯ якҷоя таҳсил карда, инчунин ширхора низ буданд) ба Ҳирот омада, ба маснади подшоҳӣ менишинад, Навоиро ба дарбор даъват менамояд. Ӯ дар дарбори Ҳусайн Бойқаро вазифаи мӯҳрдориро ба ӯҳда мегирад. Маҳз дар ҳамин давра Навоӣ ба Абдураҳмони Ҷомӣ дӯстӣ пайдо карда, муриди ӯ мешавад.

Алишери Навоӣ шахси инсондӯст ва раиятпарвар буд. Ҳангоми иҷрои корҳои давлатдорӣ ба халқи бечора хубию некиҳо кард. Масалан, соли 1470 аз зулму истисмори амалдорон ва ҳокимон, гирифтани андозҳои зиёд ҳаёти иқтисодии халқ ниҳоят вазнин гардид ва онҳо ба муқобили ҳамаи ин бедодгариҳои золимон шӯриш бардоштанд. Танҳо бо тадбирҳои оқилонаи Алишери Навоӣ шӯриш хобонда шуд. Навоӣ ба Султон Ҳусайн Бойқаро маслиҳат дод, ки пеш аз ҳама золимонро ҷазо диҳад, андозҳои халқро то андозае кам кунад. Пас аз ин дар байни халқ обрӯи Навоӣ зиёд шуда, ӯро беш аз пеш ҳурмату эҳтиром мекардагӣ шуданд.

Алишери Навоӣ соли 1472 ба мартабаи вазирӣ мерасад. Маҳз дар ин давра то андозае вазъи сиёсву иҷтимоӣ осуда гардида, ҳаёти маданӣ ва адабӣ хеле пеш рафт. Аммо бисёр корҳои Навоӣ боиси хашму ғазаби шоҳу амалдорони давлат гардид. Аз пайи ранҷу озори ӯ шуданд. Ҳокимону вазирон дар назди шоҳ ҳар гуна тӯҳмату бӯҳтон мекарданд. Бо ҳамин сабабҳо Навоӣ соли 1476 аз мансаби вазирӣ даст кашид. Дар муддати 11 сол корҳои давлатиро ба як тараф монда, ба эҷод намудани асарҳои илмӣ ва адабӣ машғул гардид. Маҳз дар ҳамин давра асари панҷгонаи худ «Хамса»-ро навишта ба охир мерасонад. Ба ҳамаи ин қаноат накарда, Ҳусайн Бойқаро Навоиро ҳокими Астаробод таъин мекунад. Навоӣ дар Астаробод танҳо як сол меистад ва соли 1488 боз ба Ҳирот меояд. Ӯ то охири умраш дигар ба корҳои давлатӣ машғул нашуда, вақти худро ба эҷод намудани асарҳо сарф мекунад.

Алишери Навоӣ моҳи январи соли 1501 дар шаҳри Ҳирот вафот мекунад. Муаллифи «Ҳабибуссияр» Хондамир мусибату ҳиссиёти мардуми Ҳиротро аз марги шоири бузург Навоӣ бо як сӯзу гудоз баён карда, бо байтҳои зерин ҷамъбаст намудааст:

Чаро хун наборид чашми сипеҳр?
Чаро гашт равшан дигар моҳу меҳр?
Чаро силки айём дарҳам нашуд?
Чаро моҳ аз солҳо кам нашуд?

Ҷасади Навоиро дар гунбазе, ки худи Алишер дар Ҳирот бино карда буд, ба хок супориданд.

**Мероси адабии Навоӣ (Фоӣ)**

Низомиддин Алишери Навоӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ таҳсил карда, забони арабиро ҳам хуб медонист. Ӯ қобилияту истеъдоди аҷиб дошт. Аз худ кардани илмҳои гуногун, аз бар намудани абёти зиёди шоирони тоҷику форс чашми Навоиро ба шоҳроҳи шеъру шоирӣ кушод. Илова бар ин, ҳамчун Абдураҳмони Ҷомӣ устод дошт, ки дар пешрафти эҷодии ӯ саҳми арзанда гузошт. Навоӣ аз хурдӣ ба шеър гуфтан оғоз кард. Ӯ ҳам ба забони тоҷикӣ-форсӣ ва ҳам бо забони туркӣ шеър эҷод мекард. Адиб дар шеърҳои тоҷикӣ-форсӣ Фониӣ ва туркӣ Навоӣ тахаллус интихоб кард. Азбаски Навоӣ бо ду забон шеър мегуфту асар эҷод мекард, ҳамзамононаш ба ӯ тахаллуси иловагӣ–«зуллисонайн» (соҳиби ду забон) дода буданд.

Алишер Навоӣ аксарияти асарҳояшро ба забони модарӣ-туркӣ иншо кардааст. То замони Навоӣ бо забони туркӣ-ӯзбекӣ эҷод намудани достонҳои ҳаҷман бузургро (фалсафӣ, ахлоқӣ, ишқӣ) ғайриимкон мешумориданд. Навоӣ аввалин шуда ин назарияро нодуруст шуморида, барои исботи ин панҷ достон эҷод мекунад. Онҳоро Навоӣ дар пайравии «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва «Ҳафт авранг» - и Абдураҳмони Ҷомӣ иншо кардааст. Дар ин бора худи Навоӣ чунин мегӯяд:

Форсӣ чун гашт дар эшон адо,
Туркӣ кунам, нест аҷаб ибтидо.
Форс чу хурсанд шуд аз он гуҳар,
Турк ҳам ар шод шавад, хубтар.
Ман, ки дар ин роҳ ниҳодам қадам,
Ҳаст умедам, чу бигирам қалам.
Роҳбарӣ карда Низомӣ маро,
Ёр шавад Хусраву Ҷомӣ маро.




Ҷамъи абёти «Хамса» зиёда аз 27 ҳазор байтро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар забони туркӣ–ӯзбекӣ чаҳор девон дорад, ки маҷмӯи асарҳои лирикии шоир буда, 24 ҳазор байтро ташкил медиҳанд. Маснавиҳои «Лисонуттайр» («Забони мурғон»), «Панднома», «Чиҳил ҳадис», «Маҳбубулқулуб»

низ ба қаламн ӯ тааллуқ доранд. Навоӣ инчунин ба забони модариаш дар бораи ҳаёту эҷодиёти нависандагони ҳамзамонаш «Маҷолисуннафоис» ва оид ба қоидаю қонуни вазни арӯз «Мизонулавзон»-ро меофарад.

**Мундариҷаи идеявии ашъори форсӣ-тоҷикии Навоӣ (Фонӣ)**

Навоӣ як қисми асарҳояшро ба забони тоҷикӣ-форсӣ эҷод кардааст. Аз мутолиаи ашъори тоҷикии адиб равшан мегардад, ки ӯ хусусияти назми моро хеле хуб медонистааст. Худи шоир ба ин маънӣ ишорат карда чунин мегӯяд:

Маънии шириву рангинам ба туркӣ беҳад аст,
Форсӣ ҳам лаълу дурҳои самин, чун бингарӣ.
Гӯиё дар ростбозори сухан бикшудаам,
Як тараф дӯкони қанноднву як сӯ заргарӣ.

Девони тоҷикии Навоӣ бо номи «Майдони балоғат» шӯҳрат дорад ва қариб чор ҳазор байтро дар бар мегирад. Дар девони шоир ғазал мавқеи асосӣ дорад. Як хусусияти муҳими девони Навоӣ аз он иборат аст, ки адиб пеш аз ҳар як ғазал ба кадом шоири гузашта пайравӣ карда эҷод карданашро зикр мекунад. Масалан, «Татаббӯи Мир Хусрав»[1], «Татаббӯи ҳазрати Махдумӣ»[2] ва ғайра.

Ғазалҳои Навоӣ бештар дар пайравии ғазалиёти Амир Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва Ҷомӣ эҷод шудаанд. Мавзӯъҳои ғазалиёти Навоӣ гуногунанд. Вале шоир бештари онҳоро дар мавзӯи ишқ сурудааст. Шоир баъзан дар ғазалҳояш лирикаи ишқиро бо лирикаи иҷтимоӣ омезиш медиҳад. Ин хусусият дар ҳамаи ғазалҳое, ки дар пайравии Ҳофиз гуфтааст, ба назар мерасад. Масалан, дар ин байт шоир аз носозиҳои замон, фитнаю найранг, тӯҳмату бӯҳтонҳои як гурӯҳ одамони пастфитрати рӯзгораш шикоят карда, орзу дорад, ки онҳо росткору ростқавл, монанди алиф, мисли қади ёраш рост бошанд:

Каҷчиву кӯтаҳии давр малулам доранд,
Рост хоҳам, алифи қомати диллор куҷост?

Навоӣ дар ғазалиёташ зебоиҳои ҳаётро бо як ҳиссиёти баланд тараннум мекунад. Адиб омадани баҳору шукуфтани гулҳои рангорангро васф карда, одамонро даъват мекунад, ки умри инсон ғанимат аст, аз ин зебоиҳои ҳаёт баҳра бояд бурд:

Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шукуфт,
Дилҳо аз он нишот зи гул бештар шукуфт.
Дил аз сабоҳати[3] рухи хубат кушода шуд,
Монанди ғунчае, ки ба вақти саҳар шукуфт.

---

[1] *Мир Хусрав* – Амир Хусрави Деҳлавӣ.
[2] *Ҳазрати Махдумӣ* – Абдураҳмони Ҷомиро дар назар дорад.
[3] *Сабоҳат* – хушрӯӣ, сафедчеҳра, дилкаш.

Соқӣ, баҳор шуд, қадаҳам рез лаб ба лаб,
Хоса, ки аз шукуфа чаман сар ба сар шукуфт.

Қитъа ва рубоиёти Навоӣ низ содаю равон буда, дар мавзӯъҳои гуногун суруда шудаанд. Шоир дар китъаоти худ хислатҳои начиби инсониро таранинум карда, дар баробари он тамаъкорӣ, мардумфиребӣ, дурӯггӯӣ, золимӣ барин сифатҳои пастро мазаммат намудааст. Чунончи, дар ситоиши мардию саховатмандӣ мегӯяд:

Ҷавонмард аз карам муфлис нагардад,
Саҳиро аз ато чин нест дар чеҳр,
Ба пошидан чӣ нукс[1] ояд ба дарё,
Ба афшондан чӣ кам гардад зари меҳр?

Навоӣ дар қитъаи зер шоҳони замонаашро накӯҳиш карда мегӯяд, ки аз ҷабру зулми шумо халоиқ хонахароб ва мулк вайрон шуд. Зулму асорати шумо мисли оташ аст, ки онро куштан лозим, яъне шуморо нест кардан даркор:

Эй фалон, сӯхтӣ халоиқро,
Мулкро шиддати ту вайрон кард.
Оташеро, ки чун ту сӯзон аст,
Ҷуз ба куштан илоҷ натвон кард.

«Тӯҳфатулафкор»

Дар байни асарҳои тоҷикии Алишери Навоӣ қасидаи «Тӯҳфатулафкор» аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа баландтар меистад. Таърихи навишта шудани қасидаашро Навоӣ дар «Хамсатулмутаҳайирин» ба тариқи зайл овардааст:

«Рӯзе ман дар хидмати он кас (Абдураҳмони Ҷомӣ) будам. Аз ҳар дар сухан мерафт. Дар омади сухан ман «Дарёи аброр» ном қасидаи «Хусрави Деҳлавиро аз ҳад зиёд таъриф кардам...».

Ҳам дар он рӯзҳо подшоҳ ба сафари Марв тайёрӣ дида, маро ҳам ҳамроҳи худ бурданӣ шуд. Ман барои иҷозат гирифтан ба пеши он кас (Ҷомӣ) рафтам. Дар вақти баргаштанам аз бағали худ як ҷузъ коғаз бароварда доданд. Кушода дидам, қасидаи «Луҷҷатуласрор», ки ҳамон рӯзҳо дар ҷавоби қасидаи «Дарёи аброр» навишта буданд...

Савор шуда ба роҳ баромадам, то манзил бар болои асп он қасидаро хондам ва дар асnои хониш матлаи (байти аввали) қасидаи «Тӯҳфатулафкор» ба хотир омад. Баъд аз ба манзил фуромадан он матлаъ ба он кас навишта фиристода шуд, ки агар писандад, ишорат кунанд, тамом намоям.

Фақир то ба Марв расидан он қасидаро ба номи он кас тамом карда, ба хидмати он кас навишта фиристодам». Қасидаҳо бо чунин матлаъҳо шурӯъ мешаванд:

«Дарёи аброр»-и Хусрави Деҳлавӣ:

---

[1] *Нуқс* – нуқсон, камбудӣ.

Кӯси шаҳ холию бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳар кӣ конеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст.

«Луччатуласрор»-и Абдураҳмони Ҷомӣ:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахна дорад, к-он ба девори ҳисори дин дар аст.

«Тӯҳфатулафкор»-и Алишери Навоӣ:

Оташин лаъле, ки точи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ ба матлаи касидаи Навоӣ баҳои бисёр баланд медиҳад.

Навоӣ дар касидаи «Тӯҳфатулафкор» фикру мулоҳизаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва панду ахлокии худро баён кардааст. Дар касида меҳру муҳаббати шоир нисбат ба аҳли ҳунар, деҳқон ва дармондагон ҳис карда мешавад ва дар баробари ин дар бораи шоҳону ҳокимони золим бо нафрату адоват сухан меронад:

Хоча дил дар вачҳу сар афканда пеш аз фикри худ,
Садр[1] аз баҳри тамаъ биншаста чашме бар дар аст.

Дар байти боло Навоӣ намояндаи ду табақаи ҷамъиятро бо ҳам муқобил гузошта, хислатҳои ҳар кадоми онҳоро нишон дода мегузорад. Хоча – марди факир, меҳнаткаш буда, дар фикри хеш банд аст. Вале садр – ҳоким, соҳибмансаби ҳамеша чашмаш ба дар интизори чизе ё касест.

Шоир воизонро ба зери тозиёнаи танқид гирифта мегӯяд, ки фарқи онҳо аз дигар тамаъкорон танҳо дар он аст, ки воизон болои минбару онҳо поёни минбаранд.

Воизу томеъ[2] гадои нон бувад фаркаш кам аст.
К-ин ба зери минбар омад, он фарози минбар аст,
Тухми расвоӣ диҳад бар донаи тасбеҳи зарқ[3],
Оре, оре, дона ҷинси хешро боровар аст.

Навоӣ шоҳи золимро ба хук ва одилро ба марди деҳқон ташбеҳ намуда, аз санъати тазод ва муқобала ба хубӣ истифода бурдааст:

Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри[4] мулку деҳқон дигар аст.
Марди косибро зи ранҷи даст бар каф обила,
Шуд далели гавҳари максуд, к-аш даст андар аст.

Адиб дар байти охир аҳли ҳунарро ситоиш карда нишон медиҳад, ки

---

[1] *Садр* – мансабдор, болонишин.
[2] *Томеъ* – тамаъкор, ҳарис.
[3] *Зарқ* – фиреб, найрангбозӣ, макр, ҳила.
[4] *Шиёр* – замини шудгоршудаву палкашида.

марди ҳунарманд бо кӯшишу ғайрат ва меҳнати халоли худ гавҳари мақсудашро ба даст меорад.

**Дӯстию ҳамкории Ҷомию Навоӣ**

Алишер Навоӣ забону адабиёт, илму санъати халқи тоҷикро ба хубӣ дониста, дар пайравии адибони бузурги гузашта асарҳои пурарзиши худро иншо намуд.

Дӯстию рафоқати Навоӣ бо Ҷомӣ намунаи барҷастаи муҳаббати инсон ба якдигар аст. Навоӣ аз Ҷомӣ 27 сол хурд аст. Ӯ аз Ҷомӣ таълим гирифтааст. Мактаби адабие, ки устоду шогирд дар Ҳирот ташкил карда буданд, дар он намояндагони ин ду халқ таълим мегирифтанд.

Маҳз бо ташвиқу тарғиби Абдураҳмони Ҷомӣ Навоӣ асарҳои бузургашро ба забони туркӣ–ӯзбекӣ иншо кард. Аз муваффақиятҳои эҷодии Навоӣ Ҷомӣ шоду масрур гардида, бо камоли эҳтиром дар анҷоми достони «Хираднома Искандарӣ» чунин мегӯяд:

Суханро, ки аз равнақ афтода буд,
Ба кунҷи ҳавон[1] рахт биниҳода буд.
Ту додӣ дигарбора ин обрӯй!
Кашида ба майдони ин гуфтугӯй!
Сафоёб аз нури рои ту шуд!..
Навоӣ зи лутфи навои ту шуд!.

Алишери Навоӣ ҳар як асари нав иншокардаашро аз назари устоди худ – Ҷомӣ мегузаронд ва бо маслиҳатҳои судбахши ӯ асарҳояшро такмил медод. Мусаввадаи асарҳои Ҷомиро Навоӣ мутолиа карда, баъзан фикру андешаҳояшро ба устоди қадрдонаш изҳор мекард. Муносибати байни онҳо на ҳамчун устоду шогирд хуб буд, балки онҳо нисбат ба якдигар дӯстони наздику бовафо низ буданд. Навоӣ яке аз аввалин касонест, ки асарҳои устодашро ба забони туркӣ-ӯзбекӣ тарҷума намудааст. Масалан, тарҷумаи асарҳои «Нафаҳотулунс» ва «Шавоҳидуннубувват» ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Ҳангоми тарҷума забони фасеҳу каломи лутфомези Ҷомиро ба хубӣ нигоҳ доштааст.

Алишери Навоӣ пас аз вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар байни солҳои 1493–1494 «Хамсатулмутаҳайирин»-ро иншо мекунад. Ин асар ба хотираи устоди бузургвораш бахшида шудааст.

«Хамсатулмутаҳайирин» ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст. Вай аз дебоча, муқаддима, се мақола ё се фасл ва хотима иборат аст. Мавзӯи асосии асар баёни ҳаёту зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ ва муносибати байни онҳо, марсия дар вафоти Ҷомӣ, ёддоштҳои Навоӣ дар бораи Ҷомӣ, мактубҳои байни онҳо ва амсоли инро ташкил медиҳад.

Навоӣ дар бораи хоксорӣ, донишмандӣ, сӯҳбаторой ва дигар хислатҳои ҳамидаи Ҷомӣ дар муқаддимаи «Хамсатулмутаҳайирин» чунин менависад: «Касоне, ки овозаи камоли он касро шунида, роҳҳои дурро тай карда, ба сӯҳбати муборакашон меомаданд, он касро дар байни асҳоб аз ғояти поёнӣ мутлақо намешинохтанд; дар нишастухез, гуфтушунуфт, дар хӯроку пӯшок дар миёни он кас ва соири мулозимон тафовуте набуд. То касе аз

[1] *Ҳавон* – хорӣ, беиззатӣ.

илмҳои зоҳирӣ ва маънавӣ масъалаеро ба миён наандозад, ҳаргиз сафедро аз сиёҳ фарқ карданашон маълум намегардид, аммо пас аз ба миён гузошта шудани масъала маҳорат ва огоҳашон ба ҳамаи илмҳо дар чунон мартабае буд, ки ҳаргиз эҳтиёҷ ба дидани китобе надоштанд».[1]

Алишери Навоӣ чандин сол дар дарбори Ҳусайн Бойқаро вазир буд. Вай дар ин муддат ба халқ некиҳои зиёде кард. Навоӣ дар ҳар як кори давлатӣ бо Ҷомӣ маслиҳату машварат мекард. Ниҳоят игвои ҳасудон, корҳои беҳирадонаи шоҳ ба дили Навоӣ мезанад ва ӯ дарборро тарк карданӣ мешавад. Вале, ҳангоме ки ӯ бо Ҷомӣ маслиҳат мекунад, ризоғӣ намедиҳад, зеро барои осоиши халқ ва ободии мулк будани чунин вазирони хирадманди некандешро лозим мешуморад. «Фақир, – менависад Навоӣ, – дар вақтҳои дар мулозимати подшоҳ буданам аз он кас (аз Ҷомӣ) дар бораи халосии худам аз он кор ёрмандӣ илтимос мекардам, аммо он кас бо ҳар гуна суханон маро тасаллӣ дода ором мекарданд».

Ҷомӣ шахси сиёсатмадор набуд, вале авзои мулку раиятро хеле хуб мефаҳмид. Дар бисёр ҳолатҳо андешаҳои сиёсии Ҷомӣ бо Навоӣ як буданд. Онҳо дар асарҳояшон сулҳу осоишро илқо мекарданд ва дар зиндагӣ барои амалӣ гардидани сулҳу салоҳ ба ҳар роҳу восита саъю кӯшиш менамуданд. Масалан, Ҳусайн Бойқаро барои ба даст овардани Қундуз ба Афғонистон лашкар кашид. Албатта, дар ин ҷанг оммаи меҳнаткаш хонахароб мешуд, мамлакат вайрон мегардид: «Ба ин кори шоҳ Ҷомӣ ва Навоӣ муқобил буданд. Дар ин бора Навоӣ чунин менависад: «Ба тарафи Қундуз лашкар кашидани подшоҳ ба он кас (Ҷомӣ) ва ба ҳеҷ кас дилхоҳ набуд. Он кас ба фақир (ба Навоӣ) гуфта буданд, ки то метавонӣ, подшоҳро аз ин сафар боз дор ва агар мумкин нашуда ин сафар муқаррар шавад, бояд ба ман навишта фиристонӣ».

Дар «Хамсатулмутаҳайирин» зиёда аз 28 мактуб оварда шудааст, ки 15-тоаш аз Ҷомӣ ва 13-тои дигараш аз Навоӣ мебошанд. Дар дохили мактубҳо рубоӣ, қитъа, байт, ки дар ҷавоби якдигар суруда шудаанд, оварда мешаванд. Ин мактубҳо намунаи барҷастаи дӯстию рафоқати ин ду шахси бузург, ду марди хирадманданд. Асари мазкур аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Дӯстии байни Навоӣ ва Ҷомӣ то лаҳзаҳои охири ҳаёташон қатъ нагардид. Навоӣ дар марги устодаш ашки ҳасрат мерезад ва то як сол азодорӣ мекунад. Ӯ дар вафоти Ҷомӣ марсияи пурсӯзу гудоз эҷод мекунад.

Ба ҳамин тариқ, дӯстию ҳамкории ин ду фарзанди барӯманди тоҷику ӯзбек барои мустаҳкам гардидани муносибатҳои ин ду халқ саҳми босазо гузоштааст. Ин дӯстию ҳамкорӣ имрӯз ҳам инкишоф ёфта мустаҳкам мегардад.

---

[1] Алишери Навоӣ. «Хамсатулмутаҳайирин». – Сталинобод, 1961, саҳ. 12.

# НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

**Тазмин ва назира.** Тазмин калимаи арабӣ буда, маъноящ пазироидан, ё касеро, чизеро дар паноҳи худ гирифтан аст. Дар адабиёти бадеӣ шоир барои исботи фикр, қувват додани ақидаю омоли худ аз ашъори ягон адиби гузашта ё муосир байте ё мисрае дар шеъри худ илова мекунад. Ғайр аз ин, байти шоиреро гирифта, ба мазмун ва шакли он пайравӣ карда асар эҷод мекунад. Ин анъана дар адабиёти гузашта ва имрӯзаи мо хеле маъмул аст ва давом дорад. Масалан, дар намунаи поён Абдураҳмони Ҷомӣ ғазали машҳури Ҳофизи Шерозӣ «Агарчи бода фараҳбахшу бод гулбез аст»-ро дар чанд ҷои ғазалаш тазмин кардааст:

Қадам ба тарфи чаман нех, ки сабза навхез аст,
Шукуфа дар қадами дӯстон дирамрез[1] аст.
Мадеҳ ба бод гаронмоя умр[2] бо бода,
«Кунун ки бода фараҳбахшу бод гулбез аст».
Суруди маҷлиси ту, савти андалеб хуш аст,
«Ба бонги чанг маҳӯр май, ки мӯҳтасиб тез аст».
Гадои ишқи ту гирад ба садри мастаба[3] ҷо,
«Чӣ ҷои маснади Ҷамшеду тахти Парвез аст».
Бубин ба чашми тараҳҳум ба ҳолат, эй хоҷа,
«Ки ранҷи меҳнати ушшоқ роҳатомез аст».
Зи лутфи гуфтаи Ҷомӣ ҳама Хуросонро
Фурӯ гирифт, сухан дар Ироқу Табрез аст.

Ҳофиз бошад, дар байти зерин шеъри машҳури Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»-ро ба камоли маҳорат тазмин кардааст:

Хез, то хотир ба-дон турки Самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме».

Назира аз тазмин фарқ дорад. Ин фарқ пеш аз ҳама дар он аст, ки дар назира шоир ба вазну мазмун ва шакли асари назирашаванда риоя мекунад. Агар ба тарзи дигар гӯем, назирагӯӣ дар пеши аҳли қалам исбот намудани ҳунару қобилияти худ мебошад. Дар гузашта ин услуби шеърнигорӣ бо номҳои ҷавобия, татаббӯъ ва истиқболия низ ба назар мерасид.

Назиранависӣ асосан дар асрҳои XII–XIII хеле инкишоф ёфт. Дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ даҳҳо достонҳои эпикӣ – қаҳрамонӣ иншо шуданд.«Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ, «Барзунома»-и Хоҷа Ато ибни Яъқуб, «Шаҳриёрнома»-и Мухтории Ғазнавӣ ва ғайра чи аз ҷиҳати вазн ва чи аз ҷиҳати баёни ҳодисаҳо ба «Шоҳнома» монандии зиёде доранд.

Баъдтар, дар пайравии «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ достонҳои зиёде дар таърихи адабиётамон ба вуҷуд омаданд.

---

[1] *Дирам* – пул. Дар ин ҷо ба маънои чизи қиматбаҳост.
[2] *Гаронмоя умр* – умри азиз.
[3] *Мастаба* – тахт, суффа.

Вале назирагӯӣ бештар дар жанрҳои хурди адабӣ: қасида, ғазал, рубоӣ, китъа ва ғайра интишор ёфта буд.

Назирасароӣ як шакли мусобиқаи байни адибонро дошт. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки асарашон аз ҳар ҷиҳат аз асари назирашаванда боло бошад. Ин тарзи кор барои инкишофу тараққии назм роли бағоят муҳим мебозид. Шоирон саъй мекарданд, ки дар шеъри ҷавобияи худ мазмуни бикру тоза гӯянд ва санъати суханвариашон олӣ бошад. Аксарияти онҳо ба ин муваффақ мешуданд. Танҳо як қисмашон ба ин талабот ҷавоб дода наметавонистанд.

Чанд намуна.

**Муиззии Самарқандӣ (асри XII):**

Эй сорбон, манзил макун ҷуз дар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам бар рабъу атлолу[1] даман.

**Ҷавҳарии Заргар (асри XII):**

Эй тунди бадхӯ, сорбон, тундӣ макун бо корвон,
Манзил бад-ин давре макун, уштур бад-ин тезӣ марон.

**Саъдии Шерозӣ (асри XIII):**

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад,
Он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад.

Аз ин намунаҳои боло ба хулосае омадан лозим аст, ки ҷавобияи Саъдӣ чи аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва чи аз ҷиҳати забону тарзи баён дар пояи баланд меистад.

Ин анъана имрӯз ҳам дар адабиёти муосири тоҷик давом дорад. Адибон ба як қатор асарҳои классикон назира гуфта, ба ин восита ақидаю омоли гуманистӣ, халқпарварии онҳоро бо тарзу ифодаҳои ба худ хос тасвир менамоянд. Дар бисёр мавридҳо ба асарҳои шоирони гузашта дар сохти композитсионӣ, вазну қофиябандӣ пайравӣ карда, вале мазмуну идеяи тоза доранд. Мисоли равшани ин қасидаи «Кремл»-и Лоҳутӣ мебошад. Қасидаи мазкур дар ҷавоби қасидаи «Харобаҳои Мадоин»-и шоири асри XII Хоқонии Шервонӣ навишта шудааст. Ин ду қасида аз ҷиҳати вазн, қофиябандӣ ва сохти композитсионӣ бо ҳам монананд. Вале мазмуни онҳо хилофи якдигар аст. Хоқонӣ шукӯҳу савлати шоҳони Сосонӣ ва қасри Мадоинро ситоиш карда, аз нест шудани он бо сӯзу гудоз, бо дарду алами беинтиҳо сухан меронад. Лоҳутӣ бошад, Кремлро қасри озодию адолат, маркази сулҳи дунё ҳисоб карда, бо як ҳусни таваҷҷӯҳи беандоза дар бораи он ҳарф мезанад. Имрӯз равшан гардид, ки ситоиши Лоҳутӣ асосӣ қавӣ надошта, Кремл ҳам маркази зулму беадолатиҳо будааст.

[1] *Рабъу атлол* – ҷойҳои истиқоматии ободу ғайриободи қадимӣ.

**Савол ва супориш**

1. Кӯдакӣ ва наврасии Навоӣ чӣ хел гузашт? 2. Навоӣ дар куҷо таҳсил намуд ва кадом забонҳоро медонист? 3. Поёни умри Навоӣ чӣ гуна гузашт ва дар куҷо вафот намуд? 4. Навоӣ кадом асарашро дар бораи Ҷомӣ иншо намудааст? 5. Муносибати Навоӣ ба Ҷомӣ чӣ хел буд? 6. Кадом хислатҳои Ҷомиро Навоӣ ситоиш намудааст? 7. Дар бораи дӯстии ин ду тан шумо чӣ ақида доред? 8. Ба фикри шумо имрӯз дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек чӣ гуна аст? 9. Мероси адабии Навоиро асосан кадом асарҳо ташкил медиҳанд? 10. Мавзӯи ғазалҳои тоҷикии Навоиро гӯед. 11. Адиб дар китъаю рубоиёташ бештар ба кадом масъалаҳо аҳамият додааст? 12. Таърихи навишта шудани қасидаи «Тӯҳфатулафкор»-ро ҳикоят кунед. 13. Навоӣ дар ин қасида кадом масъалаҳоро бештар мавриди муҳокима қарор додааст? 14. Назира чист? 15. Оё дар замони мо дар адабиёти тоҷик назирагӯӣ вуҷуд дорад?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. С. Айнӣ. Навоӣ, Куллиёт, ҷил. 12, «Ирфон», Душанбе, 1978.
2. А. Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ, «Дониш», Душанбе, 1980.
3. А. Афсаҳзод. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. «Дониш», Душанбе, 1981.
4. Е. Э. Бертельс. Джами и Навои.
5. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986.

# КАМОЛИДДИН БИНОӢ (1453-1512)

*«Мавлоно Биноӣ аз табақаи миёна аст. Ҷои таваллудаш шаҳри Ҳирот мебошад. Қобилияти ӯ бағоят зиёд аст. Аввал ба таҳсил машғул шуд. Дар ин соҳа рушди тамом ҳосил намуд, ба хат ишқ пайдо намуд, ба андак фурсат хеле хушхат гардид. Ба мусиқӣ майл намуд, зуд омӯхт, хеле корҳо тасниф кард ва оид ба адвор рисолае навишт».*

**Алишер Навоӣ**

**Ҳаёти шоир**

Соли 1453 дар оилаи усто Муҳаммадхони Сабз тифле ба дунё меояд, ки аз он хурсандии волидайн ҳадду канор надошт. Падар ба ӯ Шералӣ ном мегузорад. Муҳаммадхон марди ҳунарманд, бинокору меъмор буд ва зиндагиашон фақирона мегузашт. Шералӣ дар мактаб нағз мехонд, ба сухани устодонаш диққат медод. Натиҷаи ҳамин саъю кӯшиш буд, ки ӯ бисёр илмҳои замонаашро ба хубӣ аз худ кард. Ӯ бештар ба забону адабиёт, таърих ва мусиқӣ майлу рағбат дошт. Ҳанӯз дар айёми мактабхониаш шеърҳои хуб менавишт. Дар ин бора худи шоир чунин мегӯяд:

Ёдам омад, ки баҳри касби адаб,
Мешудам тифл ҷониби мактаб.
Табъи мавзун маро ғаризӣ буд,
Фаҳми ман дар камоли тезӣ буд.
Сар зи ман завқи шеър бар мезад,
Шеърам аз рӯи завқ сар мезад.
Ҳар чӣ рӯ менамуд, мегуфтам,
Неку, бад-кар чӣ буд, мегуфтам.

Пайваста осори адибони гузашта ва муосири худро мутолиа карда аз бар менамуд. Баъд ба худ тахаллуси Биноӣ ва Ҳолиро интихоб мекунад. Вале ӯ бештар ба тахаллуси Биноӣ машҳур аст.

Биноӣ дар шаҳри Ҳирот зиндагӣ мекард ва дар он рӯзгор Ҳирот яке аз марказҳои асосии илму адаб ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, дар сабзиши ӯ роли мактаби адабии Ҳирот басо бузург аст. Биноӣ яке аз шогирдони беҳтарини Абдураҳмони Ҷомӣ буда, баъдтар ба дарбори Ҳусайн Бойқаро даъват мешавад.

Мақому шӯҳрати Биноӣ дар байни хосу ом, аҳли илму адаб зиёд мегардад. Биноӣ на танҳо бо шеърҳои намакинаш дар байни мардум машҳур мегардад, балки дар донистану иншо намудани илмҳои мусиқӣ, таърих ва ғайра ангуштнамои замонаш буд. Ӯ доир ба илми мусиқӣ ду рисо-

лаи илмӣ таълиф намуд. Илова бар ин, ба шеърҳояш оҳанг баста, суруд мехонд. Шоир бо камоли ифтихор дар ин бора мегӯяд:

Ёдам омад, ки дар овони шубоб,
Будам дар гуфтугӯ чу оташу об.
Шеъри ман шӯҳрати тамоме дошт.
Дар мамолик зуҳури оме дошт.
Сад ғизол аз ғазал шуда ромам.
Ба муаммо баромада номам.
Дар баёни улуми таҳқиқӣ,
Карда касби фунуни мусиқӣ.
Доим аз нақши тоза бар тоза,
Буд дар ҳар мақомам овоза.
Маҷлиси ому хосу шоҳу гадо,
Дошт аз савти ман садову нидо.

Биноӣ гумон дошт, ки дарбор ҷои олимон ва шоирони бузург аст. Дар он ҷо кас метавонад асарҳои шоиста эҷод кунад. Вале баъд аз он ки бо аҳли дарбор шинос мешавад, мебинад, ки дар байни олимон, донишмандон ва адибони бузург як гурӯҳ лаганбардорон, хушомадгӯён ва ниҳоят одамони пасту разил низ ҷамъ омада, ҳамеша аз пайи озори якдигар мебошанд. Ба муқобили аҳли фазлу хирад шеърҳои ҳаҷвӣ эҷод карда, онҳоро масхара менамоянд. Биноӣ дар байни онҳо чанде зиндагӣ карда, аз фитнаю найранги ҳасудон, шоирони маддоҳ ба фарёд меояд ва азобу ранҷи зиёде мекашад. Байтҳои зерин ҳаёти онрӯзаи шоирро хеле барҷаста инъикос намудаанд:

Ситамгаро, фалако, каҷраво, ҷафокоро!
Нагӯямат, ки маро мулки подшоҳӣ деҳ.
Туню кӯҳнаработи хароб бар сари роҳ,
Зи ҳар кӣ хоҳӣ, ситонӣ, ба ҳар кӣ хоҳӣ, деҳ!

Биноӣ аз ҳасудон халосӣ ҷуста, соли 1487 аз шаҳри Ҳирот баромада ба Табрез меравад. Шоир баъд аз 4 сол, яъне соли 1491 боз ба Ҳирот меояд. Вале дар ин вақт Осиёи Миёна ва Хуросон майдони ҳарбу зарбҳои хунин қарор гирифта буд. Ҳуҷуми Муҳаммад Шайбонӣ ва Шоҳ Исмоили Сафавӣ мамлакатро нотинҷ ва халқро қашшоқ гардонид. Биноӣ маҷбур шуд, ки як макони осудае ёбад, то ки солҳои охирини ҳаёти худро каме оромтар гузаронад. Аввал ба Самарқанд меравад. Чанд муддат зиндагӣ мекунад. Вале аҳволаш беҳ намешавад, ба қадраш касе намерасад:

Дар Самарқанд агарчӣ беқадрам,
Чун Умар дар вилояти Кошон,
На ба ирфони ман касеро илм,
На касеро ба илми ман ирфон.
Дар ғарибӣ агарчи беқадрам,
Чун камар дар авохири мизон.

Аз ҳамин сабаб ба Қаршӣ меравад. Вале дар тирамоҳи соли 1512 лашкари Шоҳ Исмоили Сафавӣ бо сардории Наҷми Сонӣ барои забти Мовароуннаҳр лашкар кашид. Бисёр шаҳру ноҳия ва деҳаҳои ободро вайрон карда, мардумро бехонумон гардонд. Аз ҳама ваҳшонияте, ки ин сардори му-

таассиб дар ин кишвар кард, қатли оми мардуми Қаршӣ буд. Дар ин куштор, ки соли 1512 ба амал омад, Камолиддин Биноӣ дар қатори садҳо ҳазор мардуми бегуноҳ дар айёми ҷӯшу хурӯши эҷодӣ аз байн рафт.

Дар бораи марги фоҷиавӣ ва мероси адабии Биноӣ ҳамасри шоир муаллифи «Шоҳаншоҳнома» чунин мегӯяд: «Рақами қатли ом бар номи тамоми сиғор ва кибор (хурд ва калон)-и он диёр (Қаршӣ) кашид... ва қариби понздаҳ ҳазор одамӣ аз зан ва мард, хоҳ аҳли силоҳ ва хоҳ аҳли набард арсаи теғ ва синони эшон гаштанд. Мавлоно Биноии Хуросонӣ, ки афзали шуарои Ҳирот буд ва муддате буд, ки сокини билоди Мовароуннаҳр шуда буд, аз осори ӯ назм ва наср дар миёни аҳли камол боқӣ, дар он қатли ом арсаи теғи тақдир шуд».

**Мероси илмию адабии шоир**

Биноӣ чи дар назму чи дар наср ба мо аз худ мероси бойе гузоштааст. Аввалан, доир ба қоидаю қонуни илми мусиқӣ ва амалияи он ду рисола таълиф кард, ки мутаассифона то замони мо нарасидаанд. Сониян, дар наср ду асари таърихӣ: «Шайбониинома» ва «Футуҳоти хонӣ»-ро иншо намуд, ки онҳо дар бораи ҳодисаҳои таърихии нимаи аввали асри XVI, ки дар Мавароуннаҳру Хуросон ба вуқӯъ омада буданд, баҳс мекунанд.

Асарҳои номбурда барои равшан намудани бисёр масъалаҳои таърихӣ ба муаррихони имрӯза кӯмаки калон мерасонанд.

Вале асосан Камолиддин Биноӣ шоир аст ва дар эҷодиёти ӯ назм мавқеи калон дорад. Дар мероси адабии шоир қариб ҳамаи жанрҳои хурди лирикӣ: ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ ва ғайраро дидан мумкин аст. Аммо ғазал дар мақоми аввал меистад. Биноӣ дар ғазалсароӣ пайрави Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавист. Дар ин бора шоир дар мақтаи як ғазалаш мегӯяд:

Биноӣ мешавад охир баландовоза чун Хусрав,
Ки дар таври ғазал тарзи Ҳасан меоварам берун.

Ё:

Биноӣ дар тарики шеър мерафт аз пайи Хусрав,
Ки дар тарзи ғазал ҳамроҳ шуд тарзи Ҳасан бо ӯ.

Мавзӯи ғазалиёти шоир гуногунанд. Шоир муҳаббати поки инсон ва саодату меҳнати ӯро дар ғазалиёташ хеле зебо ба қалам додааст.

Тавре ки аз тарҷумаи ҳоли шоир бар меояд, бештари ҳаёти адиб дар ғарибӣ, дурӣ аз Ватану, ёру диёр гузаштааст ва дар ғарибӣ зиндагиро падруд гуфтааст. Албатта, ин ба эҷодиёти адиб таъсири калон расонид. Аз ин чост, ки мавзӯи ғарибӣ – ёди Ватан, хешу ақрабо дар лирикаи ӯ мавқеи калон дорад. Қаҳрамони лирикӣ ёди ёру диёр карда, оби чашмаш шашкатор мерезад, оҳи сард аз дили пурдард мекашад ва худашро ба шахси мотамзада, ғамзада, аламзада монанд мекунад:

Дар ғарибӣ ҳама шаб ғамзадаеро монам,
Ваҳ, куҷо ғамзада, мотамзадаеро монам.

Рӯз ҳам аз ситами гардиши гардун чу ҳилол,
Шаҳрбигрехта-мотамзадаеро монам.
Шаб чунон, рӯз чунин мегузаронам ношод,
Ҷон он аст, агар ғамзадаеро монам.
Не сари оламиён дораму не оламашон,
Пушти по бар ҳама оламзадаеро монам.

Биноӣ намояндаи табақаи поёни ҷамъият аст. Табиист, ки зиндагии мардуми ин табақа бо азобу машаққат мегузашт. Нони серӣ ва тани пӯшидаро намедиданд. Рӯзгори Биноӣ чи дар ватан ва чи дар ғарибӣ ҳамин тавр қашшоқона мегузашт. Ӯ саъю кӯшиш карду илм омӯхт, дар ин роҳ ранҷу сахтиҳои зиёде дид, аммо ба муроди дил нарасид. Бинобар ин шикояти қаҳрамони лирикӣ аз замонаи бемурувват на танҳо ба рӯзгори адиб дахл дорад, балки шикояти садҳо, ҳазорҳо мардуми бечораю бенавост. Ба ҳамин тариқ, дар тасвири шоир образи қаҳрамони лирикӣ характери ҷамъбастӣ мегирад. Ин мазмун дар ғазали зер амиқу равшан ба қалам дода шудааст:

Дар умри худ муроди диле ҳосилам набуд,
В-аз умр як нафас ба муроди дилам набуд.
Бе дарду ғам наям нафасе, гӯӣ аз азал,
Ҷуз дарду ғам сиришта дар обу гилам набуд.
Эй дил, магӯ, ки сабр чаро ёриат накард,
Бечора мурду воқеае мушкилам набуд.
Будам ба ҳоли хеш, Биноӣ, тамоми умр,
Ҳаргиз хаёли мозию[1] мустақбилам[2] набуд.

Бештари қитъаю рубоиёти шоир мавзӯъҳои панду ахлоқӣ доранд. Биноӣ дар онҳо ахлоқи ҳамидаи инсониро ситоиш намуда, инсонҳоро ба поквиҷдонию ростқавлӣ, хоксорию накӯкорӣ ҳидоят мекунад. Дар баробари ин дар бисёр қитъаю рубоиёташ ашхоси мутакаббир, дилсиёҳ, золим ва беадолатро мазаммату накӯҳиш намудааст. Биноӣ баъзан дар рубоиёташ ҳаёти қашшоқонаашро тасвир намуда, таъкид менамояд, ки агар шахс барои қонеъ намудани қути лоямути худ ва аҳлу аёл чизе надошта бошад, ӯ наметавонад илму фарҳанг омӯзад, асар эҷод кунад, умуман рӯзгорашро пеш барад. Албатта, ин фикр воқеӣ ва табиист. Барои исботи фикр Биноӣ худашро мисол мегирад. Ба ин восита аз зиндагӣ, аз замона шикоят менамояд:

Онро, ки на хӯрдан асту на пӯшидан,
Дар илму ҳунар куҷо тавонад кӯшид?

Биноӣ дар қасидасароӣ низ дасти тавоно доштааст. Шоир асосан дар ин масъала ба анъанаи қасидасароёни гузашта пайравӣ кардааст. Дар эҷодиёти адиб қасидаҳои мадҳӣ ва ҳасбиҳолӣ бештаранд. Масалан, шоир дар қасидаи «Маҷмаулғароиб», ки соли 1498 навишта шуда, аз 501 байт иборат аст, фазилатҳои хуб, донишу истеъдоди баланди Алишер Навоиро ситоиш намудааст:

---

[1] *Мозӣ* – гузашта, пешина.

[2] *Мустақбил* – оянда.

Ман чӣ гӯям, ки аз фазоили ту,
Ҳар чӣ гӯянд, ҳаст сад чандон.
Гар ба тадвин[1] расад фазоили ту,
Натавон забти ӯ ба сад девон...
Он чӣ рондам зи давлати ту сухан,
В-он чӣ додам зи дониши ту нишон.
Нест иғроқи шоирона дар ин,
Нест тахъили[2] мунши̇ёна дар он.
Бегумон воқеъ асту ҳаст яқин,
Не яқин собит асту нест гумон.

Яке аз муҳимтарин хусусияти қасидаҳои шоир дар он аст, ки содаю равонанд. Онҳоро кас хонда бузургӣ, зебоӣ ва назокату латофати инсонро дарк мекунад. Махсусан ташбиби қасидаҳо пуробуранг буда, дилро ба шӯру хаяҷон меоранд. Ин қисмати қасидаҳо бештар ба ғазал шабеҳанд. Ба тамом риоя кардани таносуби сухан, истифода кардани санъатҳои шеърӣ ва калимаю ибораҳои рехтаи халқӣ ба каломи шоир ҳусну таровати махсус бахшидаанд. Барои исботи фикр ташбиби қасидаи зерро гирем:

Лола рух бинмуд, оламро гулистон кард боз,
Кӯҳро доман пур аз лаъли Балахшон кард боз.
Ғунчаи гул бар гиребон тугмаи ёқут дошт,
Гул ба нохунҳои рангинаш гиребон кард боз.
Бо всон сабз омад сабза бар атрофи ҷӯй,
Хизр, пиндорӣ, ҳавои Оби Ҳайвон кард боз.
Ғунчаи наргис зи тоби гул назар барбасту гуфт:
«Бар рухи хуршеди рахшон дида натвон кард боз».
Ҷоми зар моиласт бар симин табақ наргис, нигор
Хешро аз соқиёни базми султон кард боз.

Чунон ки мебинед, дар ин ташбиб ҳар як калимаю ибора дар ҷояш бамавқеъ омадааст. Хонанда аз ин намуна зебоии забони модариашро ба хубӣ эҳсос мекунад. Дар пеши чашм баҳор бо тамоми шукӯҳаш ҷилвагар мешавад. Шукуфтани лола, сабзу хуррам гардидани дашту ҳомун, аз нав эҳё гардидани зиндагии инсонҳо ва олами набототу ҳайвонотро шоирона ситудааст. Ба ин восита адиб таъкид менамояд, ки ҳар як шахс аз ин зебоиҳо оқилона бояд истифода барад.

**Достони «Беҳрӯзу Баҳром»**

Достони «Беҳрӯзу Баҳром» дар эҷодиёти шоир мақоми аввал дорад. Асар дар муддати 10 сол навишта шудааст ва 7702 байтро дар бар мегирад. Тахмин меравад, ки соли 1507 маснавӣ ба анҷом расидааст. Мақсади шоир аз эҷоди достон дар чист? Худи Биноӣ ба ин савол ҷавоб дода чунин мегӯяд:

Ҳар китобе, ки буд дар ахлоқ,
Ҷустам, аз ҳар кӣ буд дар офоқ.

[1] *Тадвин* – таълиф кардан, иншо намудан.
[2] *Тахъил* – хаёл кардан, гумон кардан, тасаввур намудан.